**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА**

**ВБД: 1 (091) (575.3)**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**МУЛЛОБОТУР МУЛЛОБАҲОДУР**

# ИФРОТГАРОИИ ДИНӢ: ШАКЛҲО ВА САБАБҲОИ ПАЙДОИШИ ОН ДАР ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОНӢ (ТАҲЛИЛИ ФАЛСАФӢ – ИҶТИМОӢ)

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои фалсафа аз рӯи
ихтисоси 09.00.11– Фалсафаи иҷтимоӣ

Роҳбари илмӣ:
Доктори илмҳои фалсафа,
профессор Маҳмадизода Н.Д.

Данғара - 2023

# МУНДАРИҶА

**ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО**.............................................. 3
**МУҚАДДИМА**.............................................................................. 4
**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ**.............................................. 12
**БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ ИФРОТГАРОИИ ДИНӢ ДАР НИЗОМИ ДОНИШҲОИ МУОСИР**.................................................... **20**
1.1. Ифротгароии динӣ: мафҳум, моҳият ва хосиятҳои асосии он.......................................................................................... 20
1.2. Омилҳо, сарчашмаҳо ва шаклҳои зуҳуроти ифротгароии динӣ дар шароити муосири инкишофи ҷомеа .......................................... 42
1.3. Асосҳо ва заминаҳои арзишиву меъёрии ташаккули ифротгароии динӣ.............................................................. 68
**БОБИ II. МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ИФРОТГАРОИИ ДИНӢ ВА ПЕШОМАДИ ОН ДАР ШАРОИТИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОНӢ** 88
2.1. Таҳдиду хатари ифротгароии динӣ ҳамчун ҳаракати иртиҷоӣ дар ҷомеаи муосир.......................................................................... 88
2.2. Заминаҳо, воситаҳо ва самтҳои асосии мубориза бо ифротгароии динӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ.................................... 110
2.3. Пешомади муқовимат бо ифротгароии динӣ дар шароити Тоҷикистон........................................................................... 130
**ХУЛОСА**
Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия............................................ 152
Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот................ 157
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА**................................ 151
Интишорот аз рӯйи мавзуъи диссертатсия...................................... 184

# ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

САҲА – Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

СҲШ – Созмони ҳамкориҳои Шанхай

КҶ ҶТ – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ТЭТ ҲНИ – Ташкилоти экстремистию террористии Ҳизби наҳзати исломӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мураккабӣ ва номутаносибии инкишоф, ки аз падидаву ҳодисаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ бармеоянд, хусусияти объективии раванди гузариши таърихӣ ба ҳисоб мераванд. Ба ҳайси чунин падидаҳои манфии давраи гузариш "ифротгароӣ", бахусус "ифротгароии динӣ" баромад менамояд, ки бо фишору зӯроварӣ, истибдод, бераҳмиву золимӣ алоқаманд буда, ба амнияти ҳаёти шахсии одамон, оила ва ҷомеа таҳдид ва хатарро ба миён меорад.

Ифротгароии динӣ яке аз шаклҳои ифротгароӣ аст, ки дар асоси ғояҳо ва таълимотҳо, арзишҳо ва меъёрҳои қолабӣ пайдо гардида, бо шиорҳои "динӣ" зуҳур менамояд. Ба ин ҷанбаҳо пайравӣ намуда, дар шакли ниҳоии бунёдии динӣ ифротгароии диниро тавлид менамояд. Ифротгароии динӣ ҳамчун пайравӣ ба ақида ва амалҳои ниҳоӣ дар кӯшиши тағйирдиҳии ҷаҳони беруна мувофиқи ақида ва арзишҳои муайяни динӣ тасниф карда мешавад.

Зуҳурот ва паҳни ҳаракат ва созмонҳои ифротгароии динӣ тамоми ҷомеа ва динҳои расмии анъанавиро ба ташвиш овардааст. Воқеияти фазои маънавию психологии кишварҳои мухталиф, аз ҷумла кишварҳои рушдкунанда нишон медиҳад, ки дар шароити имрӯза, аз як тараф онҳо, объекти ғасби идеологии кишварҳои бузурги ҷаҳонӣ гардида, аз тарафи дигар, ба доираи васеи ифротгароӣ дохил шудаанд. Дар чунин шакл паҳн гардидани ифротгароии динӣ дар кишварҳои тозаистиқлол, пеш аз ҳама, бо омилҳои ифротии берунӣ алоқаманд аст. Дар дохили кишварҳои мазкур низ неруҳои ҷамъиятӣ-иҷтимоӣ ташаккул ёфтаанд, ки дар фаъолияти худ аз шиорҳои иғвоангезу ифротӣ истифода менамоянд. Заминаҳои асосии чунин неруҳои ҷамъиятӣ - иҷтимоӣ ва ифротӣ, албатта, аз «ҷаҳони ислом» сарчашма мегиранд, ки дар доираи равандҳои ҷаҳонишавӣ паҳншавии онҳо душвориеро ба миён намеорад.

Соли 2021 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуда буд, ки «фаъолияти ҳаракат ва ҷараёнҳои ифротгарой, радикалӣ ва хурофотпарастӣ яке аз омилҳои асосии хатарзо барои имрӯзу фардои Тоҷикистон ва дигар ҷомеаҳо ба шумор меравад ва аз мо андешидани чораҳои муштаракро талаб менамояд»[1].

Сабабҳои пайдоиш ва паҳншавии ифротгароии динӣ метавонанд гуногун бошанд: иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ғоявӣ, сиёсӣ, динӣ, психологӣ ва ғ. Аммо, сабаби дақиқ ва саҳеҳи ифротгароии динӣ сатҳи иттилоотонии шаҳрвандон оид ба хусусиятҳои мазҳабҳои мухталиф, ё ҷой надоштани донишҳои пурра дар бораи дин мебошад. Маҳз ба тариқи дақиқ ва саҳеҳ муайян намудани сабабҳои асосии пайдоиши ифротгароии динӣ имконият медиҳад, ки роҳҳо ва воситаҳои асосии мубориза бо он таҳия ва амалӣ карда шаванд.

Зуҳурот ва паҳншавии фаъолияти ҳаракату созмонҳои ифротгарой тамоми ҷомеаҳо ва динҳои суннатиро ба ташвиш овардааст. Баҳсу мунозираҳо дар атрофи созмону ҳаракатҳои ифротӣ баррасӣ ва баҳогузории объективии онҳоро талаб менамояд. Ҳолати воқеии дину диндорӣ дар Тоҷикистон дар самти зуҳуроти ифротгароии динӣ диққати ҷиддии мақомоти қонунгузорӣ ва ҳифзи ҳуқуқро талаб менамояд.

Аз ин хотир зарур аст, ки ифротгароии динӣ, чорабиниҳои самараноки огоҳнамоӣ ва мубориза бар зидди ин падидаи номатлуб дар ҷомеа мавриди пажӯҳиши илмӣ ва академӣ қарор дода шавад. Лекин, ҷой надоштани таснифоти мафҳуми «ифротгароии динӣ» дар қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон дар коркарди асосҳои назарияи умумии мубориза бар зидди ифротгароии динӣ мушкилотро ба миён оварда, ба ташаккули ақидаҳои мухталифи илмӣ мусоидат менамояд.

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 21.12.2021 [Захираи электронӣ]. – URL: http://president.tj/node/27417 (санаи муроҷиат: 15.07.2022)

Албатта, чунин ҳолат боиси нопуррагӣ, аз ҳамдигар ҷудо будани ақидаҳо ва хосияти фарқкунандагии таърифоти рисолаҳои илмӣ ҷиҳати ошкор ва бартараф намудани ифротгароии динӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, дар асоси ҷанбаҳои зикргардида таҳқиқи объективии ифротгароӣ, фаъолгардии ифротгароии динӣ, ошкор намудани омилҳо, заминаҳо, шаклҳои зоҳиргардии ифротгароии динӣ вазифаҳои муҳими илмӣ ба ҳисоб меравconfiguredанд. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснокнамоии таҳлили фалсафӣ-иҷтимоии ифротгароии динӣ баррасӣ мегардад. Таҳлил ва баррасии ифротгароии динӣ ва шаклҳои ниҳоии зоҳиршавии он дар шароити муосир на танҳо аҳамияти илмӣ-методологӣ, балки аҳамияти бузурги амалиро низ доро мебошад, ки муҳиммияти таҳқиқоти диссертатсиониро боз ҳам зиёдтар менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар шароити имрӯза омӯзиш ва баррасии ифротгароии динӣ дар доираи илмҳои фалсафа, сотсиология, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқшиносӣ амалӣ мегардад. Миқдори зиёди таҳқиқотҳо ба ифротгароӣ бахшида шудаанд, зеро аксарияти муҳаққиқон дар сатҳҳои гуногун ба омӯзиши ҷанбаҳои мухталифи ин падида таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Таҳлил ва баррасии сарчашмаҳои мухталиф, ки ба масъалаи ифротгароӣ, аз он ҷумла ифротгароии динӣ бахшида шудаанд, имконият медиҳад, ки онҳоро ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо намуд.

Масъалаҳои мухталифи пайдоиши ифротгароӣ, табиат ва хусусияти ҳаракатҳои ифротии динӣ, бунёдгароии динӣ, таҳлили шабакавии фаъолияти иғвоангезию ифротгароӣ аз тарафи Ж. Кёпел, Х. Декмеджян, Э. Сивана, Ҷ. Корбин, К. Макколи, М. Юргенсмейер, Ҷ. Хорган, А. Мерари ва ғ. мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.[1]

[1] Ниг.: Kepel, G. Muslim Extremism in Egypt: The Prophet and Pharaoh / G. Kepel. – Berkeley: Univ. of Calif. Pr., 2003; Kepel, G. Jihad: The Trial of Political Islam / G. Kepel. – Cambr (Mass.): Harvard Univ. Pr., 2006; Dekmejian, R.H. Islam in Revolution: Fundamentalism in the Arab World / R.H. Dekmejian. – Syracuse (N.Y.): Syracuse Univ. Pr., 1995. – 324 p; Sivan, E. Radical Islam: Medieval Theology and Modern Politics / E. Sivan. – New Haven (Conn.): Yale Univ. Pr., 1990. Дж. Корбин, К. Макколи, М.

Фаъолияти созмонҳои ифротгароӣ, исломи тафритӣ, ифротгароии динӣ, ғоявӣ ва сиёсӣ аз ҷониби муҳаққиқони рус В.Е. Петришев, К.В. Жаринов, С.А. Лантсов, Н.В. Жданов, Л.И. Медведко, С.В. Дяков, Ю.И. Авдеев, С.М. Ермаков, Н.Б. Лебедева, А.И. Гушер, К.Н. Бурханов ва дигарон таҳқиқ шудаанд.[1]

Дар асарҳои илмию таҳқиқотии худ Н.Б. Лебедева ба зуҳуроти ифротгароӣ диққати махсус равона намуда, қайд мекунад, ки дар шароити имрӯза ҳеҷ як давлат аз ифротгароён, ки амали онҳо характери байналхалқӣ гирифтааст, эмин буда наметавонад. Ӯ ҷанбаҳои глобалӣ ва минтақавии мубориза бо ифротгароиро муайян намуда, роҳҳо ва воситаҳои самараноки мубориза бурданро муайян менамояд.[2]

---

Юргенсмейера; Horgan, J. The Psychology of Terrorism / J. Horgan. – L.: Routledge, 2005. – 199 p; The Psychology of Terrorism. Ed. B.M. Bongar. Oxf. Oxf. Univ. Pr., 2005. 492; Merari A. The Readiness to Kill and Die: Suicidal Terrorism in the Middle East / Origins of Terrorism: Psychologies, Ideologies, Theologies, States of Mind. Ed. W. Laqueur. Washington (D.C.): Woodrow Wilson Center Pr., 1990. – P.192-207.

[1] Ниг.: Петрищев, В.Е. Заметки о терроризме [Текст] / В.Е. Петрищев. – М.: Эдиториал УРСС, 2001; Жаринов, К.В. Терроризм и террористы: ист. Справочник [Текст] / К.В. Жаринов; Под общ. ред. А.Е. Тараса. – Минск: Харвест, 1999. – 604 с; Ланцов, С.А. Террор и террористы [Текст] / С.А. Ланцов. – СПб.: Изд-во С.-Петерб. Ун-та, 2004. – 127 с; Иванич, Ю. Наркотики и терроризм [Текст] / Ю. Иванич. – М.: Вече, 2005. – 464 с; Жданов, Н.В. Исламская концепция миропорядка [Текст] / Н.В. Жданов. – М.: Междунар. отношения, 2003. – 568 с; Медведко, Л.И. Россия, Запад, ислам: «столкновение цивилизаций»? [Текст] / Л.И. Медведко. – М.: Кучково поле, 2003. – 509 с; Дьяков, С.В. Актуальные проблемы правового регулирования борьбы с терроризмом [Текст] / С.В. Дьяков // Международный терроризм: истоки и противодействия. Материалы научно-практической конференции, 18-19 апреля 2001 года: Сб. статен. – СПб.: Секретариат Совета Межпарламентской Ассамблеи государств-участников СНГ, 2001. – С.65-72; Авдеев, Ю.И. Терроризм как угроза безопасности России в начале XXI века [Текст] / Ю.И. Авдеев // Международный терроризм: истоки и противодействия. Материалы международной научно-практической конференции. Санкт-Петербург, 18-19 апреля 2001 года. Сб. статей. – СПб.: Секретариат Совета Межпарламентской Ассамблеи государств-участников СНГ, 2001. – С.99-112; Ермаков, С.М. Понятийные аспекты терроризма [Текст] / С.М. Ермаков // Терроризм - угроза человечеству в XXI веке. – М.: «Крафт+», 2003. – С.49-61; Лебедева, Н.Б. Борьба с терроризмом: глобальные и региональные аспекты [Текст] / Н.Б. Лебедева // Терроризм - угроза человечеству в XXI веке. – М.: «Крафт+», 2003. – С.222-242; Гушер, А.И. Проблема терроризма на рубеже третьего тысячелетия новой эры человечества [Электронный ресурс] / А.И. Гушер. – Режим доступа: http://www.nbuv.gov.ia/texts/polit/oievnech.htm; Экстремизм в Центральной Азии / Под общей редакцией К.Н. Бурханова. – Алматы, 2002. – 108 с.

[2] Лебедева, Н.Б. Борьба с терроризмом: глобальные и региональные аспекты [Текст] / Н.Б. Лебедева // Терроризм - угроза человечеству в XXI веке. – М.: «Крафт+», 2003. – С.222-242.

Илова бар ин дар баррасии заминаҳои иҷтимоиву иқтисодии пайдоиши ифротгароӣ таҳқиқоти илмии А.М. Василев мавриди таҳлил ва хулосабарорӣ қарор дода шудааст.[1]

Ғайр аз ин, хусусиятҳои хос ва нишонаҳои ифротгароии динӣ дар таҳқиқоти М.А. Алиев, Е.Л. Забарчук, В.А. Бурковская, В.В. Лапаева, С.Н. Фридинский, П.Н. Кобетс, З.С. Арухов, Ч.С. Лейбман, Д.Н. Зяблов, Б.А. Райзберг, А.А. Лисенко, И.П. Добаев, А.А. Шамолов, С.В. Иванеев, А.А. Нуруллаев, А.П. Забияко ва дигарон мавриди пажӯҳиш қарор дода шудаанд.[2]

Дар омӯзиши ҷанбаҳои таърихии зуҳуроти ваҳоббия ва мазҳабпарастӣ муҳаққиқони хориҷӣ, ба монанди А.Е. Беляев, А.И.

---

[1] Васильев, А.М. Пуритане ислама? Ваххабизм и первое государство Саудитов в Аравии (1744/45-1818) [Текст] / А.М. Васильев. – М.: Наука, 1967; Его же: История Саудовской Аравии (1745-1973) [Текст]. – М.: Наука, 1982, 1997.

[2] Ниг.: Алиев, М.А. Характер общественной опасности ваххабитско-религиозного экстремизма и его уголовно-правовое определение [Текст] / М.А. Алиев // Российский следователь. – 2008. – №5. – С.17-18; Забарчук, Е.Л. Религиозный экстремизм как одна из угроз безопасности российской государственности [Текст] / Е.Л. Забарчук // Журнал российского права. – 2008. – №6. – С.3-10; Бурковская, В.А. Криминальный религиозный экстремизм: уголовно-правовые и криминологические основы противодействия [Текст]: дисс. ... д-ра юрид. наук / Бурковская Виктория Алексеевна. – М., 2006. – 469 с; Лапаева, В.В. Политический и религиозный экстремизм: проблемы совершенствования законодательства [Текст] / В.В. Лапаева // Законодательство и экономика. – 2001. – №10. – С.5; Фридинский, С.Н. Религиозный экстремизм как идеология, используемая при совершении преступлений экстремистской направленности [Текст] / С.Н. Фридинский // Российский следователь. – 2008. – №12. – С.25; Кобец, П.Н. Основные факторы, способствующие совершению преступлений экстремистской направленности со стороны религиозных тоталитарных сект, действующих в России [Текст] / П.Н. Кобец // Российский следователь. – 2007. – №22. – С.18-21; Арухов, З.С. Экстремизм в современном исламе. Очерки теории и практики [Текст] / З.С. Арухов. – Махачкала: Агентство «Кавказ», 1999. – 162 с; Liebman, Ch.S. Extremism as a religious norm / Ch.S. Liebman // Journal of the scientific study of religion. – 1983. – №22(1). – P.75-86; Зяблов, Д.Н. Особенности религиозного экстремизма в современной России: историко-правовые аспекты [Текст] / Д.Н. Зяблов // Исторические, философские, политические и юридические науки, культурология и искусствоведение. Вопросы теории и практики: в 4 ч. – Тамбов, 2011. – №5(11). – Ч.2. – С.97-100; Hall, J.R. Apocalypse Observed: Religious Movements and Violence in North America, Europe, and Japan / J.R. Hall, P.D. Schuyler, S. Trinh. – L.: Routledge, 2000. – 240 p.; Райзберг, Б.А. Экстремизм: истоки проявления и способы противодействия [Текст] / Б.А. Райзберг, А.А. Лысенко. – М., 2015. – 86 с; Шамолов, А.А. «Исламское государство» и причины вербовки молодежи из региона Центральной Азии [Текст] / А.А. Шамолов // Материалы международной конференции «Ислам против религиозного экстремизма и терроризма». – Душанбе, 2015. – С.68; Иванеев, С.В. Экстремизм, фундаментализм и терроризм под флагом ислама [Текст] / С.В. Иванеев // Военно-юридический журнал. – 2010. – №12. – С.18-22; Нуруллаев, А.А. Религиозно-политический экстремизм [Текст] / А.А. Нуруллаев // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Политология. – 2003. – №4. – С.80-92; Забияко, А.П. Экстремизм религиозный [Текст] / А.П. Забияко // Религиоведение. Энц. словарь. – М., 2006. – С.1220.

Першитс, М. Чураков, П. Светков, А.О. Филоник, А.И. Вавилов, И. Голдсиер, А. Мюллер, М. Гаммер ва дигарон саҳми арзишманд гузоштаанд.[1]

Дар омӯзиши ифротгароии динӣ олимони шуравӣ низ саҳми худро гузоштаанд. Масъалаҳои мухталиф ва шарту шароити ташаккулёбии ифротгароии динӣ дар асарҳои А.И. Клибанов, Л.Н. Митрохин, И.И. Брежник, Э.Г. Филимонов, Г.С. Лялина ва чанде дигарон мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор дода шудаанд.[2]

Олимони ватанӣ низ дар омӯзиши ифротгароии динӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Масъалаҳои мухталифи ифротгароии динӣ дар шароити Тоҷикистон дар асару мақолаҳои Қ. Нурулҳақов, Ф. Баротзода, Н.Д. Маҳмадизода, Г.Н. Зокиров, И. Асадуллаев, Д. Назиров, Г.Д. Мирзоев, С. Олимова, М. Олимов, С. Шарипов, А. Раҳнамо, И. Усмонов, Х. Холиқназар, Ҷ.З. Маҷидзода ва дигарон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.[3]

---

[1] Ниг.: Беляев, А.Е. Мусульманское сектантство [Текст] / А.Е. Беляев. – М., 1957; Першиц, А.И. Хозяйство и общественнополитический строй Северной Аравии в XIX-первой трети XX в. Историко-этнографические очерки [Текст] / А.И. Першиц. – М.: Наука, 1961; Чураков, М. Новая история Неджда Амина ар-Райхани как источник по этнографии Центральной Аравии [Текст] / М. Чураков // Советская этнография. – М., 1960. – №1; Цветков, П. Исламизм. Ислам и его секты [Текст] / П. Цветков. – Ашхабад, 1913. – Т.4; Филоник, А.О. Саудовская Аравия: поиски внутренней гармонии [Текст] / А.О. Филоник, А.И. Вавилов. – М.: ИВ РАН: Ин-т изучения Израиля и Ближнего Востока, 2004; Этносы и конфессии на Востоке: конфликты и взаимодействие. – М.: Московский гос. ин-т междунар. отношений, 2005; Гольдциер, И. Лекции об исламе [Текст] / И. Гольдциер. – М., 1912; Гольдциер, И. Культ святых в исламе (Мухаммеданские эскизы) [Текст] / И. Гольдциер. – М., 1938; Мюллер, А. История ислама и основания до новейших времен [Текст] / Пер. с немецкого Н.А. Медникова. – М., 1895; Gammer, M. Muslim Resistance to the Tsar. Shamil and the Conquest of Chechnya and Daghestan. – London: Frank Cass, 1994.

[2] Ниг.: Клибанов, А.И. Кризисные явления в современном баптизме [Текст] / А.И. Клибанов, Л.Н. Митрохин. – М., 1967; Бражник, И.И. Социальная сущность сектантского экстремизма [Текст] / И.И. Бражник. – М., 1974; Филомонов, Э.Г. Социальная и идеологическая сущность религиозного экстремизма [Текст] / Э.Г. Филомонов. – М., 1983; Лялина, Г.С. Баптизм: иллюзии и реальность [Текст] / Г.С. Лялина. – М., 1977.

[3] Ниг.: Нурулҳақов Қ. Салафияи ифротӣ: моҳият ва таҳдиду хатарҳои он [Матн] / Қ. Нурулҳақов. – Душанбе, 2018. – 148 с.; Баротзода Ф., Нурулҳақов Қ. Вазъи динӣ-сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф. Баротзода, Қ. Нурулҳақов. –Душанбе: Эр-граф, 2017. –128 с.; Маҳмадизода Н.Д. Зоҳиршави ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои пешгирии он [Матн] / Н.Д. Маҳмадизода. –Душанбе: Эр-граф, 2022. –324 с.; Зокиров, Г.Н. Терроризм [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2005. – 56 с.; Зокиров, Г.Н. Донишномаи сиёсӣ [Матн] / Г.Н. Зокиров. Ҷилдҳои I, II, III. – Душанбе: "Андалеб-Р", 2015; Асаддулаев, И. Политический ислам в Таджикистане заметки и наблюдения [Текст] / И. Асдуллаев. – Душанбе,

Як гурӯҳ олимони ватанӣ зуҳроти ифротгароии диниро дар доираи таҳқиқоти диссертатсионии худ мавриди омӯзиш қарор дода, ин масъаларо дар заминаи методологияи пажӯҳиши худ таҳлилу баррасӣ намудаанд. Дар байни онҳо таҳқиқоти диссертатсионии Д. Назиров, Ғ.Ҷ. Мирзоев, А.И. Муминов, Н.Д. Маҳмадиев, З.Ҷ. Раҳматова, Ҷ.Х. Ашурзода, А.Б. Ҳусайнзода ва чанде дигарон дар омӯзиши паҳлуҳои гуногуни ифротгароии динӣ аҳамияти зиёди илмию назариявӣ доранд.[1]

Гарчанде ба масъалаҳои мухталифи ифротгароӣ миқдори зиёди таҳқиқотҳо бахшида шудаанд, аммо табиат ва хусусиятҳои ифротгароии динӣ то ба имрӯз таҳқиқношуда боқӣ мондаанд. Аз ин хотир, дар доираи таҳқиқоти мазкур масъалаҳои мухталифи ифротгароии динӣ дар

---

2009. – 46 с; Назиров, Д. Религиозно-политический экстремизм и терроризм в Центральной Азии [Текст] / Д. Назиров. – Душанбе, 2007. – 162 с; Олимова, С. Местное самоуправление многоэтничным сообществами в странах СНГ [Текст] / С. Олимова, М. Олимов. – М.: 2001. – 385 с; Шарипов, С. Регулирование отношений политической системой и исламом в таджикском национальном государстве [Текст] / С. Шарипов // Построение доверия между исламистами и секулярисгами-таджикский эксперимент. – Душаное, 2004. – С.122-139; Раҳнамо, А. Ислом ва амнияти миллӣ дар Тоҷикистон [Матн] / А. Раҳнамо. – Душанбе, 2011. – 298 с; Усмон, Д. Исламский фактор в политических процессах России и стран Центральной Азии [Текст] / Д. Усмон. – М.: Издатель Воробьев А.В., 2009. – 180 с; Холиқназар, Х. Тафаккури ифротгароии динӣ ва хатари он барои идеологияи миллӣ [Матн] / Х. Холиқназар // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Хатарҳои муосири геополитикӣ ба Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоқикистон: роҳҳо ва усулҳои пешгирӣ аз онҳо”. – Душанбе, 2017. –С.11-22; Маҷидзода, Ҷ.З. Ҷалби ҷавонон аз тарафи ташкилотҳои терроситию экстремистӣ ва роҳҳои пешгирӣ аз онҳо [Матн] / Ҷ.З. Маҷидзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Хатарҳои муосири геополитикӣ ба Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоқикистон: роҳҳо ва усулҳои пешгирӣ аз онҳо”. – Душанбе, 2017. – С.23-40.

[1] Мирзоев, Г.Д. Ислам в контексте общественного сознания таджиков (история и современность) [Текст]: дисс... канд. филос. наук / Мирзоев Гаффор Джабборович. – Душанбе, 2009. – 140 с.; Назиров, Д. Религиозно-политический экстремизм и терроризм в Центральной Азии [Текст]: дисс… канд. филос. наук / Назиров Давлятходжа. – Душанбе, 2005. – 160 с.; Муминов А.И. Религиозный экстремизм в контексте социальных изменений [Текст]: дис. … д-ра филос. наук: 09.00.11 / А.И. Муминов. –Душанбе, 2017. –294 с.; Махмадиев Н.Д. Социальные корни религиозного экстремизма в Таджикистане [Текст]: дис. … канд. филос. наук: 09.00.11 / Н.Д. Махмадиев. –Душанбе, 2012. –168 с.; Рахматова З.Дж. Религиозный радикализм среди молодёжи Таджикистана: предпосылки возникновения, специфика и пути его предотвращения [Текст]: дис. … канд. филос. наук: 09.00.14 / З.Дж. Рахматова. –Душанбе, 2020. –155 с.; Ашурзода Ҷ.Х. Ифротгароии динию сиёсӣ ва хусусиятҳои муҳимми он дар раванди дигаргуншавии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) [Матн]: дис. … ном. илм. сиёсӣ: 23.00.02 / Ҷ.Х. Ашурзода. – Бохтар, 2021. –171 с.; Ҳусайнзода А.Б. Таъсири омилҳои динӣ ба равандҳои сиёсӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) [Матн]: дис. … ном. илм. сиёсӣ: 23.00.02 / А.Б. Ҳусайнзода. –Кӯлоб, 2021. –184 с.

кишварҳои тозаистиқлол, аз ҷумла дар мисоли Тоҷикистон бо равишшиносии фалсафӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода мешавад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Тадқиқоти диссертатсионӣ дар чаҳорчӯбаи татбиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи фанҳои гуманитарӣ, идоракунии маҳаллӣ ва туризми Донишгоҳи давлатии Данғара дар мавзӯи “Масъалаҳои мубрами ҳаёти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои солҳои 2017-2021 иҷро шудааст.

# ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** – таҳқиқи сабабҳо ва заминаҳои пайдоиши ифротгароии динӣ ҳамчун шакли махсуси ҳаракати ифротӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва нишон додани роҳу воситаҳои пешгирӣ намудани он. Барои амалӣ намудани мақсади таҳқиқот вазифаҳои зерин ҳал карда шудаанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

- дар доираи назарияҳои мавҷудаи фалсафӣ муайян намудани моҳияти «ифротгароӣ», «ифротгароии динӣ» ва нишон додани хусуситяҳои зуҳуроти мазкур;

- ошкор намудани сарчашмаҳои асосии пайдоиш ва ташаккулёбии ифротгароии динӣ, таҳлили шаклҳои асосии зуҳурот ва самтҳои инкишофи он дар шароити муосири инкишофи ҷомеаҳои муосир;

- баҳогузорӣ намудани сабабаҳо ва заминаҳои арзишиву меъёрии пайдоиши ифротгароии динӣ;

- нишон додани сарчашмаҳои пайдоиши таҳдиду хатари ифротгароии динӣ ҳамчун ҳаркати итиҷоӣ дар ҷомеаи муосир;

- муайян намудани заминаҳо ва воситаҳои асосии мубориза бо ифротгароии динӣ дар шароити муосир ва пешгирии ин зуҳурот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муайян намудани пешомади муқовимат бо ифротгароии динӣ дар шароити ҷомеаи тоҷикистонӣ.

**Объекти таҳқиқот** – ифротгароии динӣ ҳамчун зуҳуроти мураккаби иҷтимоӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ.

**Предмети таҳқиқот** – таъсири ифротгароии динӣ ба ҷомеаи тоҷикистонӣ ва роҳҳои пешгирии он.

**Фарзияи таҳқиқот.** Ифротгароии динӣ дар шароити муосир ба яке аз омилҳои ноустуворкунандаи арзишҳои ҷамъиятӣ ва азбайнбарандаи суботи сиёсии ҷомеаҳо табдил ёфтааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ

ифротгароии динӣ ба зуҳуроти манфии ҷамъиятӣ табдил ёфта, ба равандҳои иҷтимоию сиёсии ҷомеа мустақиман таъсиргузорӣ менамояд. Дар заминаи фаъолияти созмонҳои ифротгарӣ дар байни қишрҳои гуногуни ҷомеа ғояҳои тундгароии исломӣ, бунёдгарӣ ва таҳаммулнопазирӣ нисбат ба арзишҳои мавҷудаи ҷамъиятӣ тарғибу ташвиқ карда мешавад. Тӯли ду даҳсолаи охир ифротгароии динӣ сабаби пайдоиши терроризм ва тундгароии хушунатомез гардидааст. Айни замон ифротгароии динӣ зери таъсири омилҳои дохилию беруна ташаккул ёфта истодааст. Бинобар ин, дар раванди мубориза бо ин зуҳуроти номатлуб бояд роҳу усулҳои муқовимат бо назардошти омилҳои дохилию беруна ҷустуҷӯ гардад. Ба инобат нагирифтани омилҳои бавуҷудоваранда ва ташаккулдиҳандаи ифротгароии динӣ имкон намедиҳад, ки таъсири манфии ин зуҳурот коҳиш дода шавад.

**Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқот.** Дар таҳқиқоти мазкур ба назарияҳо, методология, ҷанбаҳои фалсафӣ ва хулосаҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, ки масъалаи ифротгароии динӣ ва ҷанбаҳои фалсафию ғоявии онро таҳқиқ намудаанд, такя карда шудааст. Гузориш ва ҳалли масъалаҳои назариявӣ имконияти омӯзиши дақиқи масъалаи ифротгароии динӣ ва шаклу сабабҳои пайдоиши онро дар ҷомеаи муосир таъмин менамояд. Асосҳои методологии таҳқиқи фалсафии ифротгароии динӣ асару рисолаҳои файласуфон, ҷомеашиносон, сиёсатшиносон ва психологҳои ватаниву хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Дар таҳлили ифротгарӣ, муносибатҳои илмии мухталиф, инчунин таҳлили мундариҷавии фаъолияти ифротгароии динӣ ҳамчун шакли махсуси ҳаракати тундгарӣ истифода карда шудааст. Яъне ин маънои онро дорад, ки бисёре аз сарчашмаҳои илмие, ки шаклҳо ва хусусиятҳои ифротгароиро мавриди таҳқиқ қарор додаанд, ифротгароии диниро хатарноктарин шакли ифротгарӣ унвон намудаанд.

**Пойгоҳи иттилоотии таҳқиқот.** Дар раванди гузаронидани таҳқиқот сарчашмаҳои зиёди иттилоотӣ истифода бурда шудаанд. Гурӯҳи якумро санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Дар байни онҳо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо терроризм», «Дар бораи мубориза бо экстремизм», «Дар бораи амният», «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», « «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020», «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ва ғ. истифода бурда шудаанд. Гурӯҳи дуюмро сарчашмаҳои иттилоотии электронӣ ва сомонаҳои расмӣ ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқот дар робита бо ҳалли мушкилоти ифротгароии динӣ дар кишварҳои муосири рӯ ба инкишоф муайян карда шуда, дар ҷанбаҳои зерин зоҳир мегардад:

- дар доираи назарияҳои мавҷудаи фалсафӣ моҳияти «ифротгароӣ» ва «ифротгароии динӣ» муайян карда шуда, хусуситяҳои бевоситаи зуҳуроти мазкур нишон дода шудааст;

- сарчашмаҳои асосии пайдоиш ва рушди ифротгароии динӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудаанд. Таҳлили омилҳои пайдоиш ва самтҳои инкишофи ифротгароии динӣ ба таври маҷмӯӣ амалӣ карда шудааст. Моҳият ва хусусиятҳои ифротгароии динӣ ҳамчун таҳдид аз дигар шаклҳои ифротгароӣ ошкор карда шудааст;

- омилҳои асосии пайдоиш ва инкишофи ифротгароии динӣ дар кишварҳои миллӣ мувофиқ ба муҳиммият гурӯҳбандӣ гардида, асоснок карда шудаанд. Дар ҳама ҳолат зуҳуроти ифротгароии динӣ аз якчанд сабаб ва омил вобаста мебошад. Омилҳои зуҳуроти ифротгароии динӣ дар ҷомеа ба таври маҷмӯӣ мавриди омӯзиш, баррасӣ ва таҳлили илмӣ - фалсафӣ қарор дода шудааст;

-роҳҳо ва воситаҳои самараноки муборизa бо ифротгароии динӣ ошкор ва таҳлил гардида, ҷанбаҳои иҷтимоӣ, ғоявию идеологӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, фарҳангӣ ва маънавии чунин мубориза дар ҷомеаи тоҷикистонӣ муайян карда шудаанд;

- асоснок карда шудааст, ки роҳҳои самараноки мубориза бо ифротгароии динӣ, корҳои фаҳмондадиҳӣ ва ба роҳ мондани маълумотгирии динӣ дар кишварҳои тозаистиқлол ба ҳисоб меравад, зеро аксарияти одамон дар асоси надонистани консепсияҳои асосии динӣ ба ҳаракату ҷараёнҳои ифротӣ пайваст мешаванд;

- пешомади ифротгароии динӣ дар кишвар аз самаранокии роҳҳо ва воситаҳои мубориза бо ин падида вобаста аст. Асоснок карда шудааст, ки пешомади ифротгароии динӣ аз интихоби дуруст ва саривақтии роҳу воситаҳои мубориза, ки ба маданияти мардум мувофиқ бошад, вобаста аст. Ошкор карда шудааст, ки роҳи зӯроваронаи мубориза бо ифротгароии динӣ боиси васеъ гардидани чунин навъи ифротгароӣ мегардад ва метавонад натиҷаи манфӣ диҳад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Ифротгароии динӣ як тарзи фаҳмиш ва навъи тафаккур ба шумор меравад, ки ба марҳилаи амалӣ гузашта, хусусияти ифротиро касб менамояд. Аз ин рӯ, ифротгароии динӣ марҳилаи ошкоршуда, фаъолшуда ва амалишавандаи тундгароии динӣ баррасӣ карда мешавад. Дар чунин ҳолат ифротикунонии дин аз сатҳи тафаккур баромада, ба сатҳи таблиғот ва амалҳои ифротӣ мегузарад. Дар ин марҳила пайрави ифротгароии динӣ тарзи зиндагии дигаронро ошкоро танқид карда, нисбати онҳо дар амал оштинопазирӣ нишон медиҳад ва ҳамфикрони худро ба муборизаи амалӣ ба муқобили фаҳмиш ва тарзи зиндагии дигарон даъват мекунад. Ифротгароии динӣ дар шароити имрӯза бештар ба фаъолият ва ҳаракати тундгароии ҷамъиятӣ алоқаманд карда шуда, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

2. Ифротгароии динӣ ба монанди дигар падидаҳо зуҳуроти тасодуфӣ нест ва дорои сарчашмаҳои объективӣ ва субъективии зоҳиршавӣ ва қонуниятҳои хоси худ мебошад. Гуногунии арзишӣ; вазъияти шуури инфиродӣ ва ҷамъиятӣ, ки дар шакли ғояи динӣ, нигилизм ва таассуб зоҳир мегардад; идеология, доктринаи динӣ, ки ба таври ягона мушкилоти ҷаҳонро шарҳ медиҳад; мубориза и доимии мухолифатҳо – некӣ ва бадӣ ҳамчун сарчашмаҳои асосии ифротгароии динӣ баромад менамоянд. Дар шароити имрӯза мувофиқ ба сарчашмаҳои пайдоиш шаклҳои мухталифи ифротгароӣ, аз он ҷумла, ифротгароии динӣ, ифротгароии ғоявӣ-сиёсӣ, ифротгароии динӣ-сиёсӣ, ифротгароии диниву равонӣ, ифротгароии маънавӣ-диниро ҷудо менамоянд.

3. Омилҳои пайдоиш ва паҳн гардидани фаъолияти созмону ҳаракатҳои ифротгароии динӣ ҷудо карда мешаванд. Дар ҳеҷ ҳолат сабабҳо ва омилҳои умумӣ ё универсалии пайдо гардидани ифротгароии динӣ вуҷуд надорад. Дар ҳама ҳолат, яке аз онҳо бартарӣ дошта, ба пайдо гардидан ва паҳн шудани шакли муайяни ифротгароии динӣ мусоидат менамояд. Аммо ин маънои онро надорад, ки пайдоиши ифротгароии динӣ бо сабабҳои дигар алоқаманд нест. Сатҳи рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, рушди ҷанбаҳои равонӣ, маълумоти динӣ, ки хусусияти радикалӣ дорад, таъсир ва маблағгузории ҳаракату ҷараёнҳои ифротии хориҷӣ дар ҳама ҳолат метавонанд, ки ҳамчун замина ва омили асосии паҳн гардидани ифротгароии динӣ баромад намояд.

4. Ифротгароии динӣ ҳамчун таҳдид ба амнияти шахс, ҷомеа ва давлат мушкилоти аввалиндараҷаи замони муосир ба ҳисоб меравад. Дар раванди ташаккул ва инкишофи худ ҷомеаҳои замони муосир аз фаъолияти чунин созмону ташкилотҳои ифротӣ зарари назаррас дидаанд. Тамоми созмону ташкилотҳои ифротии динӣ, ки дар ҳудуди ин ва ё он давлати ҳавзаи тамаддуни исломӣ ва берун аз он фаъолият

менамоянд, дар шароити имрӯза қисми таркибии ташкилотҳои ифротии харобиовар ба ҳисоб мераванд. Таҳдиди ифротгароии динӣ ба ҷомеаҳои имрӯзаро комилан инкор кардан ғайриимкон аст, мо набояд аз он сарфи назар кунем, ки ин таҳдидро баъзе гурӯҳҳо, инчунин баъзе намояндагони элитаи идеологӣ барои расидан ба ҳадафҳои худ истифода бурда, тақвият медиҳанд.

5. Роҳҳо ва воситаҳои асосии мубориза бо ифротгароии динӣ дар давлатҳо, таъмини самаранокии мухолифат бо ифротгароии динӣ дар асоси фаъолияти ҳамбастагии ҷомеаҳои муосир дар асоси донишҳои илмӣ имконпазир аст. Роҳҳо ва воситаҳои мубориза бо ифротгароии динӣ дар ҳамон ҳолат самаранок мегарданд, ки ба решакан намудани сабабҳо ва омилҳои пайдоиши он равона гардида бошанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити имрӯза дар кишварҳои имрӯза заминаи ҳуқуқии мубориза бо ифротгароии динӣ ҷой надоранд ё нокифоя аст, ки албатта, ба сатҳ ва сифати мубориза бо ифротгароии динӣ таъсири манфӣ мерасонад. Яке аз роҳҳои муҳими бартараф ё маҳдуд намудани ифротгароии динӣ дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ ин саривақт ҳал намудани доираи васеи мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

6. Пешомадҳои ифротгароии динӣ дар Тоҷикистони муосир аз вазъияти имрӯзаи фаъолияти созмону ҳаракатҳои ифротӣ, тактика ва стратегияи мубориза бо ифротгароии динӣ, бартараф ё маҳдуд намудани сабабҳо ва омилҳои пайдоиш ва рушди ифротгароии динӣ вобаста аст. Дар шароити имрӯза таҳдид ва хатари ифротгароии динӣ аз тарафи аксар давлатҳо ҳамчун заминаи мубориза бо неруҳои мухолиф истифода карда мешавад, ки метавонад боиси қувват гирифтани фаъолияти ҳаракату ҷараёнҳои ифротгароии динӣ дар ҷомеаҳои имрӯза гардад.

**Аҳамияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо имконияти истифодаи натиҷаҳои назариявӣ ва методологии он дар таҳқиқи фаъолияти гурӯҳҳои ифротӣ муайян карда мешавад.

Хулосаҳои муаллиф метавонанд ба омӯзиши дақиқи назариявии равандҳои ҷамъиятиву иҷтимоӣ, ифротгароии динӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ муосидат намоянд. Илова бар ин, аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур дар ошкор намудан ва илман асоснок кардани фаъолияти ҳаракат ва созмонҳои ифротӣ зоҳир мегардад. Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқотро ҳангоми омӯзиши минбаъдаи масъалаи ифротгароии динӣ метавон истифода намуд.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот.** Аҳамияти амалии таҳқиқот дар мукаммал намудани роҳҳо ва воситаҳои мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ, махсусан ифротгароии динӣ зоҳир мегардад. Ҷиҳатҳои асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти мазкур дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, дар фаъолияти ҳаракатҳои иҷтимоӣ, иттиҳодияҳои гуногуни ҷамъиятӣ, дар раванди таълими фанҳои таълимии бахши илмҳои гуманитарӣ ва курсҳои махсус дар самти омӯзиши илмии масъалаҳои инкишофи ҳаёти ҷомеа истифода карда мешаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба воситаи асосҳои назариявию методологии диссертатсия асоснок карда мешавад. Пеш аз ҳама, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба воситаи мухолифат надоштани онҳо бо мувофиқати методҳои илмии истифодашуда бо таҳқиқоти фалсафаи иҷтимоӣ ифода меёбад. Инчунин, дар таҳқиқоти мазкур сарчашмаҳои иттилоотии расмӣ истифода шудаанд, ки қисме аз натиҷаҳои таҳқиқот дар заминаи таҳлили онҳо ба даст омадаанд. Инчунин хулосаҳои муаллиф дар заминаи омӯзиши ҷанбаҳои назариявии мавзуъ ва таҳлили равандҳои иҷтимоии ҷомеа ба даст омада, натиҷагирӣ шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи “Ифротгароии динӣ: шаклҳо ва сабабҳои пайдоиши он дар ҷомеаи тоҷикистонӣ (таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ)” бо

шиносномаи ихтисоси илмии 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) мутобиқат дорад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ маҳсули фаъолияти чандинсолаи муаллиф мебошад. Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот иштироки бевосита намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро мустақилона ҷамъбаст кардааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии Данғара ва дар маҷлиси кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия дода шудааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ маърӯза гардидааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар чаҳор мақолаи илмии муаллиф нашр шудаанд, ки онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 185 саҳифаи матни компютериро ташкил медиҳад.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗИШИ ИФРОТГАРОИИ ДИНӢ ДАР НИЗОМИ ДОНИШҲОИ МУОСИР

## 1.1. Ифротгароии динӣ: мафҳум, моҳият ва хосиятҳои асосии он

Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI дар фазои иҷтимоӣ, ғоявӣ ва мафкуравии кишварҳои мухталиф ифротгароӣ пайдо гардида, бо ташвиқоти ғояҳои тундгароӣ раванди инкишофи ҷомеаи муосирро зери хатар қарор дод. Дар ин самт раванди тағйирпазирии иҷтимоиву ҷамъиятӣ бо як қатор масъалаҳо, ки дар демократикунонии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсати миллӣ таҷассум мегардад, алоқаманд мебошад. Дар доираи ин раванд тағйирпазирии низоми ғоявӣ, афзоиши мухолифатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва мазҳабӣ-этникӣ ба пайдоиши чунин зуҳуроти хатарнок ҳамчун миллатгароӣ, ҷудоихоҳӣ ва ифротгароӣ мусоидат намуд.

Ифротгароӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ хатарнок буда, асоси онро ҷудоихоҳӣ, миллатгароӣ ва бунёдгароии динӣ ташкил медиҳад. Ин раванд ба таври ногузир боиси шиддатнок гардидани муносибатҳои ҷамъиятӣ – иҷтимоӣ, иқтисодӣ, миллӣ ва ғоявӣ-динӣ мегардад. Ифротгароӣ дар муддати тӯлонӣ вазъияти ҷомеаро ноором нигоҳ медорад.

Таҳлили сарчашмаҳо нишон медиҳад, ки ифротгароӣ ҳамчун падидаи номатлуб ҷиҳати аз байн бурдани низоми мавҷудаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, давлатӣ ва ҳуқуқӣ, ё ҳамчун кӯшиши нигоҳ доштани он зоҳир мегардад. Дар алоқамандӣ бо таҳдидҳо дар чунин хусусиятҳои ифротгароӣ, ба монанди мутлақ гардонидани усулҳои зӯроварии мубориза, даъвати оммавӣ нисбати амалӣ намудани амалҳои ғайриқонунӣ ва таъминоти ғоявӣ зоҳир мегардад.

Ифротгароӣ падидаи мураккаб ва бисёрҷанба буда, дорои хусусиятҳои мафкуравӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ, психологӣ мебошад ва дар

ҳамбастагӣ амал намуда, дурнамо ва ояндаи рушди онро муайян мекунад. Асоси паҳн гардидани навъҳои гуногуни ифротгароӣ бӯҳронҳои устувор дар фазои ғоявӣ ва мафкуравии ҷомеа, мухолифатҳои амиқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ноустувории фазои ғоявии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Ҳамин тариқ, масъалаҳои динӣ, миллӣ ва этникиро ба доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ – иҷтимоӣ ворид намуда, онҳоро ба сифати ангезиши моҷароҳо ва мухолифатҳо истифода менамоянд. Бо чунин роҳ ифротгароӣ хатари воқеиро барои инкишофи ҷомеа ва давлат ба миён меорад.

Дар бештари таърифҳо ва маънидодкуниҳо шарҳҳои гуногуне барои унвон додани ҷараёнҳо ва ҳаракатҳои гуногун бо номи ҷараён ва ҳаракатҳои ифротгароӣ оварда шудааст: «Классификатсияи ҷараёнҳо ва равияҳои гуногуни мафкуравӣ, хосияту мазмуни махсусро нисбат додан ба онҳо пеш аз ҳама аз мазмуни луғавии номи ҷараён ё самти фаъолият ва баъдан аз мазмун ва мақсади амали барандагони равияиҳои идеологӣ вобастагии калон дорад. Одамон, неруҳҳои радикалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ барои қонеъ гардонидани талаботу манфиатҳояшон ба ин ва ё он ҷараён ва равияи идеологӣ такя намуда, маҷмуи таълимот ва арзишҳои онро итсифода мекунанд»[1].

Новобаста аз таҳқиқотҳои зиёди илмӣ мушкилоти ифротгароӣ, омӯзиши он дар шароити имрӯза кофӣ ҳисобида намешавад. Дар ин маврид, аз ҷумла, фаҳмиши умумӣ дар бораи ифодаи мафҳуми «ифротгароӣ» ва хусусиятҳои он муайян нагардидаанд. Муаллифони мухталиф мувофиқи таҳқиқотҳои худ таснифоти алоҳидаи мафҳуми «ифротгароӣ» – ро пешниҳод кардаанд. Аз ин хотир, дар доираи фанҳои ҷомеашиносӣ таснифоти зиёди мафҳуми мазкур ҷой дорад, ки албатта дар дарки ягонаи мазмуну мундариҷаи он мушкилоти муайянро пеш меорад.

[1] Асламзода, Н. Политический экстремизм: понятие, содержание и его особенности [Текст] / Н. Асламзода //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2018. № 6. - С. 271.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки яке аз шаклҳои хатарноки ифротгароӣ – ифротгароии динӣ мебошад. Ифротгароии динӣ дар шароити имрӯза зуҳуроте мебошад, ки дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нашудааст. Таҳқиқи мазмуну мундариҷаи зуҳуроти ифротгароии динӣ, дар шароити муосир саривақтӣ ва зарурӣ арзёбӣ карда мешавад. Аз ин хотир мо чунин мешуморем, ки дар доираи таҳқиқоти мазкур муайян ва баҳогузории моҳият ва хусусиятҳои ифротгароии динӣ, сабабҳои зуҳурот ва омилҳои асосии он зарур ва саривақтист.

Ифротгароии динӣ дар соҳаи эътиқод, парастиш, муносибат байни пайравони динӣ, намояндагони мазҳабҳои мухталиф пайдо гардида, таълимот ва рамзҳои диниро ҳамчун омили муҳими ҷалби одамон истифода менамояд. Одамонро ба муборизаи оштинопазир барои ғолибият, ҳукмронии яке аз таълимотҳо бар хилофи таълимотҳои дигар сафарбар мекунад.[1]

Ифротгароӣ дар дин ҳамчун фаъолияти тарафдорони амалҳои ниҳоӣ дар соҳаи муносибатҳои байнимазҳабӣ ва дохилимазҳабӣ фаҳмида мешавад, ки дар кӯшишҳои зӯроваронаи намояндагони ин ё он дин дар талқини низоми ҷаҳонбинии худ ба пайравони дини дигар бо мақсади ҷалб гардонидани онҳо аз арзишҳои худ, ки одатан бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ, фишороварихои ғоявӣ ба роҳ монда мешавад, ифода мегардад.

Ифротгароии диниро натиҷаи бархӯрди анъанагароён ва модернистон тафсир кардан мумкин аст. Бо шарофати маорифпарварӣ, инсондӯстӣ ва ратсионализм (ақлгароӣ) дар ҷаҳони муосири Ғарб ҷудошавӣ аз сохторҳои анъанавӣ ва иҷтимоии пешина амалӣ гардида, арзишҳое ташаккул ёфтаанд, ки аксарияти онҳо ба муқаррароти ҷомеаи анъанавӣ мухолифат менамоянд. Махсусан, ин ба зуҳуроти ифротгароӣ, зӯриву зӯроварӣ, ки дар фазои ғоявию арзишии низомҳои пешинаи

[1] Ниг.: Райзберг, Б.А. Экстремизм: истоки проявления и способы противодействия [Текст] / Б.А. Райзберг, А.А. Лысенко. – М., 2015. – С.51.

ҷамъиятӣ ҳукми қонунӣ доштанд, дахл дорад. Дар ҳоле, ки фарҳанги муосири аврупоӣ аз ғояҳои инсондӯстӣ асос ёфта, бо таъмини ҳуқуқи инсон алоқаманд аст. Ҷомеаи анъанавӣ ба хотири нигоҳ доштани асосҳои ғоявию динии мавҷудияти худ маҷбур аст, ки бо чунин падидаҳои номатлуб ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ муборизаи беамон барад.

Дар ҳар як дин заминаҳои эҳтимолии ифротгароӣ дар шаклҳои гуногун ва дар сатҳҳои гуногун ҷой дорад. Парастиши динӣ, рафтори муайян, ҳиссиёти вобастагӣ аз худо, риоя намудани ӯҳдадориҳоро дар шакли васият муқаррар намудааст. Дин эътироз ва мухолифатро, нисбати тамоми ҷанбаҳо, ки дар онҳо нодурустӣ ва ноҳақиро мебинад, асоснок менамояд. Аз ин хотир, дар таърихи инсоният ифротгароии динӣ дар кишварҳои гуногун, дар доираи эътиқодҳои мухталиф зоҳир гардидааст.

Сабаби ҷой надоштани ягонагӣ дар фаҳми мушкилоти ифротгароӣ дар дин дар он зоҳир мегардад, ки коршиносон намехоҳанд ё наметавонанд оид ба низоми ягонаи ҳамоҳангсозӣ, низоми ягонаи арзишҳо, парадигмаи ягонае, ки дар доираи онҳо масъалаи мазкур баррасӣ карда шавад, мавқеи ягона дошта бошанд.

Аммо дар доираи илмҳои ҷомеашиносӣ барои ифода намудани шаклҳои иртиҷоии фаъолнокӣ мафҳумҳои «ифротгароии динӣ», «ифротгароии динӣ-сиёсӣ», ё «ифротгароӣ дар асоси дин» истифода карда мешаванд.

Нисбати истифодаи мафҳуми «ифротгароии динӣ» ҷомеаи илмӣ мавқеи ягона ва муттаҳид надоранд. Гурӯҳе онро дуруст эътироф намуда, гурӯҳи дигар истифодаи онро нодуруст меҳисобанд. Тарафдорони мазҳабҳои асосии дини ислом чунин мешуморанд, ки рафтори ифротгароӣ дар дин ҳамчун «дини бардурӯғ», ё таҳрифшуда эътироф мешавад. Яъне, гуфтан мумкин аст, ки зуҳуроти ифротгароӣ ба

динҳои асосии ҷаҳонӣ бегона аст, аз тарафи диндорон маҳкум карда мешавад.

Аммо дар асоси таҳлилу баррасиҳои олимон метавон қайд намуд, ки ифротгарой дар дин ҳамчун падида мавҷуд аст ва истифодаи мафҳуми «ифротгароии динӣ» дуруст аст. Ифротгароии динӣ як навъи ғоя ва фаъолияти иртиҷоии динӣ аст, ки дар заминаи тундгарой бо анъанаҳои ташаккулёфта мухолифати оштинопазир дорад ва бо шиддатнокӣ дар доираи гурӯҳи динӣ ва дар муҳити иҷтимоӣ фарқ менамояд.[1]

Таҳлили адабиёти фалсафӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, динӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар даҳсолаи охир нашр шудаанд, нишон медиҳад, ки барои мутахассисони соҳаҳои гуногун, ки ба масъалаҳои ошкорнамоӣ, огоҳнамоӣ ва маҳдуд намудани фаъолияти экстремистии динӣ машғуланд, мафҳуми ягонаи асосӣ вуҷуд надорад. Чунин ҳолат на танҳо ба мухолифати назариявӣ оварда мерасонад, балки дар амалия мубориза бо ин зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ ғайрисамаранок мегардонад. Мафҳуми «ифротгароии динӣ» аз ду қисми таркибӣ: «ифротгароӣ» ва «дин» иборат аст.

Омӯзиши масъалаи ифротгароии динӣ аз фаҳми луғавӣ оғоз гардида то ба фаҳми фалсафиаш шарҳ дода мешавад. Мафҳуми «ифротгароӣ» аз вожаи фаронсавии «*extremisme*» ва лотинии «*extremus*» гирифта шуда, маънои луғавии он ифротгароӣ, тундравӣ, фикру андешаҳо ва амалҳои тундравона, аз ҳад гузаштан, аз андоза гузаштанро дорад.[2]

Дар аксар сарчашмаҳои илмӣ ва таҳлилӣ мафҳуми ифротгароӣ ба таври гуногун шарҳ дода шудааст. «Мафҳуми ифртгароӣ решаи лотинӣ дошта, он аз калимаи «extremus» бармеояд, ки маънои канора[3], аз ҳад

---

[1] Ниг.: Забияко, А.П. Экстремизм религиозный [Текст] / А.П. Забияко // Религиоведение. Энц. словарь. – М., 2006. – С.1220.

[2] Маҳмадиев, Н. Социальные корни религиозного экстремизма в Таджикистане [Текст]: дисс. ... канд. филос. наук: 09.00.11. –Душанбе, 2012. –С. 16.

[3] Ниг.: Зокиров Г.Н. Идеологияи сиёсӣ [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2008. – С. 150.

зиёд ё аз андоза берунро[1] ифода мекунад».[2] Дар луғати электронии «*Merriam-Webster Dictionary*» дар ду маъно шарҳ дода шудааст. Яъне ифротгароӣ ин «ҳолати аз ҳад зиёди иҷрои амал, ки хусусияти канораро мегирад» ва «тарғибот ва фикру мулоҳизаҳои ифротӣ»-ро мефаҳмонад.[3] Категорияи мазкур дар забони англисӣ аз решаи «extreme» гирифта шуда, дар луғати тарҷумонӣ маънои иҷрои амали аз ҳад зиёд ё канораро мефаҳмонад.[4] Ифротгароӣ дар луғати забони тоҷикӣ муодили мафҳуми «экстремизм» мебошад. Он аз калимаи «ифрот», ки решаи арабӣ дорад, бармеояд ва маънои аз ҳад гузаштан, зиёдаравӣ кардан, аз андоза берун баромаданро медиҳад.[5] Дар дигар маврид бошад, ифротгароӣ инъикоси фаъолияти субъектони ифротгаро буда, аз ҳадду меъёр гузаштани фаъолияти онҳоро дар коре мефаҳмонад.[6]

Дар фарҳанги тафсирии сиёсӣ ифротгароӣ ба маънои як навъ фаъолият оварда шудааст, ки бо истифода аз амалҳои ғайриоқилонаву зуригарӣ қасди ба мақсад расиданро мекунанд. Дар «Донишномаи сиёсӣ» бошад, категорияи мазкур ба маънои канора, охирон шарҳ дода шуда, ифодаи фаъолияте, ки барои ба амал баровардан ва расидан ба мақсадҳои авантюристӣ, моҷароҷӯӣ, зуригарии ҷисмонӣ, милитаризм (усулҳои ҳарбии иваз кардани сохтор ва ин ва ё он низоми муайян) террор ва фитнаро истифода мебарад, фаҳмида мешавад.[7]

Дар доираҳои илмӣ фаҳми обстрактии ифротгароӣ вуҷуд дорад. Мухталиф будани талаботу манфиатҳои мактабҳои илмӣ шарҳ ва баҳодиҳии гуногуни падидаро ба миён овардааст.

---

[1] Ниг.: Экстремизм. [Манбаи электронӣ] URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/эктремизм (санаи муроҷиат: 08.10.2021 с.)
[2] Асламзода, Н. Политический экстремизм: понятие, содержание и его особенности [Текст] / Н. Асламзода //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2018. № 6. - С. 271.
[3] Ниг.: Definition of extremism by Merriam-Webster Merriam-Webster Dictionary. [Elecronic resourse] URL: https://www.merriam-webster.com/dictionary/extremism (application date: 19.10.2021.)
[4] Ниг.: Extreme [Elecronic resourse] URL: https://translate.google.com/?hl=ru#en/ru/extreme (application date: 19.10.2021.)
[5] Ниг.: Фарҳанги забони тоҷкӣ: аз ибтиддои асри X то XX. – М.: Советская энциклопедия. – С.512.
[6] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ / зер. тахр. Сайфиддин Н., Аҳмадҷон С., Саид К., Мирзо Ҳ. С. – Душанбе, 2008. Ҷ. 2. – С. 566.
[7] Ниг.: Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ [Матн] / Г.Н. Зокирова. - Душанбе, 2015. - Ҷ. III.- С. 481

Дар бештаре аз сарчашмаҳои илмӣ ифротгароиро ба сифати навъи махсуси фаъолияти ҷамъиятӣ, шакли муайяни идеологияи иртиҷоӣ ва падидаи манфии иҷтимоию сиёсӣ шарҳ додаанд. Маънидодкунии мазкур аз руи дарки мазмун, моҳият ва хусусиятҳои ифротгароӣ ба мақсад мувофиқтар мебошад. Баъзан онро ҳамчун ҷараёни идеологие муаррифӣ мекунанд, ки бо ба амал баровардани фаъолияти махсуси субъект, шаклҳои созиши осоиштаро ба монанди компромисс, муколама ва консенсус қабул надошта, навъи канораи амал ва роҳи ба мақсад расиданро истифода мебарад. Фаъолияти ифротгароӣ дар асоси эътирофи арзишҳои идеологии махсус дар шароити муосири инкишофи ҷомеа падидаи иҷтимоии ифротӣ муаррифӣ гардидааст.[1]

Падидаву ҷараёнҳои идеологии замони муосир дар сатҳи зарурӣ, то андозае мазмуну моҳияти мушаххасро пайдо накардаанд. Ҳангоми шунидани категория онро ба фаҳми мавҳумии дигар ҷараёни идеологӣ баробар медонанд. Аммо ба таври мустақил машғул шудан ба таҳқиқи масъала муайян мегардад, ки ҳолат ва мазмуну моҳити дигарро ифода мекунад. Масалан, агар ба таври руякӣ гирем сепаратизм ҳамчун ҷараён, фашизм ҳамчун идеологияи сиёсӣ, терроризм ҳамчун шакли фаъолияти ғаёринизомноки субъектон бо экстремизм ҳамчун падидаи иҷтимоию идеологӣ, навъи махсуси фаъоляти иртиҷоӣ ва идеологӣ махсусиятҳои умумиеро доро мебошанд. Яъне онҳо ҳама падида ва ҷараёнҳои манфии халалдорсозандаи рушди устувор, монеъшаванда ба ягонагии идеологияи миллӣ-давлатӣ эътироф карда шудаанд. Аммо он фаҳмиши сатҳие, ки баробар шуморида мешаванд мантиқан хатост.[2]

---

[1] Ниг.: Асламзода, Н. Политический экстремизм: понятие, содержание и его особенности [Текст] / Н. Асламзода //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2018. № 6. - С. 272.
[2] Ниг.: Асламзода, Н. Политический экстремизм: понятие, содержание и его особенности [Текст] / Н. Асламзода //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2018. № 6. - С. 273.

Дар дарки мафҳум ва моҳияти ифротгароӣ профессор А.А. Козлов диққати махсус додаст. Ӯ ифротгароиро ҳама гунна ҳадди канорагирӣ бо доштани андешаю мафкураи «бад» ва идеяи харобкорона шарҳ медиҳад.[1]

Мафҳуми ифротгароиро метавон бо шарҳи оне, ки падидаи иҷтимоию идеологӣ ба ҳисоб рафтаю халал ба раванди инкишофи мутаносиби ҷомеаҳои мухталиф гардидааст ва ягон навъи созишро қабул надорад, маънидод намуд.

Ифротгаро шахсест, ки дар фаъолияти худ ҷонибдори амалҳои якравию тундравӣ аст. Ин амалу зуҳурот метавонад дар тамоми соҳаҳои фаъолияти ҷамъиятӣ, бахусус дар дин, сиёсат, идеология, илм ва ҳатто дар варзиш низ ба миён ояд. Ин мафҳум дар доираи илмҳои ҷомеашиносӣ дар миёнаҳои асри Х1Х мавриди истифода қарор гирифт. Ифротгароӣ таҷассумгари воситаҳои таъсири мутақобилаест, ки дар он амалҳои яке аз ҷонибҳо аз ҳад берун, яъне аз талаботи қонун, анъанаҳо, ахлоқ, дин ва дигар меъёрҳо боло меистад. Ифротгароӣ дар рафтори одамон натиҷаи тарбияест, ки ба парастиши зӯроварӣ ва ба таъсиррасонии омилҳои беруна ба шахсият равона карда шудааст.

Аз нуқтаи назари ҷомеашиносӣ, ифротгароӣ - ин воситаи манфии ҳамкориҳои тарафайн, воситаи мубориза барои халалдор намудани сулҳу субот, барангезандаи низоъҳо дар арсаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Ифротгароӣ наметавонад ба ҷуз ихтилофот чизи дигаре бошад. Ин ихтилофот, ҳангоме ки воситаҳои мусаллаҳонаи мубориза мавриди истифода қарор мегиранд, ба худ маънои дигарро касб мекунад.

Мафҳуми «ифротгароӣ» нисбати чунин падидаҳо, ба монанди «зӯроварӣ» ва «ҷинояткорӣ» умумӣ ҳисобида мешавад. Зӯрӣ ва зӯроварӣ метавонад бошуурона ва бешуурона бошад. Ифротгароӣ – ин падидаи иҷтимоиест, ки хоси одамон аст, он ҳамеша дар асоси таълимот, арзишҳои ғоявӣ ва ғояҳои муайян ба роҳ монда мешавад. Ифротгароӣ

---

[1] Ниг.: Бурлацкий Ф.М. Глоток свободы: В 2 т [Текст] / Ф.М. Бурлацкий. - М., 1997. – С. 194.

ин тундравӣ, фикру андешаҳо ва амалҳои тундравона аст, ки дар соҳаҳои гуногун пайдо гардида, асосан, бар зидди арзиш ва фарҳанги миллӣ равона карда шудааст.[1]

Падидаи дигари таркибии мафҳуми «ифротгароии динӣ» мафҳуми «дин» ба ҳисоб меравад, ки тасниф ва таърифи мухталифи он пешниҳод гардидааст. Ба ақидаи мо таърифи нисбатан муваффақи динро Э.Дюркгейм пешниҳод намудааст. Ба андешаи ӯ, «дин ин низоми эътиқод ва амалия, ки бо падидаҳои муқаддас, манъгардида, ба эътиқод ва амалия дахлдошта буда, одамонро ба як умумияти маънавӣ муттаҳид менамояд, ки онро калисо меноманд».[2] Ин ақидаро тақвият бахшида, метавон қайд намуд, ки дини «воқеӣ» дорои ду унсур - аз як тараф, ин идеология бо амалияи маросимӣ, аз тарафи дигар, намояндагон ё пешбарандагони ин ғоя ва анъанаҳо мебошад.

Дар асоси таснифоти мафҳумҳои таркибии падидаи «ифротгароии динӣ» метавон қайд намуд, ки он як навъ ифротгароӣ, тундравӣ, истифодаи фикру андешаҳо ва амалҳои тундравона дар доираи дини алоҳида ё дар муносибати байни динҳои гуногун мебошад.

Муҳаққиқи рус М.А. Яворский ифротгароии диниро чунин тавсиф намудааст: ифротгароии динӣ ин шакли ниҳоии амалӣ намудани идеологияи радикалии динӣ, ки дар амалинамоии амалҳои ғайриқонунии шахсони алоҳида, гурӯҳҳо, пайравони таълимоти муайян дар асоси зиддияти динӣ-мазҳабӣ, инчунин дар даъватҳои ҷамъиятии баҷоовари чунин амалҳо нисбати шахсон ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ки

---

[1] Ниг.: Холиқназар, Х. Тафаккури ифротгароии динӣ ва хатари он барои идеологияи миллӣ [Матн] / Х. Холиқназар // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Хатарҳои муосири геополитикӣ ба Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон: роҳҳо ва усулҳои пешгирӣ аз онҳо". – Душанбе, 2017. – С.15-16.

[2] Durkheim, E. Les Formes elementaires de la vie religieuse / E. Durkheim. – Paris: F-Alcan, 1912. – P.65.

ақида ва эътиқоди ифротгароёнро дастгирӣ намекунанд, ифода мегардад.[1]

Муҳаққиқи рус Е.Г. Балагушкин чунин мешуморад, ки ифротгароии динӣ – ин қабул накардани низоми арзишҳои динӣ ва бунёдҳои шахшуда дар ҷомеа, инчунин ташвиқоти зӯроваронаи ғояҳо, ки ба онҳо мухолиф аст, ба ҳисоб меравад.[2] Ҳамин тариқ, мафҳуми «ифротгароии динӣ» дар гардиши илмӣ васеъ паҳн гардида, барои ифода намудани доираи васеи падидаҳо: аз баромадҳои аз нигоҳи динӣ асоснокшуда то ба худкушӣ дар ҳолати бегонашавии динӣ истифода карда мешавад. Муҳаққиқи рус Е.Л. Забарчук ифротгароии диниро ҳамчун фаъолият дар соҳаи муносибатҳои байнимазҳабӣ, ки дар саъю кӯшиши зӯроварии талқини низоми муайни афкори динӣ, инчунин асоснокнамоӣ ё дуруст шуморидани чунин фаъолият тавсиф намудааст.[3] Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар он се аломати асосии ифротгароии динӣ ошкор карда шудааст: ифротгароии динӣ дар доираи муносибатҳои байнимазҳабӣ; истифода ё таҳдиди истифодаи зӯрӣ ва зӯроварӣ; тариқи зӯрӣ ва зӯроварӣ талқин намудани низоми муайяни афкори динӣ.[4]

Таҳлили ин тавсифот нишон медиҳад, ки аломати калидӣ, ки ба пайдоиш ва рушди ифротгароии динӣ мусоидат менамояд, мақсадҳои ифротӣ ва бо роҳи осон муваффақгардӣ бо онҳо мебошад. Ба таври умумӣ, аломатҳои зикргардида моҳияти ифротгароии диниро таҷассум менамояд. Ба ақидаи мо, аломати якумро метавон то андозае васеъ

---

[1] Ниг.: Яворский, М.А. Причины и условия религиозного экстремизма в современной России [Текст] / М.А. Яворский // Юридический мир. Общероссийский научно-практический правовой журнал. – 2008. – №11 (143). – С.23.

[2] Ниг.: Балагушкин, Е.Г. Нетрадиционные религии в современной России: морфологический анализ [Текст] / Е.Г. Балагушкин. – М.: ЦОП ИФРАН, 1999. – Ч.1. – С.46.

[3] Ниг.: Забарчук, Е.Л. Религиозный экстремизм как одна из угроз безопасности российской государственности [Текст] / Е.Л. Забарчук // Журнал российского права. – 2008. – №6. – С.3-10.

[4] Ниг.: Холиқназар, Х. Тафаккури ифротгароии динӣ ва хатари он барои идеологияи миллӣ [Матн] / Х. Холиқназар // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Хатарҳои муосири геополитикӣ ба Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон: роҳҳо ва усулҳои пешгирӣ аз онҳо”. – Душанбе, 2017. – С.12-16.

намуд ва ба он мухолифату зиддиятҳои байни ҷараёнҳо ё фирқаҳои алоҳидаи доираи як динро низ ворид намуд.

Мувофиқи ақидаи муҳаққиқи рус В. А. Бурковская, ифротгароии динӣ падидаи иҷтимоӣ буда, дар шаклҳои зерини ба ҳам алоқаманд мавҷудият дорад:

-шуури динии ҷамъиятӣ ва инфиродӣ, ки ба он аломати истибдодӣ хос аст ва аз нишон додани маҷмӯи арзишҳои муайяну ғояҳои динӣ бар зарари дигар ғояҳои динӣ ва дунявӣ истифода мегардад;

- рад намудани тамоми ғояҳои дигар, аз он ҷумла ғояҳо ва арзишҳои динҳо ва мазҳабҳои дигар;

- таассубгароии динӣ – эътиқоди мутлақ ба ҳақиқат будани ғояи динӣ ва омодагии пайравӣ намудан ба он дар ҳама ҳолатҳо;

- ғояи динӣ ё доктринаи динӣ;

- тақсимоти пурраи тамоми падидаҳои иҷтимоӣ ба «нек» ва «бад»;

- рад намудани ҳукмронии объективии иерархияи (силсиламаротиби) арзишҳои умумииҷтимоӣ;

- рад намудан ё паст задани аҳамияти танзими меъёрҳои иҷтимоӣ, аз он ҷумла меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки ба доктринаи динӣ мувофиқ нест;

- фаъолият дар самти амалӣ намудани доктринаи динӣ, ки ҳақиқати ягона эълон гардидааст;

- шаклҳои ташкилӣ ва амалинамоии доктринаи динӣ, махсусан, ташкили созмони экстремистии динӣ.[1]

Муҳаққиқи рус В.В. Лапаева қайд менамояд, ки ифротгароии динӣ, хусусиятҳо ва навъҳои мухталифи он дар қонунгузории аксар давлатҳо ба таври қонеъкунанда таҷассум наёфтааст.[2] Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маҳз вуҷуд доштани чунин ҳолат дар соҳаи қонунгузорӣ дар самти

---

[1] Ниг.: Бурковская, В.А. Криминальный религиозный экстремизм: уголовно-правовые и криминологические основы противодействия [Текст]: дисс. ... д-ра юрид. наук / Бурковская Виктория Алексеевна. – М., 2006. – С.22-23.

[2] Ниг.: Лапаева, В.В. Политический и религиозный экстремизм: проблемы совершенствования законодательства [Текст] / В.В. Лапаева // Законодательство и экономика. – 2001. – №10. – С.5.

мубориза алайҳи ифротгароии динӣ камбудии қонунгузории давлатҳои мухталиф ба ҳисоб меравад. Мо чунин мешуморем, ки дин дар доираи ифротгароии динии муосир танҳо воситаи мубориза баҳри муваффақ гардидан ба мақсадҳои муайяни сиёсӣ мебошад.

Ақидаи мазкурро инчунин С.Н. Фридинский низ ҷонибдорӣ менамояд. Ӯ қайд мекунад, ки ифротгароии динӣ дар як ҳолат ҳам динӣ, ҳам ҷамъиятӣ ва ҳам сиёсӣ мебошад.[1] Низоъҳои байнидинӣ, ки дар онҳо ифодаи саҳеҳи зуҳуроти ифротгароӣ ҷой дорад, дар ягон ҳолат дар шакли холис баромад наменамоянд. Омили динӣ ба сифати дастгирии ғоявӣ ва ташкилии нерӯҳо ва субъектҳои амалҳои ҷамъиятӣ ва иҷтимоӣ истифода карда мешавад. Истифодаи шиорҳои динӣ одатан ба ҷалби оммаи васеи диндорон ва намояндагони руҳоният мусоидат менамояд, ки ба низоъ характери шиддатнокӣ ва харобиоварро зам менамояд. Чун қоида, ифротгароии диниро фаъолони ҳаракатҳои тундгароӣ ва мазҳабӣ истифода менамоянд.[2] Илова бар ин, ифротгароии динӣ ҳамчун воситаи мубориза барои бартарии иқтисодӣ ва аз нав тақсим намудани захираҳои иқтисодӣ баромад менамояд.

Як қатор муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки таснифоти болозикр ҷанбаҳои диниро фарогир аст. Аз ин хотир онҳо аз мафҳуми ифротгароии динӣ ҷанбаҳои динии онро хориҷ намуда, онро ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ, ки дар он дин танҳо ҳамчун пуштибони ғоявӣ баромад менамояд, баррасӣ кардаанд. Зери мафҳуми «ифротгароии динӣ» фаъолияти заддиҷамъиятӣ фаҳмида мешавад, ки аз дин пуштибонӣ менамоянд.[3]

---

[1] Ниг.: Фридинский, С.Н. Религиозный экстремизм как идеология, используемая при совершении преступлений экстремистской направленности [Текст] / С.Н. Фридинский // Российский следователь. – 2008. – №12. – С.25.

[2] Ниг.: Забарчук, Е.Л. Религиозный экстремизм как одна из угроз безопасности российской государственности [Текст] / Е.Л. Забарчук // Журнал российского права. – 2008. – №6. – С.3-10.

[3] Ниг.: Арестов, В.Н. Религиозный экстремизм: содержание, причины и формы проявления, пути преодоление [Текст] / В.Н. Арестов. – Харьков, 1987. – С.34-35.

Ифротгароии динӣ ҳамеша дар алоқамандӣ бо дигар навъҳои фаъолияти ифротгароӣ – ифротгароии ғоявӣ-сиёсӣ ва миллӣ, дар бадастории мақсадҳои мушаххаси ғоявӣ ва сиёсӣ баромад менамояд. Ҷудо намудани фаъолияти ифротгароӣ дар асоси шаклҳои миллӣ ва динӣ – хосияти шартӣ дорад, зеро дар амалия онҳо дар шакли воқеӣ хеле кам вомехӯранд. Аз ин хотир, дар таҳқиқоти илмӣ бештар ба чунин мафҳумҳо, ба монанди ифротгароии этникӣ-динӣ ва динӣ-сиёсӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд.[1]

Муҳаққиқи рус А.П. Забияко қайд менамояд, ки ифротгароии динӣ дар ду самт зоҳир мегардад: дар дохили мазҳаби алоҳида дар натиҷаи ифротишавии ақидаҳо, арзишҳо ва меъёрҳои мавҷуда (анабаптизм дар насрония, ваҳоббия дар ислом ва ғ.); берун аз маҳзаб дар натиҷаи ҳамоҳангсозии таълимоти мухталиф ё бунёди доктринаҳои нав.[2]

Пайравони ҷараёнҳои динӣ-ифротӣ итминон доранд, ки ифротгароии динӣ вуҷуд надорад, зеро дин ин ҳақиқат аст, дар ҳақиқат барои ифротгароӣ ҷой нест. Ҳимояи эътимоди худ (тариқи намояндагӣ, ҷиҳод, мубориза бо пайравони дини дигар) – яке аз нуқтаҳои асосии муқаррароти аксарияти мазҳабҳо ба ҳисоб меравад. Тибқи назарияи фалсафӣ-теологӣ чунин хусусият гирифтани дин ё мазҳабҳоро хусусияти апологетикӣ (ҳифозатӣ)[3] – и дин ё мазҳабҳо шарҳ додан дуруст аст. Давлат, ҷомеа ва мазҳабҳо дар муносибатҳои динӣ бо зуҳуроти ифротгароӣ рӯ ба рӯ гардида, маҷбур мешаванд, ки роҳҳои мубориза ро бо ин падидаи номатлуб ҷустуҷӯ намоянд. Давлат ва ҷомеа чунин амалҳоро дар дохили гурӯҳҳои динӣ, ки асосашро зӯроварии динӣ ташкил медиҳад ва устувории ҷамъиятӣ ва давлатиро халалдор

---

[1] Ниг.: Нуруллаев, А.А. Религиозно-политический экстремизм [Текст] / А.А. Нуруллаев // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Политология. – 2003. – №4. – С.83-92.

[2] Ниг.: Забияко, А.П. Экстремизм религиозный [Текст] / А.П. Забияко // Религиоведение. Энц. словарь. – М., 2006. – С.1221.

[3] Апологетика – аз калимаи юн. apologia гирифта шуда, маънояш ҳимоя ва ҳифз кардан аст. Ниг.: Новая философская энциклопедия: В 4 томах. Т1. Ред. совет: [Текст] Степин В.С., Гусейнов А.А., Семигин Г.Ю., Огурцов А.П. и др. М.: Мысль, 2010. – С. 149.

менамоянд, ҳамчун амалҳои тундгароӣ ё ифротгароӣ баррасӣ менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки дин ҳамчун унсури нисбатан консервативӣ,[1] таълимоти устувори фарҳангӣ ва воситаи муҳофизат аз дилхоҳ таҳдид баромад менамояд. Ҳар қадаре, ки ҷомеаи инсонӣ анъанавӣ бошад, то ҳамон андоза вазифаи муҳофизатии дин фаъол гашта, ҷомеаи мазкур ба дахолати маънавии беруна (дин, фарҳанг, забон) мухолифат нишон медиҳад.

Дар аксари ҳолатҳо чунин мухолифат аз доираи муайяншуда берун гардида, шакли ифротгароиро касб карда, ба пайдо гардидани ҷавоби занҷирии низоъҳои этникию динӣ оварда мерасонад.

Мавҷудияти таассубгароӣ хусусияти фарқкунандаи ифротгароии динӣ мебошад. Инсон бемулоҳиза ва кур-курона ба тамоми қоида, меъёр ва догмаҳои динӣ пайравӣ намуда, ба таври фаъол эътиқоди худро ҳимоя менамояд. Маҳз аз тарафи таассубгароён ҷиноятҳои мухталиф анҷом дода мешаванд. Онҳо на танҳо барои худ, балки барои оила, ҷомеа ва умуман давлат хатарнок мегарданд.

Дар аксари таълимотҳои динӣ хоҳиш ва кӯшиши пайравон дар паҳн намудани тасаввуроти динӣ, қоидаҳо, меъёрҳо ва догмаҳои худ дар тамоми ҷомеа мушоҳида мегардад. Мақсади асосии ифротгароии динӣ эътирофи мутлақи нақши пешбарандаи таълимоти дурӯғини худ мебошад. Дар чунин ҳолат муқаррарот дар пайравии қоидаҳо ва догмаҳои динӣ дар аксарияти ҳолатҳо аз пайравон садоқат ба ғояҳо ва омодагии фидо намудани ҳаёти инсониро тақозо менамояд.

---

[1] Консерватизм - аз калимаи лот. conservo – ҳифз кардан, нигоҳ доштан), ба маънои васеъ – нишонаи тафаккур ва мавқеи ҳаётие, ки хусусияти хоси он пайравӣ ба анъанаи хусусияти иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва динидошта ба шумор меравад. Ниг.: Руткевич А.М., Куликов А.А. Консерватизм. Большая российская энциклопедия [Электронный ресурс]. – URL: https://bigenc.ru/philosophy/text/2091273 (дата обращения:12.10.2021). Консерватизм дар фалсафа сарчашмаи худро аз апологетикаи динӣ мегирад. Ниг.: Ализаде А.А. Исламская апологетика. Ответы критикам Ислама [Текст] / А.А. Ализаде. – Баку: CBS, 2008. – С.5.

Муҳаққиқи рус Е.Н. Плужников қайд менамояд, ки ифротгароии динӣ бо сиёсат ва миллатгароӣ алоқаманд аст ва пешниҳод мекунад, ки мафҳуми «ифротгароӣ дар дин», ба мафҳумҳои зерин, ба монанди «ифротгароии динӣ», «ифротгароии этникиву мазҳабӣ», «ифротгароии динӣ-сиёсӣ», «ифротгароии диниву ҷиноятӣ» муттаҳид карда шавад.[1]

Ифротгароии динӣ одатан мақсади тағйир додани сохтори мавҷудаи давлатӣ, халалдор намудани истиқлолият ва ягонагии ҳудуди давлат, бо зӯрӣ ба сифати ғояи давлатӣ талқин намудани таълимоти муайяни динӣ, тарғиби ғояҳои як мазҳаб дар ҳудуди тамоми кишвар ё қисматҳои алоҳидаи он бо истифодаи метод ва воситаҳои ғайриқонуниро пеш мегузорад. Сарварону идеологҳои гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ғояҳо ва шиорҳои диниро дар мубориза барои ба даст овардани мақсадҳои ифротӣ истифода менамоянд, ки имконияти таълимоти диниро ҳамчун омили муҳими ҷалби одамон барои пеш бурдани муборизаи оштинопазир хуб дарк намуда, онро самаранок ва барои ҳифзи ғаразҳои сиёсӣ истифода мебаранд.

Ифротгароии динӣ дар ҷидду ҷаҳди ниҳоии барқасдона эҷод кардани моҷароҳо байни пайравон дар дохили мазҳаб зоҳир мегардад. Масалан, гунаҳкорнамоӣ ва даъват ба зӯроварӣ нисбати ҳаммазҳабони худ дар ҳолати робита бо пайравони мазҳабҳои дигар, зарар расонидан ба саломатӣ, расонидани таъсири ногувори маънавӣ ба нафароне, ки пайрави дину мазҳабҳои ғайранд.

Гуногунии унсурҳои дохилии мафҳуми «ифротгароии динӣ» дар ҳолати нокифоягии коркард ва навъбандии он сабаби пайдоиши баҳсҳо нисбати мазмуну мундариҷаи ин категорияи иҷтимоӣ-фалсафӣ гардидааст. Дар шароити имрӯза метавон мавҷудияти якчанд равиши методологии моҳияти ифротгароии диниро таъкид намуд:

---

[1] Ниг.: Плужников, Е.Н. Понятие экстремизма в религии и его проявления в современной России [Текст] / Е.Н. Плужников // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Политология. – 2010. – №1. – С.49.

- истифодаи зӯроварӣ;

- амалӣ намудани фаъолияти ғайриқонунӣ, ки ба шикасти тартиботи мавҷудаи ҷамъиятӣ – иҷтимоӣ равона карда шудааст;

- ташвиқоти ғайритаҳаммулӣ ва амалияи иҷроиши чунин эътиқод дар ҳаёти ҷамъиятӣ;

- моҳияти зиддидемократӣ, зиддиплюралистӣ, рад намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ки дар консепсияҳои ҷомеашиносии ғарбӣ ҳукмрон аст.[1]

Аз сабаби оне, ки шаклҳои муосири ифротгароӣ одатан дар таснифоти муқаррарӣ ба пуррагӣ фаро гирифта намешаванд, муҳаққиқон, пеш аз ҳама, ба таснифоти мураккаби (омехтаи) онҳо, ба мисли ифротгароии динӣ, ифротгароии динӣ-этникӣ, ифротгароии этникӣ-мазҳабӣ ва ғ. такя менамоянд.

Мо чунин мешуморем, ки барои ошкор намудани хусусиятҳои ифротгароии динӣ зарур аст, ки ҳамбастагии он бо дигар навъҳои ифротгароӣ баррасӣ карда шавад. Чунин амал хеле муҳим аст, зеро маҳз дарки дурусти масъалаи мазкур имконият медиҳад, ки тактика ва стратегияи муносибат бо аъзоёни гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ дуруст муайян карда шавад. Аз тарафи дигар ин имконият медиҳад, ки моҳият ва хусусиятҳои асосии ифротгароии динӣ ошкор карда шаванд.

Дар таркиби ифротгароии динӣ ҳамеша мазмуни идеологияи ифротӣ ҷой дорад. Фаъолиятҳое, ки ба амалӣ намудани мақсадҳо равона карда шудаанд, ифротгароии динӣ ва сиёсиро ба падидаҳои гуногун мубаддал мегардонанд.

Ба ақидаи мо, ифротгароии динӣ ин маҷмуи ғояҳо ва арзишҳои зиддиҷамъиятӣ ва амалҳои ғайриқонунӣ ба ҳисоб рафта, тавассути зуроварӣ ба даст овардани мақсадҳои сиёсиро пайгирӣ менамояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки чунин назария ва амалия ба дуршавӣ аз

---

[1] Ниг.: Экстремизм как цивилизационный вызов: коллективная монография: Монография [Текст]. – Новосибирск: НГАСУ (Сибстрин), 2012. – С.106-108.

эътиқоди анъанавии динӣ, ки дар гурӯҳҳои диниву ифротгароӣ мушоҳида мешавад, оварда мерасонад. Масалан, дар мазҳабҳои гуногуни динҳои католикӣ, православӣ, ислом, яҳудӣ ва ғ. чунин ҳолатҳоро дидан мумкин аст.

Баррасии «ифротгароии динӣ» масъалаи айнияту фарқияти онро бо «бунёдгароии динӣ» ба миён меорад. Зери мафҳуми «бунёдгароии динӣ» муқаррароти устувори динӣ ё яке аз навъҳои шуури динӣ фаҳмида мешавад, ки дорои чунин хусусиятҳо мебошад:

-муносибати манфӣ ба дунявият, даъват ба барқарор намудани анъанаҳо дар шакли ҳукмронии сартосарии дин дар ҳаёти ҷомеа, махсусан ҳаёти иҷтимоӣ, тасдиқи ғояи динӣ бо истифода аз воситаҳои тамаддуни муосир;

- таснифот ва дар амал татбиқ намудани дин дар ҳаёти маънавӣ ва ҳаёти ҷамъиятӣ;

- рад намудани инкишофи таърихӣ. Дар ин ҳолат бунёдгароёни динӣ худро ба сифати гурӯҳи интихобшуда қаламдод менамоянд.[1]

Бунёдгароӣ ба маънои васеи ин калима, ғояест, ки бозгашт ба заминаҳои анъанавии сохти ҷамъиятиро талқин карда, ба муқобили тағйироти аслии он баромад мекунад. Моҳияти ғояҳои бунёдгароӣ баргаштан ба низоми кӯҳнаи иҷтимоӣ ё дар ҳолати карахтӣ нигоҳ доштани тартиботи мавҷудаи иҷтимоӣ, садди роҳи ҳама гуна тағйирот буданро ифода мекунад. Маҳз ҳамин гуногуншаклии бунёдгароӣ дар аксари маврид замина ё боиси пайдоиши ифротгароии динӣ мегардад.

Муҳаққиқи соҳа М.И. Мартин бунёдгароии диниро баррасӣ намуда, ба хусусиятҳои асосии он ҷанбаҳои зеринро ворид намудааст:

[1] Ниг.: Кырлежев, А.И. Религиозный фундаментализм [Текст]/ А.И. Кырлежев // Новая философская энциклопедия: в 4 т. / предс. науч.-ред. совета В.С. Степин. – М., 2001. – Т.4. – С.280-281.

- бунёдгароӣ дар асоси фарҳанги анъанавӣ ё фарҳанге, ки дар доираи он одамон ба таври консервативӣ ба мерос гирифтани ҷаҳонбинӣ ва тарзи ҳаётиро қабул ва тасдиқ менамоянд;

- аксуламал, мухолифат, амалҳои интиқомгирӣ. Дар ҳолати ҷой надоштани чунин хусусиятҳо, коршиносон чунин ҳаракатҳоро чун фарҳанги анъанавӣ ё консерваторӣ ном мебаранд;

- гузаштаро эътироф намуда, бунёдгароён асос ва заминаҳои ғояҳои гузаштаро баррасӣ ва тасдиқ менамоянд;

- зӯроварии эҳтимолӣ, ки имконият медиҳад ҳукмронии анъанавиро ба сифати ҳукмронии бунёдгароӣ баррасӣ намуд.[1]

Дар муносибат ба мақсади гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ олимон ақидаи гуногун доранд. Муҳаққиқони рус М. Баглиев ва Л.А. Баширов қайд мекунанд, ки гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ҳаракат менамоянд на танҳо муаммоҳои этникӣ ва диниро дигаргун созанд, ҳамзамон талош меварзанд, ки ҷомеаҳои миллӣ ва сохтори онро тағйир диҳанд.[2]

Ҳадаф аз ин кирдори бераҳмона расидан ба мақсади ниҳоии худ, ноором сохтани вазъи иҷтимоии ҷомеа, ангехтани зиддият дар миёни қишрҳои ҷомеа, коста намудани обрӯи давлат, эҷоди бесарусомониҳо, ҳамзамон бетартибӣ ворид кардан дар муносибатҳои миёни кишварҳо мебошад. Имрӯз ва дар оянда низ ифротгароии динӣ яке аз хавфноктарин таҳдидҳо барои инсоният ва ҷомеаи умумибашарӣ боқӣ монда, бо истифода аз технологияи муосир тарзу усули нави истифодабариро касб мекунад.

Дар як даҳсолаи охир садҳо ҳазор нафар мардуми осоишта қурбони амалҳои ифротӣ ва террористӣ гардида, ҳазорҳо нафари дигар маъюбу

---

[1] Ниг.: Marty, M.E. Fundamentals of Fundamentalism / M.E. Marty // Kaplan L. Fundamentalism in Comparative Perspective. – Amherst: University of Massachusetts Press, 1992. – P.18.

[2] Ниг.: Баглиев, М. Уроки борьбы с экстремистским исламизмом [Текст] / М. Баглиев // Азия и Африка сегодня. – 2002. – №12. – С.2-11; Борьба с терроризмом: актуальные проблемы законодательного обеспечения. Сборник научных статей [Текст]. – Ростов на Дону: РЮИ МВД России, 2003. – 168 с; Баширов, Л.А. Ислам и этнополитические конфликты в современной России [Текст] / Л.А. Баширов // Религия и культура. – М., 2000. – С.108-125.

корношоям шудаанд. Омори фавтидагони ин ҳаводис шояд аз омори ду ҷанги бузурги таърихӣ чандин маротибаҳо зиёд бошад. Ин чунин маъно дорад, ки амали ин гурӯҳҳо дар оянда низ метавонад вусъат ёбад.[1]

Ихтилофу зиддият, бартарӣ ва афзалият гузоштан дар миёни равия ва мазҳабҳои гуногуни динӣ яке аз сарчашмаҳои сар задани чунин амалу кирдорҳои ваҳшиёна гардида, дар ин миён масҷиду калисо, ибодатгоҳҳо ва ҷойҳои барои мардум муқаддас ҳадафи ҳуҷуми гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ қарор мегиранд. Таассуфовар он аст, ки дар Покистон, Афғонистон, Ироқ, Сурия ва як қатор давлатҳои дигар, ки бархӯрдҳои ҷамъиятӣ-иҷтимоӣ ва зиддияти мазҳабӣ зиёд авҷ гирифтаанд, гурӯҳҳои иртиҷоӣ бо истифода аз вазъи ба амаломада ҳадафҳои душманонаи худро алайҳи мардуми бегуноҳ анҷом медиҳанд.

Дар ин кишварҳо ба амал баровардани фаъолияти ифротӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, кӯчаву хиёбонҳо, бозорҳо ва маконе, ки издиҳоми мардум бештар ҷамъ меоянд, як амали маъмулӣ гардидааст.

Муҳаққиқи тоҷик А. А. Шамолов, қайд менамояд, ки «дар ин раванди мураккаб ва ғайриоддӣ, таваҷҷуҳи бештарро далели баланд бардоштани ҷалби сохторҳои этникиву динӣ ва этникиву фарҳангӣ ба унсурҳои ҷомеаи анъанавӣ касб менамояд: ин арзишҳои ибтидоӣ ва таркиботи милливу маънавӣ ва фарҳангӣ ба бисёр ниҳодҳо, муносибатҳо ва арзишҳои дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ташаккулёбанда таъсир мерасонанд. Албатта, тамоюл ба барқарорсозии сохторҳои анъанавӣ, эътиқод ва таҷрибаҳо дар заминаи муносибати нав коҳиш намеёбад, баръакс, афзоиш меёбад.[2]

Ташвиши ҷомеаи муосир аз таҳдиду хатари ифротгароии динӣ ва тавсеаи минбаъдаи он зарурати омӯзиш, муайян намудани аломатҳо ва

---

[1] Ниг.: Ҳасанов, Ш.Қ. Терроризми байналмилалӣ ва ифротгароии исломӣ [Матн] / Ш.Қ. Ҳасанов, Т.К. Назарзода, К.Ҷ. Азизов. – Душанбе: “Графика”, 2021. – 320 с.

[2] Ниг.: Шамолов, А.А. «Исламское государство» и причины вербовки молодежи из региона Центральной Азии [Текст] / А.А. Шамолов // Материалы международной конференции «Ислам против религиозного экстремизма и терроризма». – Душанбе, 2015. – С.68.

нишонаҳои ифротгароии диниро тақозо менамояд. Ифротгароии динӣ боиси болоравии низоъҳо, шиддат гирифтани низоъҳои байниқавмӣ ва байнимазҳабӣ, ба амал омадани кинаву адовати миллӣ, нажодӣ ва динӣ гардидааст.

Муҳаққиқони рус Л.П. Медведко ва А.В. Германович тағйирпазирӣ ва дигаргуншавии ҷомеаро давраи «гузариши хатарнок» номидаанд, зеро маҳз дар ин марҳила ифротгароӣ хатари ҷиддиро ба миён меорад, чунки ҷомеа дар ҳолати заифӣ қарор дорад ва дар мухолифат бо ин падидаи номатлуб неруи камтар дорад.[1]

Гурӯҳи динӣ-ифротии ваҳҳобия ба хатарноктарин гурӯҳҳои ифротгароӣ дохил мешавад. Хусусияти хоси ин навъи ифротгароӣ ҷалби миқдори зиёди пайравон бо мақсади истисмори минбаъдаи ғоявӣ ва ташкили бӯҳрони иҷтимоиву иқтисодӣ дар ҷомеа мебошад. Ваҳҳобия гурӯҳи динӣ-ифротие мебошад, ки исломро ба мақсадҳо ва ғаразҳои сиёсӣ истифода мебарад. Аз нигоҳи аввал ваҳҳобия исломро таҷдиди назар карда, таълимоти ифротии худро ҳамчун таълимоти аслию бунёдии динӣ тарғиб менамояд. Ин шакли сунъӣ бо ислом рақобат карда, худро ҳамчун намунаи дурусти ислом нишон дода, бо инҳисори ҳақиқати динӣ даъво менамояд.

Дар шароити муосир ифротгароии диниро ба дини Ислом айният медиҳанд, ки мутлақо нодуруст аст. Исломи суннатӣ ҳамчун эътиқод бо риояи қоидаҳои муайян аз насл ба насл мегузарад ва таҷрибаи муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеаро фаро мегирад. Дини ислом, ба хотири таъмин намудани ҷолибият, барои миллату халқиятҳои гуногун имконияти ба инобат гирифтани анъана ва урфу одатҳои маҳаллиро, танҳо дар ҳамон андоза, ки ба эътиқоди динӣ ва қонунҳои шариат мухолифат надоранд, пешниҳод мекунад.

---

[1] Ниг.: Медведко, Л.П. Именем Аллаха... Политизация ислама и исламизация политики [Текст] / Л.П. Медведко, А.В. Германович. – М., 1988. – С.48.

«Исломи анъанавӣ», моҳиятан, зӯрӣ ва зӯровариро ҳамчун воситаи дар амал тасдиқ намудани мақсадҳо мавриди истифода қарор намедиҳад. Дар ин самт муҳаққиқи рус М.А. Алиев қайд менамояд, ки мафҳуми «ваҳҳобия» ва «исломи анъанавӣ» ба якдигар муқобил мебошад.[1]

Мо чунин мешуморем, ки ифротгароии динӣ дар шакли холис дар ҷаҳони муосир ҷой надорад, зеро ба таври ҳатмӣ ангезаҳои ғоявӣ, сиёсӣ ва иқтисодиро дар бар мегирад. Таҳдиди назарраси ифротгароии динӣ ба амнияти иқтисодии давлат равона гардидааст.

Таърихи ҳар як миллату халқият бо таърихи дин, психологияи дин, пайравӣ ба ин ё он шакли рафтор алоқаманд аст. Дин падидаи иҷтимоӣ ва шакли шуури ҷамъиятӣ буда, бо зуҳуроти дигари иҷтимоӣ, аз қабили ахлоқ, санъат, илм ва сиёсат пайвастагии зич дорад.

Маҳз аз ҳамин хотир, дин ҳамчун воситаи тарғибот дар дасти пешвоёни динӣ барои амалӣ намудани мақсадҳои ғоявию сиёсӣ истифода карда мешавад. Объекти ҳуҷуми ифротгароёни динӣ ниҳодҳои муосири сиёсӣ ва сохторҳои сиёсӣ мебошад, ки маҳз онҳо монеаи асосии ба роҳ мондани тартиботи нави динӣ ба ҳисоб меравранд.[2]

Ифротгароии динӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоиву сиёсӣ дар асоси меъёр ва таълимоти динӣ ба раванди рушди ҷамъиятӣ таъсир мерасонад. Ифротгароии динӣ аз дигар шаклҳои зӯроварии ғоявӣ тафовут надорад. Он дар тоқатнопазирӣ ба намояндагони мазҳабҳои дигар ё мухолифат дар доираи дини алоҳида зоҳир мегардад.

Ҳамин тариқ, моҳият ва хусусиятҳои бевоситаи ифротгароии диниро таҳлилу баррасӣ намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ифротгароӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ хатарнок буда, ин раванд ба таври ногузир боиси зери таҳдид қарор гирифтани муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ,

---

[1] Алиев, М.А. Характер общественной опасности ваххабитско-религиозного экстремизма и его уголовно-правовое определение [Текст] / М.А. Алиев // Российский следователь. – 2008. – №5. – С.17-18.

[2] Ниг.: Ҳасанов, Ш.Қ. Терроризми байналмилалӣ ва ифротгароии исломӣ [Матн] / Ш.Қ. Ҳасанов, Т.К. Назарзода, К.Ҷ. Азизов. – Душанбе: Графика, 2021. – 320 с.

миллӣ ва ғоявӣ мегардад. Ифротгарой падидаест, ки дорои хусусиятҳои ғоявию мафкуравӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва равонӣ буда, дурнамо ва ояндаи рушди он дар ҳамбастагӣ пешгирӣ карда шудаанд. Ифротгароии динӣ таъсири худро дар эътиқод, муносибати динии мазҳабҳои мухталиф инъикос намуда, рамзҳои диниро ҳамчун омили муҳими ҷалби одамон истифода менамояд.

Ифротгароии динӣ ҳамчун амали таассубгарона дар зеҳни ифротгаро таҷаллӣ гардида, кӯшишҳои зӯроваронаи намояндагони ин ё он дин дар талқини низоми ҷаҳонбинии худ ба пайравони дини дигар бо мақсади ҷалб гардонидани онҳо аз арзишҳои худ, ки одатан бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ, фишороварихои ғоявӣ ба роҳ монда мешавад, ифода мегардад. Ифротгароии динӣ як навъи ғоя ва фаъолияти иртиҷоии диниест, ки бо анъанаҳои ташаккулёфта мухолифати оштинопазир дорад ва бо шиддатнокӣ дар доираи гурӯҳи динӣ ва дар муҳити иҷтимоӣ фарқ менамояд. Зери мафҳуми «ифротгароии динӣ» хусусиятҳое нуҳуфтаанд, ки барои ифода намудани доираи васеи падидаҳо: аз қабили дини ҳақ, ҳаққонияти мутлақ то ба мафҳуми худкушӣ, фидошавӣ дар ҳолати бегонашавии динӣ истифода карда мешавад.

Дарвоқеъ, ифротгароии динӣ бо мақсади тағйир додани сохтори мавҷудаи давлатӣ, халалдор намудани истиқлолият ва ягонагии ҳудуди давлат, бо зӯрӣ ба сифати идеологияи давлатӣ талқин намудани таълимоти муайяни динӣ, тарғиби ғояҳои як мазҳаб дар ҳудуди тамоми кишвар ё қисмҳои алоҳидаи он бо истифодаи метод ва воситаҳои ғайриқонуниро пеш мегузорад, ки ин барои давлатҳои миллӣ хатари ҷиддӣ маҳсуб меёбад, зеро фарҳанги миллӣ ва тамаддуни давлатҳои миллӣ табиист, ки бо ғояи ифротгарой созгор нест.

## 1.2. Омилҳо, сарчашмаҳо ва шаклҳои зуҳуроти ифротгароии динӣ дар шароити муосири инкишофи ҷомеа

Дар шароити имрӯза дар раванди омӯзиши ифротгароии динӣ масъалаи муайян намудани сарчашмаҳо ва шаклҳои асосии зоҳиршавии он ба яке аз масъалаҳои муҳими илмӣ мубаддал гардидааст. Мушкилӣ дар он зоҳир мегардад, ки ба таври дақиқ сарҳади ифротгароии динӣ муайян нагардидааст, дар аксари ҳолатҳо онро бо ифротгароии сиёсӣ ва диниву сиёсӣ монанд намуда, ҳатто дар баъзе ҳолатҳо ба сифати падидаи алоҳида онҳоро аз ҳамдигар ҷудо намекунанд. Албатта, дар чунин ҳолати омезиши моҳият ва хусусиятҳои падидаҳои алоҳида баррасии илмии онро мушкил ва мураккаб менамояд. Ҳатто дар аксарияти ҳолатҳо нодақиқии мафҳумӣ ошкор намудани падидаҳоро ғайриимкон мегардонад.

Ифротгароии динӣ ба монанди дигар падидаҳо тасодуфӣ нест ва дорои сабабҳои объективии зуҳурот ва қонуниятҳои худ мебошад. Аз ин нуқтаи назар дар навбати аввал заминаҳои пайдоиши зуҳуроти ифротгароии диниро решакан намудан муҳим аст. Маҳз ҳамин муносибат дар мубориза бо ифротгароии динӣ аҳамияти зиёд дорад, зеро дарки сабабҳои пайдоиши он бояд истифодаи ин ё он усулҳои мубориzaро муайян намояд. Маҳз дар асоси чунин муносибат сабабҳои пайдоиши ифротгароии динӣ, муайян намудан ва пешгирӣ кардани он имконпазир мегардад.

Дар аввал бояд ба инобат гирифт, ки танҳо як омили алоҳида ба таври мутлақ боиси пайдоиши падидаи ифротгароӣ намегардад. Дар ҳама ҳолат, бояд маҷмуи сабабҳо ва омилҳо ошкор карда шаванд. Сабабҳои пайдо шудани ифротгароии динӣ метавонанд мухталиф бошанд: динӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ғайраҳо.

Файласуфи ватанӣ Н.Д. Маҳмадизода сабабҳои ифротгароии диниро чунин арзёбӣ намудааст:

- бӯҳронҳои иҷтимоиву иқтисодӣ;
- тағйирпазирии сохтори давлатӣ;
- паст шудани сатҳи зиндагии аксари аҳолӣ;
- такаббуру ғурури пешвоёни ҳизбҳои сиёсӣ ва гурӯҳҳои динӣ.[1]

Илова бар ин, дар қатори сабабҳое, ки ба тақвияти ифротгароии динӣ мусоидат менамоянд, метавон риоя нагардидани ҳуқуқи аққалиятҳои динӣ ва этникиро номид. Инчунин, фаъолияти мубаллиғони хориҷии динӣ, ки фаъолияти онҳо ба барангезиши мухолифатҳои байнимазҳабӣ равона карда шудааст, сабаби тақвият ёфтани ифротгароии динӣ мебошад.[2]

Ифротгароии динӣ бо вайроннамоии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва маънавӣ дар аксарияти ҳолатҳо мақсадҳои сиёсиро пайгирӣ менамояд. Фаъолияти ифротгароии динӣ, пеш аз ҳама, ба ҳал намудани масъалаҳои сиёсӣ равона карда шудааст. Моҳияти ифротгароии динӣ, дар кӯшиши ба даст овардани қудрат бо роҳҳои динӣ-сиёсӣ мебошад.

Дар байни сабабҳои зиёди пайдоиши ифротгароии динӣ омилҳои дохилӣ ва берунии ин падидаи номатлуби иҷтимоӣ ҷудо карда мешавад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки муайян намудани заминаҳо, сарчашмаҳо ва сабабҳои ин масъала ба таври маҷмуавӣ ба роҳ монда шавад.

Ба хотире, ки инсон мавҷуди иҷтимоӣ аст, нахуст тамоми мушкилот дар фитрати худи инсон пайдо шуда, сипас дар муносибатҳои тарафайни ӯ бо аъзоёни оила, хешу табор ва рафиқон сарчашма мегирад ва танҳо дар таҳлили амиқи мухолифатҳои байни ҷаҳони ботинӣ, инсон метавонад муносибати худро нисбат ба ҷомеа, эътиқод ва рафтор, ғояҳо, воқеият, дин ва сиёсат ошкор созад.[3] Метавон чунин таззодҳоро беохир

---

[1] Ниг.: Маҳмадизода, Н.Д. Зоҳиршавии ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои пешгирии он. Монография [Матн] / Н.Д. Маҳмадизода. – Душанбе: Эр-граф, 2022. – С.105-131.

[2] Грицанов, А.А. Новейший философский словарь. Постмодернизм [Текст] / А.А. Грицанов. – М.: Современный литератор, 2007. – С.436.

[3] Кожушко, Е.П. Современный терроризм. Анализ основных направлений [Текст] / Е.П. Кожушко. Под ред. А.Е. Тараса. – Минск: МГРТУ, 2010. – С.235.

номбар намуд. Мантиқан, чунин таззоди дохилӣ ва берунӣ, дер ё зуд инсонро маҷбур менамояд, ки мушкилоти ҷойдоштаро бо истифода аз усулҳои мухталиф, аз он ҷумла тариқи ифротгароии динӣ ҳал намояд.

Яке аз сабабҳои маъмули пайдоиши ифротгароии динӣ мавҷуд набудани донишҳои мушаххас оид ба мақсад, моҳият ва сарчашмаҳои аввалини дин ба ҳисоб меравад. Дар чунин ҳолат муҳим нест, ки ин дини буддоӣ, масеҳӣ ё ислом аст. Дар чунин ҳолат метавон далелеро махсусан қайд намуд, ки донистани аслу моҳияти дин ва амалияи он муҳим аст. Чунки надонистани асли дин низ метавонад боиси пайдоиши тундгароӣ ва ифротгароии динӣ гардад. Фаҳмиши нодурусти мақсадҳо, низоми дохилии дин, амалияи нодурусти динӣ, мағрурӣ ва беэҳтиромӣ боиси пайдоиши бесаводӣ мегардад. Чи тавре маълум аст, бесаводии сартосарӣ омили пайдоиши ифротгароии динӣ мебошад.

Дар ҳолати ҷой надоштани фаҳмиши дурусти мақсадҳо ва низоми дохилии дин, ба боварии нодуруст ва ҳақ будани худ, ки дар навбати худ дар якҷоягӣ бо мағрурӣ ва беҳурматӣ омехтаи хатарнокро ба вуҷуд меорад, ба бесаводӣ оварда мерасонад.

Ифротгароии динӣ имконияти тафсири ратсионалии принсипҳои исломро рад намуда, ба коҳишёбии зеҳнияти ҷавонон оварда мерасонад. Ин ҳолат, дар навбати худ, барои таъсироти ғоявӣ аз ҷониби қувваҳои гуногуни беруна, ба ҷараёни ҳаракатҳои сиёсии ҷудоихоҳӣ, гурӯҳҳои тундгарои террористӣ ва хадамоти махсуси давлатҳои хориҷӣ шароити мусоид фароҳам меорад.[1]

Ҳамин тариқ, сабаби асосии ифротгароии динӣ бесаводии сартосарӣ мебошад, ки ба зуҳури падидаҳои зӯроварии динӣ, ихтилоф ва терроризм оварда мерасонад. Ҷой надоштани шуури солим ва эҳсоси дуруст нисбат ба мақоми дин ва моҳияти он боиси пайдоиши таассубгароӣ ва

---

[1] Кагерманов, А.С. Идеологические направления русского экстремизма в конце XIX - начале XX веков [Текст] / А.С. Кагерманов, Б.В. Бидова // Научно-информационный журнал “Армия и общество”. – 2014. – №2 (39). – С.45-48.

ифротгарой мегардад. Тағйир ёфтани ҷаҳонбинӣ, шикасти низоми арзишҳо ва муқаррароти ҷойдошта, дар ҷомеа ҳолати нобовариро ба миён оварда, боиси инкишофи амалҳои ифротгарой мегардонад. Дар натиҷа, ҷустуҷӯи ҳақиқати динӣ хосияти вайронкорона гирифта, дин ба силоҳи мубориза табдил меёбад.

Аз ин хотир, чунин мешуморем, ки мубориза бо ифротгарой, пеш аз ҳама, бояд дар сатҳи маънавиёт ба роҳ монда шавад. Зарур аст, ки таассубгароии динӣ дар сатҳи илмӣ бо саъю кӯшиши олимону муҳаққиқон ҳангоми таълими фанни диншиносӣ ба донишҷӯёни мактаби олӣ тавассути тавзеҳу фаҳмонидан бартараф карда шавад.[1]

Сабаби дигари пайдоиш ва рушди ифротгароии динӣ мушкилоти тарбия дар оила мебошад. Тавре маълум аст, инсон ҳамчун шахсият, аз кӯдакӣ ташаккул меёбад. Ба кӯдак волидайн таъсири бузург мерасонанд. Дар чунин ҳолат кӯдак аз волидайн агар ҳамарӯза бадбинӣ, нафрат ва зӯровариро нисбат ба дин ва ё мазҳаби дигар мушоҳида намояд, аз онҳо чи гуна ибрат мегирад? Хусусияти равонии кӯдак аз тақлиди волидайн сарчашма мегирад, зеро тибқи принсипҳои равоншиносӣ кӯдак тақлидкор аст.

Дар сатҳи тафаккур кӯдак аксар вақт омӯзгорро ҳамчун идеали худ қабул менамояд ва ба устод худро баробар дидан мехоҳад. Чунин қабул намудани омӯзгор хеле хуб аст, агар он хусусиятҳои мусбат дошта бошад. Дар ин ҳолат, барои дарки вазъият зарур аст, ки рафтори донишҷӯёни макотиби олии имрӯза бо рафтори донишҷӯёни охири солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-ум муқоиса карда шавад. Муқоиса ва таҳлил маълум менамояд, ки сатҳи маълумотнокӣ ва дониши онҳо хеле дигаргун шудаанд. Ҳатто дар вақтгузаронии ҷавонон тағйиротҳои ҷиддӣ

[1] Бидова, Б.В. Историко-правовые аспекты экстремизма в России [Текст] / Б.В. Бидова // Молодой ученый. – 2013. – №5. – С.498-501.

ба назар мерасад.[1] Омилҳоеро, ки ба тағйирёбии рафтори ҷавонон таъсиргузорӣ мекунанд, зимни баррасии сабабҳои тавсеаи ифротгароии динӣ дар байни ҷавонон бояд ба инобат гирифт.

Дастрасии озод ба иттилоот дар Интернет, метавонад яке аз заминаҳои асосии паҳншавии ифротгароӣ дар миёни ҷавонон бошад. Дар шабакаҳои Интернетӣ гурӯҳҳои мухталифе мавҷуданд, ки аз сомонаҳо фазои маҷозӣ истифода бурда, ҷавононро ба амалҳои ифротгароӣ даъват менамоянд, видеоҳои кӯтоҳи иғвоангезиро, ки тамоюли номатлубро доранд, дар байни ҷавонон паҳн мекунанд.

Шиддат гирифтани моҷароҳои миллӣ, минтақавӣ ва мазҳабӣ дар тамоми ҷаҳон боиси ташаккули душвориҳои иҷтимоӣ гардида, сабабгори қувват гирифтани гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ гаштаанд. Чунин вазъро созмонҳои ифротгароӣ барои паҳн намудани ғояҳои худ ба манфиатҳои ғаразноки хеш, барои тақсим кардани манбаҳои молиявӣ ва ғасб кардани ҳокимият истифода менамоянд. Гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ва террористӣ одатан зери чатри исломӣ зуҳур намуда, аз номи Ислом мақсадҳои воқеӣ ва ғаразноки худро рӯйпӯш менамоянд.

Бояд қайд кард, ки ихтилоф дар ҷомеа тасодуфӣ нест, зеро он натиҷаи тақсимоти объективии ҳастии инсон ва шуур мебошад. Шароитҳои мухталифи мавҷудияти одамон ва хусусиятҳои фардии онҳо ногузир ба тақсимоти тамоми инсоният тибқи аломатҳои гуногун - динӣ, иҷтимоӣ, нажодӣ ва миллӣ оварда мерасонанд.

Номутобиқатии сатҳи рушди иқтисодӣ миёни кишварҳои мухталиф дар шароити маҳдудияти имкониятҳои молиявӣ, моддиву техникӣ, захиравӣ, бо ташаккули мавҷи нави муҳоҷират бурда расонда, боиси шиддатнок гардидани фазои иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа гашта, ҷомеаи тоҷикро ба натиҷаҳои мураккаби иҷтимоӣ рӯ ба рӯ мекунад ва ба васеъ

---

[1] Яхьяева, М.У. Религиозный экстремизм: истоки и тенденции возникновения [Текст] / М.У. Яхьяева // Молодой ученый. – 2015. – №20 (100). – С.401-403.

гардидани дастгирии иҷтимоии гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ оварда мерасонад.

Ба ақидаи мо, сабаби ҳақиқии рушди ифротгароӣ манфиатҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ боқӣ мемонад. Ин мақсадҳо бо унсур ва арзишҳои динӣ рӯйпӯш карда мешаванд. Масалан, дар кишварҳои Осиёи Марказӣ мақсади ҳақиқии паҳншавии гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ васеъ намудани фазои таъсири сиёсии худ ба як қатор давлатҳои исломӣ мебошад. Арабистони Саудӣ ба гурӯҳҳои динӣ-ифротии ваҳҳобия ёрии амалӣ расонида, дар паҳн кардани идеологияи он нақши бориз дорад.[1] Баъзан изҳороти пешвоёни гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ дар таҳаввули гурӯҳҳои ифротии исломӣ, ки на ҳамеша ифодагари исломи ҳақиқӣ мебошанд, таъсири амиқ мерасонанд. Зеро ислом тарғибгари зӯроварӣ нест ва фаъолияти ифротию террористиро ҷонибдорӣ наменамояд.

Гуфтан мумкин аст, ки ифротгароии динӣ хосияти иҷтимоӣ-сиёсӣ дорад. Сарфи назар аз мақсадҳо ва мансубият ба ҷараёнҳои гуногуни динӣ-ифротӣ, тамоми ифротгароён нисбати давлату ҷомеаи дунявӣ назари душманона доранд. «Ксенофобия»[2] идомаи табиии ғояҳои миллатгароӣ ва мазҳабӣ мебошад, ки ин матлаб ба муносибати шадиди манфӣ нисбат ба «бегонагон» табдил ёфта, дар ҳама душвориҳо ва мушкилиҳои ҷамъиятӣ гурӯҳҳои этникӣ ё гурӯҳҳои диниро гунаҳгор медонанд.

М.Рюз ксенофобияро ҳамчун падидаи бунёдию табиӣ, ки бо назарияи Дарвин оид ба интихоби табиӣ – зинда мондани навъи пурқувват алоқаманд аст, тасниф намудааст. Мувофиқи ақидаи ӯ, ксенофобия падидаи ғоявӣ-сиёсии хатарнок буда, боиси ду ҷанги ҷаҳонӣ

---

[1] Ниг.: Маҳмадизода, Н.Д. Зоҳиршавии ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои пешгирии он. Монография [Матн] / Н.Д. Маҳмадизода. –Душанбе: Эр-граф, 2022. – С.210-211.

[2] Ксенофобия - (аз юн. ξένος «бегона» + φόβος «тарс») – таҳаммулнопазирӣ нисбат ба касе, ё чизи бегона, ношинос, ғайриоддӣ. Зуҳуроти ксенофобия аслан ба мафҳуми нажодпарастии фарҳангӣ алоқаманд аст. Ниг.: Шнирельман В.А. Ксенофобия. Большая российская энциклопедия [Электронный ресурс]. – URL: https://bigenc.ru/ethnology/text/2639008 (дата обращения:12.10.2021).

дар Аврупо гардидааст. Решаи мубоҳизаи байни протестантҳо ва католикҳо дар Ирландияи Шимолӣ аз ксенофобия сарчашма гирифтааст ва метавонад сабабгори сар задани муноқишаҳои нав гардад.[1]

К.Поппер, Т.Гарри, К.Бринтон ва дигар намояндагони постпозитивизм, сабабҳо ва омилҳои пайдоиши ифротгарой, аз он ҷумла ифротгароии диниро ба равандҳои модернизатсионӣ, ислоҳотхоҳӣ ва демократикунонии ҳаёти ҷомеаи муосир алоқаманд менамоянд. Масалан, К.Поппер ғояи инқилоби иҷтимоии марксистиро, ки бо мақсади бартараф намудани камбағаливу нодорӣ бо роҳи зӯрӣ ва зӯроварӣ ба даст овардани ҳокимияти коргару деҳқонро пешниҳод менамояд, зери танқид мегирад. Пешниҳод менамояд, ки дар беҳтаршавии ҳаёт танҳо дар доираи сохтори капиталистӣ, роҳи беҳтар метавонанд пайдо шавад.[2] Яъне, бартараф намудани масъалаи ифротгароиро К. Поппер гузаронидани ислоҳоти саривақтӣ дар ҷомеа медонад. К. Поппер истифодаи зӯриро баҳри ҳимояи демократия зарур мешуморад.[3]

Муҳаққиқи рус С.В. Иванеев қайд менамояд, ки ҳар як гурӯҳи динӣ-ифротӣ ҳамчун натиҷаи зиддияти оштинопазири иҷтимоӣ дар мазмуну мундариҷаи худ ба дигар динҳо кинаву хусумат ва ҳатто муносибати душманона дорад. Ин муносибат шакли нисбатан васеъро касб намуда, метавонад ба ҷомеаҳои муосир хатар эҷод намояд.[4]

Ба ақидаи мо, яке аз омилҳои асосии зуҳури ифротгароии динӣ ин мутлақ нишон додани догмаҳои як дин ба дину ойинҳои динӣ мебошад. Чунин ҳолат, пеш аз ҳама, хоси давлатҳои сермазҳаб аст, ки сатҳи баланди диндории аҳолӣ сарчашмаи эҳтимолии низоъҳо шуда

---

[1] Ruse M. Sociobiology: Sound science of muddled metaphysics / M. Ruse // Proceedings of the 1976 Biennial Meeting of the Philosophy of Science Association. – Michigan, 1977. – Vol.II. – P.77.
[2] Ниг.: Поппер, К. Открытое общество и его враги: в 2-х т. Т.2 [Текст] / Пер. с англ. – М., 1992. – С.181.
[3] Ҳамон ҷо. – С.177.
[4] Ниг.: Иванеев, С.В. Экстремизм, фундаментализм и терроризм под флагом ислама [Текст] / С.В. Иванеев // Военно-юридический журнал. – 2010. – №12. – С.18-22.

метавонад. Аз ин рӯ, қайд намудан зарур аст, ки дар ҷомеаҳои гуногунмазҳаб устувории муносибатҳои байнимазҳабӣ аҳамияти муҳим доранд.

Муҳаққиқ Г.Ҷемал қайд менамояд, ки пайравони догмаҳои диниро таҳриф карда, кӯшиш намудаанд, ки шаклҳои таърихии дини яҳудӣ ва насрониро эҷод намоянд ва ба асли ибтидоии ин динҳо ҳеҷ алоқамандие надоранд. Ба хотири ба таври комил амалӣ намудани сифатҳои инсондӯстонаи диндорон клерикализм[1] ташаккул ёфт, то ки дар кори динӣ ба одамон беҳбудию осонӣ орад. Ба истилоҳ "Инқилоби динӣ" барои нобуд кардани анъанаҳои муосир, ки аз тарафи пешвоёни аксарияти динҳо муқаррар гардидаанд ва ба истило ба "лоиҳаи Худо" мувофиқ нестанд, ба миён меояд.[2]

Муҳаққиқ Б.Хюбнер қайд менамояд, ки дар марҳилаҳои гузашта одамон ба хотири Худо ҷанг мекарданд, пайравони динҳои дигарро нобуд менамуданд, калисо месохтанд, худро қурбон мекарданд, лекин замони маорифпарварӣ инсон мустақилияти нисбӣ касб карда, аз мазмуну мундариҷаи ба сари ӯ таҳмилшаванда берун шуда, аз ноумедӣ ва муносибатҳои ғайрифаъол ба амалҳои фаъоли иҷтимоӣ мегузаранд.[3]

Қобили зикр аст, ки раванди ҷаҳонишавӣ ба маҳдудсозии арзишҳои анъанавӣ ва суннатӣ оварда мерасонад. Арзишҳои гуногуни фарҳангиву тамаддунӣ, ки аз берун талқин карда мешаванд, ба парокандашавии ҷомеаи муосир мусоидат намудааст.

Як қатор муҳаққиқони ватанӣ масъалаи пайдоиши ифротгароиро дар ҷомеаи муосир бо мухолифати дин ба арзишҳои миллӣ ва давлати дунявӣ алоқаманд менамоянд. Масалан, Қ. Нурулҳақов, Ф. Баротзода,

---

[1] Клерикализм - ҷараёни радикалии сиёсӣ, ки ба мустаҳкам гардидани таъсири сиёсӣ ва фарҳангии калисо кӯшиш менамояд. Ниг.: Светлана Ш. Клерикализм в системе современных национально-государственнических отношений [Текст] / Ш. Светлана // European political and law discourse. – 2014. – Vol.1. –№1.– P. 69.

[2] Ниг.: Джемаль, Г. Освобождение ислама [Текст] / Г. Джемаль. – М., 2004. – С.14-20.

[3] Ниг.: Хюбнер, Б. Смысл в бессмысленное время: метафизические расчеты, просчеты и сведения счетов [Текст] / Б. Хюбнер. – Мн., 2006. – С.11-12.

Н. Маҳмадизода, А. Муминов, Ҷ. Ашурзода ва ғ. решаҳои ифротгароиро дар қабул надоштани гурӯҳи алоҳидаи одамон ба фарҳанги миллӣ ва умуман фарҳанги муосир мебинанд.[1]

Инчунин дар доираи муносибати фарҳангӣ, дар асоси асари С.Хантингтон «Бархӯрди тамаддунҳо» М.Ефимов ба чунин хулоса омада, зикр мекунад, ки мухолифати фарҳангӣ байни намояндагони миллату халқиятҳо ҳамчун сарчашмаи пайдоиш ва паҳн гардидани ифротгарой дар ҷомеаи мусоир баромад менамояд. Масъалаи ташаккул ва инкишофи ифротгароии исломиро баррасӣ намуда, М.Ефимов қайд менамояд, ки мухолифат бар анъанаҳо ва арзишҳои фарҳангиву таърихӣ байни ҷаҳони ислом ва кишварҳои Ғарб ба таври доимӣ ба зуҳуроти ифротгарой оварда мерасонад.[2]

Муҳаққиқи рус З. Арухов якчанд омилро ҷудо намудааст, ки ба афзудани гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ва фаъолгардии гурӯҳу ҳаракатҳои радикалии исломӣ дар ҷаҳони муосир мусоидат менамоянд:

- муҳофизат, парасторӣ ва маблағгузории гурӯҳҳои исломӣ аз тарафи кишварҳои алоҳида;

- афзудани зиддиятҳо, бархӯрдҳо ва моҷароҳои байни мазҳабҳои гуногун дар сатҳ ва шаклҳои мухталиф;

-шиддат гирифтани мушкилоти дохилии кишварҳои Араб.[3]

Ифротгароии динӣ падидаи мураккаби иҷтимоӣ аст, ки дар се шакли бо ҳам алоқаманд зоҳир мегардад:

---

[1] Ниг.: Нурулҳақов Қ. Салафияи ифротӣ: моҳият ва таҳдиду хатарҳои он [Матн] / Қ. Нурулҳақов. – Душанбе, 2018. – 148 с.; Баротзода Ф., Нурулҳақов Қ. Вазъи динӣ-сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф. Баротзода, Қ. Нурулҳақов. –Душанбе: Эр-граф, 2017. –128 с.; Маҳмадизода Н.Д. Зоҳиршавии ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои пешгирии он [Матн] / Н.Д. Маҳмадизода. –Душанбе: Эр-граф, 2022. –324 с.; Муминов А.И. Религиозный экстремизм в контексте социальных изменений [Текст]: дис. … д-ра филос. наук: 09.00.11 / А.И. Муминов. –Душанбе, 2017. –294 с.; Ашурзода Ҷ.Х. Ифротгароии динию сиёсӣ ва хусусиятҳои муҳимми он дар раванди дигаргуншавии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) [Матн]: дис. … ном. илм. сиёсӣ: 23.00.02 / Ҷ.Х. Ашурзода. –Бохтар, 2021. –171 с.

[2] Ниг.: Ефимов, И.М. Грядущий атилла: прошлое, настоящее и будущее международного терроризма [Текст] / И.М. Ефимов. – Спб., 2008. – С.299-334.

[3] Ниг.: Арухов, З.С. Экстремизм в современном исламе. Очерки теории и практики [Текст] / З.С. Арухов. – Махачкала: Агентство «Кавказ», 1999. – С.104.

-ҳолати шуури инфиродӣ ва ҷамъиятӣ, ки дар шакли ғояи динӣ, нигилизм ва таассуб зоҳир мегардад;

- идеология, доктринаи динӣ, ки ба таври ягона мушкилоти ҷаҳонро шарҳ медиҳад, воситаҳои оддии ҳалли онҳоро бо роҳи ҷудонамоии «худӣ» ва «бегона» пешниҳод менамояд, ба яке аз ҷанбаҳои ҳастӣ мавқеи ҳукмронро дода, меъёр ва ҷанбаҳои дигарро рад мекунад;

- маҷмуи амалҳои хатарнок ва ғайриқонунӣ дар самти амалӣ намудани доктринаҳо, муқаррарот ва догмаҳои динӣ.[1]

Ифротгароии динӣ дар ҳолати буҳронҳои сиёсию иҷтимоӣ бештар моҳияти моҷароангез касб менамояд. Дар қатори аломатҳои ифротгароии динии моҷароангез метавон ҷанбаҳои зеринро қайд намуд:

- васеънамоии доираи истифодаи аҳкоми динӣ дар танзими ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятии шаҳрвандон. Дар чунин ҳолат ба таври мушаххас меъёрҳо бо таснифоти қатъӣ будан пешниҳод карда мешаванд. Дар чунин ҳолат мафҳуми «қатъӣ» ба роҳ мондани маҳдудиятҳои зиёдро пешниҳод менамояд, ки аз ҷониби ифротгароён амалӣ  карда мешавад;[2]

- ҷудонамоии гурӯҳҳои иҷтимоӣ аз дигар гурӯҳҳо, ки меъёрҳои ифротгароёнро қабул намекунанд;

- раднамоии арзишҳои фарҳангӣ ва миллӣ, ки дар доираи анъанаҳои динӣ асл шинохта намешаванд.

Мавҷудияти навъҳои хавфноки ифротгароии диниро таъкид намуда, М.И. Ефримов дар доираи ифротгароии динӣ, инчунин навъи ифротгароии динӣ-равониро ҷудо намудааст. Дар тафовут аз ифротгароии динии моҷароангез, ин навъи ифротгароии динӣ мақсади ба пуррагӣ шикасти низоми ҷамъиятиро пайгирӣ намекунад. Муаллиф, ба сифати мисол фирқаи «Иерусалими Кӯҳӣ»- ро хотиррасон менамояд, ки соли 2007 барои ибодат ба паноҳгоҳи зеризаминӣ пинҳон шуда,

---

[1] Ниг.: Райзберг, Б.А., Лысенко, А.А. Экстремизм: истоки проявления и способы противодействия [Текст] / Б.А. Райзберг, А.А. Лысенко. – М., 2015. – С.52-53.

[2] Ниг.: Liebman, Ch.S. Extremism as a religious norm / Ch.S. Liebman // Journal of the scientific study of religion. – 1983. – №22(1). – P.76-78.

«охири дунё»-ро интизор гардидаанд, аммо ҳеҷ талаботро пешниҳод накардаанд.[1]

Ҷудонамоии навъи ғайрисиёсии ифротгароии динӣ ба натиҷаи омӯзиши як қатор таълимотҳо оиди ба охир расидани дунё алоқаманд аст, ки барои онҳо мазмуну мундариҷаи фаъолияти сиёсӣ аҳамият надорад. Сарварони фирқаҳои алоҳида, ба монанди «Ибодатхонаи халқҳо» ва «Шохаи Давидов» кӯшиш намекарданд, ки «ҷаннатро дар Замин» бунёд намоянд. Амалҳои бузурги  зӯриву зӯроварӣ, ки ба қатъ гардидани фаъолияти гурӯҳҳои зикргардида оварда расонидааст, на натиҷаи инкишофи мантиқии онҳо, балки натиҷаи дахолати беруна аст, ки ба ташаккул ва амалӣ гардидани биниши охири дунё оварда расонидааст.[2]

Яке аз шаклҳои ҷиддӣ ва шиддатноки ифротгароӣ - ифротгароии маънавӣ-динӣ ба ҳисоб меравад. Дар асоси ин шакли ифротгароии динӣ моҷарои амиқи ҷаҳонбинии байни ғояҳо ва меъёрҳои ислом ҳамчун дини ҷаҳонӣ, ки барои бисёр халқҳо анъана шудааст ва ғояҳои муосири дунявӣ (аслан ғарбӣ), ки аз ҷониби элитаҳои сиёсии мавҷудаи аксарияти кишварҳо қабул шудааст, ҷой дорад.

Аксарияти диндорон зери роҳбарии руҳониёни шинохта ва мавқеи анъанавии онҳо имконият пайдо намуданд, ки чунин моҷароро бо воситаҳои нисбатан осоишта, ҳаллу фасл кунанд ва танҳо як қисми алоҳидаи руҳониён, ки бар зидди элитаи расмӣ баромад менамоянд, дар роҳи мубориза бо онҳо ва дар маҷмӯъ бо ҳокимият ба роҳи фаъолияти ифротгароӣ гузаштанд.[3]

---

[1] Ниг.: Зяблов, Д.Н. Особенности религиозного экстремизма в современной России: историко-правовые аспекты [Текст] / Д.Н. Зяблов // Исторические, философские, политические и юридические науки, культурология и искусствоведение. Вопросы теории и практики: в 4 ч. – Тамбов, 2011. – №5 (11). – Ч.2. – С.26.

[2] Ниг.: Hall, J.R. Apocalypse Observed: Religious Movements and Violence in North America, Europe, and Japan / J.R. Hall, P.D. Schuyler, S. Trinh. – L.: Routledge, 2000. – P.44.

[3] Ниг.: Бидова, Б.Б. Личностно-ориентированная образовательная концепция высшего профессионального образования как элекент профилактики экстремизма [Текст] / Б.Б. Бидова // Международное научное издание. – 2013. – №2. – С.40-46.

Яке аз чунин гурӯҳи динӣ-ифротӣ ваҳҳобия буда, хусусияти ифротӣ дорад. Ваҳҳобия дар Арабистони Саудӣ дар асри XVIII зери роҳбарии Муҳаммад Абдул-Ваҳҳоб ба вуҷуд омадааст ва як гурӯҳи динӣ-ифротӣ мебошад. Идеологияи ин гурӯҳи динӣ-ифротӣ бозгашт ба замони Исломи ибтидоиро таблиғ менамояд. Соли 1756 бо мақсади татбиқи ҳаракати миллии озодихоҳӣ бар зидди империяи Усмонӣ, яке аз ҳокимони Арабистони Саудӣ - Муҳаммад ибни Сауд бо Абдул-Ваҳҳоб иттифоқ баст, ки дар натиҷа Ваҳҳобия ҳамчун ҷунбиши динӣ мақоми қонунӣ пайдо намуд.[1]

Нуқтаи назари дигари пайдоиши ваҳҳобия мавҷуд аст, ки мувофиқи он ин ҳаракат бо сохтори мустамликавии кишварҳои араб ва ҷустуҷӯи иттифоқчиён алоқаманд аст. Британияи Кабир ба таъсиси монархияи Саудӣ кӯмаки бевосита кардааст. Дар чунин ҳолат, ваҳҳобия дар ибтидо ба тиҷорати маводи мухаддир нигаронида шуда, аз ҷониби Англия пурра назорат карда мешуд.[2]

Ваҳҳобияи тафритӣ дар харобу валангор намудани муқаддасоти динӣ даст доштааст. Ҷиҳод барои ваҳҳобиён танҳо харобкорӣ, куштор, хунрезӣ ва ба даст овардани маблағ мебошад. Пайравони ин гурӯҳи динӣ-ифротӣ ҷиҳодро мубориза бар зидди камбудиҳо ва нуқсонҳои худ намедонанд. Дар масъалаи пайдоиши ваҳҳобия қайд намудан зарур аст, ки ин ҷараёни динӣ на омили объективӣ, балки омили субъективӣ дорад.

Ваҳҳобия бо кӯшиши субъектҳои махсуси манфиатдор ва гурӯҳҳои динӣ-сиёсӣ, ки бо зиёд намудани ғояҳои харобиовари он ва коҳиши ҷанбаҳои гуманистии он равона гардида буд, ба идеологияи терроризм мубаддал гардид. Самти мазкури ин ҷараён дар «мубориза барои эътиқод» аз рӯи принсипи «мақсад воситаҳоро муайян менамояд» амал

[1] Ниг.: Нурулҳақов Қ. Салафияи ифротӣ: моҳият ва таҳдиду хатарҳои он [Матн] / Қ. Нурулҳақов. – Душанбе, 2018. –С.9.

[2] Ниг.: Савельев, В.Н. Международный терроризм в системе глобальных отношений: региональный аспект [Текст] / В.Н. Савельев // Религиозный экстремизм и фундаментализм: справочное издание. – М., 2008. – С.27.

мекунанд. Аз ин хотир, онҳо на танҳо нисбати пайравони динҳои дигар, балки нисбати бародарони мусулмони худ метавонанд фишор, зӯроварии ҷисмонӣ ва маънавиро истифода намоянд.

Кишварҳои арабие, ки зери таъсири ваҳҳобия қарор доштанд, ба содирот ва паҳн гардидани идеологияи мазкур таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд. Дар қатори миқдори зиёди барномаҳои паҳнкунандаи ғояҳои ифротӣ метавон барномаи маблағгузории бунёди масҷидҳо ва мадрасаҳоро ҷудо намуд, ки тӯлонитарин ва аз ҷиҳати молиявӣ серхароҷоттарин аст, аммо дар ҳолати бомуваффақ ба итмом расидан ба роҳ мондани назорати ҷамоаҳои мусулмониро кафолат медиҳад. Дар амалияи иҷроиши ин барномаҳо сарварони ҳаракату ҷараёнҳои ифротии исломӣ бо мубаллиғони араб дар самти ҷудо намудани воситаҳои молиявӣ дар бунёди масҷидҳо алоқаҳоро ба роҳ мондаанд.

Ваҳҳобия анъанаҳои динӣ ва миллиро пароканда менамояд. Мувофиқи таълимоти ислом мусулмонон ба арабҳо ва ғайриарабҳо ҷудо карда намешаванд. Ҳеҷ афзалияте арабҳо аз ғайриарабҳо надоранд, баръакс ҳамаи одамон дар назди Худо баробаранд. Дини ислом ва китоби муқаддаси Қуръон ба инобат гирифтани воқеиятро меомӯзонанд, аммо дар амал ин тавр нест, ваҳҳобия фарҳанги миллиро бидъат мешуморад.

Аз ин рӯ, фарҳанги миллӣ, анъанаҳо, урфу одатҳо ба пуррагӣ дар Ҳиндустон, Покистон, Африқо, Осиёи Марказӣ аз ҷониби ҳизбу ҳаракатҳои ифротию террористии динӣ сарфи назар карда мешавад. Зеро, ки таълимоти динии ҳамаи созмонҳои ифротгароии динӣ аз бисёр ҷиҳат ба нест кардани фарҳанги маънавии халқу милллатҳо равона шудааст. Аз ин хотир паҳни чунин ақида, ки хондани ҷанозаи майит

умуман зарур нест ва он дар рафтори иртиҷоии ваҳобия мавҷуд аст, барои мазҳабҳои мухталифи суннатӣ таҳқиркунанда ба ҳисоб меравад.[1]

Натиҷаи ҷангҳои иттилоотӣ низ ба пуррагӣ метавонанд, ки ба нақша ва мақсади мубаллиғони хориҷӣ мусоидат намоянд. Ҷангҳои иттилоотӣ дар муносибати байни мусулмонон ва пайравони дину мазҳаби дигар фазои номусоидро эҷод менамоянд.[2] Албатта, ба сабабҳои ҷангҳои бардурӯғи динӣ нигоҳ накарда, натиҷаи онҳо ба ҷамоаҳои мухталифи динӣ таъсири манфӣ расонида, муносибати байни пайравони динҳои мухталифро халалдор менамоянд.

Яке аз назарияҳои муҳимии сарчашмаи имконпазири пайдоиши ифротгароӣ дар тафсири нодурусти дин мебошад. Қайд намудан зарур аст, ки дар худи динҳои ҷаҳонӣ мубориза доим байни равияву фирқаҳо ҷой дорад, ки боиси шадид гаштани муқовиматҳои дохилидинӣ мегардад. Ин нуқтаи назарро дар асоси инкишофи таърихӣ ба таври васеъ ва ҳаматарафа А.Ализода таҳқиқ намудааст. Ӯ чунин мешуморад, ки ғояи асосии тундгароии диниро бархӯрди мавқеъҳо ташкил медиҳад. Муборизаи азалии қувваҳои бадӣ ва некӣ – ин қисми ҷудонопазири эътиқоди динии зардуштия, монавия ва гнотсизм мебошад. Дар натиҷа, ҳамаи ин ғояҳо аз тарафи намояндагони динҳои гуногун, аз он ҷумла як қатор фақеҳони исломӣ ба таври ғаразнок тасниф карда мешаванд.[3]

То пайдоиши дини ислом гурӯҳҳои мухталифи гностикҳо чунин мешумориданд, ки ҷаҳонро бадӣ идора менамояд. Баромад аз чунин вазъият дар он зоҳир мегардад, ки одамони нисбатан ба Худо содиқ набояд ниҳодҳои мавҷудаи ҳокимият, ахлоқ ва анъанаҳоро эътироф намоянд. Дар натиҷа ин гурӯҳҳо хосияти харобиоварро касб карданд, ки

---

[1] Ниг.: О важности борьбы с экстремизмом. Лидеры российских мусульман размышляют о ваххабизме и причинах конфликта в исламской общине нашей страны // НГ Религии – 29.11.2000.

[2] Ниг.: Бидов, Б.Б. Специально-криминологическое противодейсивие молодежному экстремизму [Текст] / Б.Б. Бидов // Молодой ученый. – 2012. – №11. – С.288.

[3] Ниг.: Ализаде, А. Религиозный экстремизм: история и современность [Электронный ресурс]. – URL: https://1news.az/news/20070716101504431-Religioznyi-ekstremizm-istoriya-i-sovremennost (дата обращения: 25.01.2021 г.)

дар атрофи худ тамоми ҷанбаҳоро ба хотири маҳви бадии ҷаҳонӣ ва наздик намудани он рӯзе, ки нури Худованд дар тамоми олам тантана менамояд, харобу нобуд менамуданд. Қайд намудан зарур аст, ки ҷаҳонбинии ифротгароёни муосири динӣ дорои чунин асос ва замина мебошад.

Мувофиқи ақидаи онҳо, тартиботи муосири ҷаҳонӣ ба тартиботи воқеии динӣ мухолифат менамояд. Илова бар ин, чунин тартиботи ҷаҳонӣ бо бадӣ ва ноадолатӣ алоқаманд буда, дар ҳама ҷо амал менамояд. Аз ин сабаб бо тартиботи ҷаҳонӣ ва режимҳои дунявӣ мубориза бурдан зарур аст. Ҳақиқатро танҳо як қатор одамон («пешвоёни динӣ») медонанд ва онҳо метавонанд он чизеро, ки Худо дар матнҳои муқаддас гуфтааст, хуб сарфаҳм раванд.[1]

Қариб тамоми таълимотҳои динӣ як навъ салтанати «бадӣ» – ро эътироф менамоянд. Дар давраҳои қадим яҳудиён чунин салтанати «бадӣ» –ро Вавилон меҳисобиданд, ки Исроилро ба шикаст оварда, яҳудиёнро аз он ҷо рондааст. Дар давраи эллинизм ин салтанат давлати Селевкидиҳо гардид, ки кӯшиш менамуд қонунҳои яҳудиятро бекор намояд. Пас аз давраи эллинизм, салтанати бадӣ империяи Рим гардид, ки онро пешвоёни насрония ба Вавилон монанд менамуданд. Рим на танҳо барои яҳудиён, балки барои тарафдорони насрония, ки дар асри якум пайдо шудаанд, нафратангез гардид. Римиён ду маротиба шӯриши яҳудиёнро ба хун оғушта намуданд.

То пайдоиши ислом ифротиёни дини яҳудӣ, ки аз онҳо зелотҳо ном бурда мешуд, суиқасдҳо ташкил менамуданд, ба аскарони римӣ ҳуҷум менамуданд, диверсияҳоро[2] амалӣ мекарданд ва чунин рафтори худро бо талаботи динии худ алоқаманд менамуданд. Ҳамин тариқ, бо гузашти чандин аср салтанати «бадӣ» барои диндорон ҳамеша мавҷуд буд.

[1] Ниг.: Бидонов, Б.Ю. Психолого-политическое понимание экстремизма [Текст] / Б.Ю. Бидонов // Молодой ученый. – 2013. – №1. – С.259-260.
[2] Ниг.: Зокиров, Г.Н. Донишномаи сиёсӣ. Ҷ.1 [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С.361.

Дар шароити имрӯза барои гурӯҳҳои динӣ-ифротии исломӣ салтанати бадӣ Амрико ва иттифоқчиёни он ба ҳисоб мераванд. Дар аксарияти динҳо мафҳуми "миссия" истифода мешавад – инсоне, ки меояд ва ҷаҳонро аз ноадолатӣ наҷот медиҳад ва дар замин салтанати адолатнокиро барқарор менамояд.

Рӯҳониёни мӯътадил чунин мешуморанд, ки омадани миссияро босаброна интизор шудан зарур аст, гурӯҳҳои ифротӣ бошанд, чунин мешуморанд, ки омадани ӯро тайёр намудан зарур аст. Дар навбати аввал бояд гурӯҳҳои мусаллаҳ ҳудуд ва сохторҳои муайяни ҷамъиятиро омода намоянд. Барои аксарияти гурӯҳҳои ифротӣ ташкили хилофати умумиҷаҳонӣ амри зарурист, ки бояд аксарияти минтақаҳоро бо бартарии аҳолии мусулмон муттаҳид кунад.

Ин ғояҳо дар догмаҳои гурӯҳҳои ифротгаро ҳамаҷониба тарғиб мешаванд. Мувофиқи ақидаи онҳо, аксари рӯҳониёни динӣ фасодзада ва бадахлоқ буда, дар хизмати давлат қарор доранд, ки нерӯҳои бадро таҷассум менамоянд.

Ислом ва аксарияти ҷараёнҳои он дар тафовут аз буддоия ва ҳиндуия ба мушкилоти иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеа нигаронида шудаанд. Ислом на танҳо як навъ ҷомеаи ғоявии адолатнокро пешниҳод менамояд, балки зӯриву зӯровариро ҳамчун воситаи бадастории ҳокимият ё ҳимояи ҳокимият пешниҳод менамояд. Ислом таълимоти коркардшудаи давлати исломиро бо маҷмуи аломатҳои расмӣ пешниҳод менамояд. Яке аз аломатҳои муҳими давлати исломӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҳокими олӣ мусулмон бошад ва идоракунӣ дар асоси ҳуқуқи исломӣ ба роҳ монда шавад. Нишонаи муҳими динӣ ислом дар он аст, ки васеъшавии номаҳдуди ҳудудии ҷомеаи исломиро тарғиб менамояд.

Мувофиқи таълимоти консепсияи ҷиҳод, ҳар он чизе, ки берун аз ислом аст, ҳудуди ҷанг ба ҳисоб мераванд. Дар шароите, ки Ғарб ҳамчун

сарчашмаи асосии мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеаи исломӣ шинохта шудааст, амалҳои ифротию террористӣ нисбати онҳо амри зарурист.

Аксарияти одамон дар фарқияти амиқи байни муқаррароти таълимоти дини ислом ва воқеияти шароити имрӯза, решаи зулмҳоро дар дур гардидан аз аҳкоми динӣ, шикасти маънавии ҷомеа ва фаромӯш гардидани меъёрҳои анъанавии динӣ мебинанд. Бо ин қолаб идеологикунонии аввалини ҷомеа (умма) -и мусулмонон зич алоқаманд аст. Дар ин ғоя орзуву ҳавасҳои табиии табақаҳои поёнӣ, ҳама номуваффақиятҳоиислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ дар кишварҳои рӯ ба инкишоф таҷассум ёфтаанд. Аммо, ба назари мо ин ақида комилан хато ва зиддимиллист.

Хусусияти хоси ислом ҳамчун дин дар истифодаи ҷанбаҳои алоҳидаи он ҳамчун асоси идеологияи ифротгароии муосир дар кишварҳои мусулмонӣ нақши ҳалкунанда доранд. Ин бешубҳа, ба паҳнгардии ифротгароӣ мусоидат мекунад.

Агар ба решаҳои ифротгароии динӣ назар намоем, мушоҳида мешавад, ки соли 657 аз халифаи чорум Алӣ, пас аз он, ки муборизаи ӯро дар кори одилона кофӣ нашумориданд, пайдо гардидааст. Агар хориҷия гузаштагони ифротгароии динӣ бошанд, пас Тақиуддин Ибни Таймия, илоҳиётшиноси асри XIV дар миёни ифротгароёни динӣ ҳамчун идеолог маъмул гардидааст. Ӯ, пеш аз ҳама, бо шарҳи ду масъалаи асосӣ таваҷҷӯҳи ифротгароёни диниро ба худ ҷалб намудааст: якум, оё шахс метавонад мусалмон бошад, агар мувофиқи шариат зиндагӣ накунад; дуюм, ба он ҳокиме, ки кишварро мувофиқи муқаррароти ислом идора намекунад, чӣ гуна метавон муносибат кард?[1]

Бояд қайд кард, ки сарчашмаҳои бевоситаи гурӯҳҳо ва ҳаракатҳои ифротгароӣ дар исломи муосир охири асри XIX пайдо гардидааст, ки бо

---

[1] Ниг.: Назиров, Д. Идейные истоки религиозного экстремизма [Текст] / Д. Назиров // Новое дело. – №32. – 13 август.

муборизаи озодихоҳонаи мусулмонон бар зидди Ғарб алоқаманд аст. Дар ин мубориза, Ғарб бартариҳои назаррас дошт ва мусулмонон аз тамоми роҳу воситаҳои дастрас истифода менамуданд. Дар ин самт метавон қайд намуд, ки бунёдгароии динӣ ин як навъ ҷавоби Шарқ ба фишорovариҳои манфии Ғарб ба ҷомеаи исломӣ баррасӣ карда мешавад.

Дар охири асри XX, кишварҳои исломӣ, тамоми низомҳои дунявии идоракунии давлатӣ - аз демократияи парлумонӣ то диктатураи ҳарбӣ, аз нуқтаи назари бартараф намудани ақибмонӣ ва таъмини рушди иҷтимоиву иқтисодӣ номуваффақ гардиданд. Дар шароити шикаст ва нокомии ғояҳои мухталиф, ифротгароӣ ба вуҷуд омад, ки ташкили гурӯҳи динии ифротгароии “Бародарони мусалмон” аз ҳамн қабил аст. Ҳамин тариқ, исломгароӣ дар доираи низоми нави муносибатҳои ташаккулёфта ҳамчун мухолифи муташаккили ҷамъиятӣ - иҷтимоӣ табдил ёфтааст.

Метавон қайд намуд, ки яке аз заминаҳои асосие, ки ба пайдоишу паҳнгардии ифротгароии динӣ мусоидат намудааст, зиддияту мухолифати тамаддуни ислом ва тамаддуни Ғарб ба ҳисоб меравад. Чунин тамоюлотро дар кишварҳои пасошуравии минтақаи Осиёи Марказӣ баръало мушоҳида намудан мумкин аст. Зеро баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ сохти давлатдории худро аз рӯйи модели ғарбӣ ташаккул дода, рушди давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявиро ҳамчун меъёри муҳимтарини ҷомеаи мутамаддин қабул намуданд ва марҳила ба марҳила ташаккул медиҳанд. Аммо аз сабаби оне, ки аҳолии кишварҳои мазкур аксарият пайравони дини ислом ҳастанд, таъсири омили исломӣ дар ин равандҳо хеле зиёд ба мушоҳида мерасад. Ҳатто гуфтан мумкин аст, ки дар раванди давлатдории миллӣ ва рушди сохтори ҷамъиятӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ омили исломӣ аз таъсири мусбат дида, бештар таъсири манфӣ мерасонад. С. Хантингтон ҳанӯз дар охири асри XX наҳзати исломии

кишварҳои пасошӯравиро мушоҳида намуда, онро ҳамчун омили ноустуворкунандаи ҷомеаҳои мазкур унвон намуда буд. Дар таҳқиқоти ӯ, қайд мегардад, ки дар соли 1989 дар кишварҳои Осиёи Марказӣ як мадраса ва зиёда аз 160 масҷид амал менамуд. Аммо дар ибтидои соли 1993 аллакай шумораи масҷидҳо ба 10 ҳазор ва мадрасаҳо ба 10 адад рафта мерасад. Ҳарчанд чунин тамоюлот зери таъсири исломгароёни маҳаллӣ ба амал омада бошад ҳам, таъсири кишварҳои хориҷии исломӣ ба наҳзати исломии Осиёи Марказӣ хеле зиёд буд.[1]

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2019 ба ин масъала таваҷҷуҳи шаҳрвандони мамлакатро ҷалб намуда, иброз доштанд, ки «Мардуми мамлакат барои иҷрои ниёзҳои динии худ дар як муддати кӯтоҳи соҳибистиқлолӣ зиёда аз 5 ҳазор масҷид бунёд карданд. Акнун вақти он расидааст, ки маъракаи бунёди мактабҳо ва боғчаву кӯдакистонҳоро вусъат бахшида, дар ин кори хайр ҳама якҷо саъю талош кунем ва саҳми худро бароиояндаи давлату миллат гузорем, яъне ғами фарзандонамонро хӯрем»[2]. Воқеан ҳам чунин тамоюлот метавонад дар раванди сиёсикунонии ислом мусоидат намояд. Айни замон на танҳо шумораи масҷидҳо аз шумораи мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ бештар шудааст, балки дар миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози шумораи масҷидҳо ҷойи аввалро ишғол менамояд. Таҳқиқоти коршиносони Осиёи Марказӣ, ки дар доираи лоиҳаи Фонди Фридрих Эберт соли 2017 гузаронидаанд, ин оморро тасдиқ менамоянд.

**Шумораи масҷидҳо дар кишварҳои Осиёи Марказӣ[3]**

| Кишвар | Шумораи масҷидҳо | Шумораи аҳолӣ |
|---|---|---|

[1] Хантингтон, С. Столкновение цивилизаций [Текст] / Пер. с англ. Ю. Новикова. – М.: АСТ, 2003. – 603 с.

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 26.12.2019 [маводи электронӣ]. – URL: http://president.tj/node/21975 (санаи истифодабарӣ: 25.01.2019)

[3] Центральная Азия: Пространство «шелковой демократии». Ислам и государство [Текст] . – Алматы, 2017. –С.8.

| | | |
|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 3930 масҷид | 9 126 600 (январи 2019) |
| Ҷумҳурии Қирғизистон | 2669 масҷид | 6 389 500 (январи 2019) |
| Ҷумҳурии Қазоқистон | 2516 масҷид | 18 632 200 (январи 2020) |
| Ҷумҳурии Ӯзбекистон | 2065 масҷид | 33 905 800 (январи 2019) |

Чи гунае, ки мушоҳида намудан мумкин аст, дар миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи масҷидҳо бештар аст. Аммо омори пешниҳодшуда нишондодҳои соли 2017 дар бар мегирад. Чи гунае, ки шоҳид ҳастем, дар паёми солонаи Президенти мамлакат дар соли 2019 шумораи масҷидҳо зиёда аз 5 ҳазор гуфта мешавад, ки дар ду соли охир аз зиёд шудани онҳо дарак медиҳад.

Дар шароити имрӯза миқдори зиёди ҷараён ва ҳаракату созмонҳои динӣ-ифротӣ амал менамоянд. Сарчашмаи асосии иттилоот оид ба таълимотҳои ин ё он ҷараёни динӣ воситаҳои ахбори умум мебошад. Муҳаққиқи рус Н.Н. Панарин чунин мешуморад, ки дар шароити имрӯза, зиёда аз 80% ҳаҷми умумии иттилооти паҳншаванда оид ба ҷараён ва ҳаракату созмонҳои динӣ хусусияти манфӣ доранд. Дар аксарияти барномаҳои телевизионӣ зӯроварӣ ва бераҳмиву золимӣ ташвиқ карда мешавад. Дар чунин ҳолат, миқдори барномаҳои таҳлилӣ ва таълимӣ ба маротиб кам гардидаанд.[1]

Ҳамин тариқ, сатҳи «маълумоти динӣ»-и аксарияти аҳолӣ дар сатҳи ниҳоят паст боқӣ мемонад, фазои психологӣ дар ҷомеа бадтар мегардад. Албатта, чунин ҳолат ва муносибат шароити муфидро барои паҳншави ифротгароии динӣ ба вуҷуд меоварад.

Одамони аз ҷиҳати равонӣ ноустувор ва одамони дар ҳаёт ноумед бештар зери таъсири гурӯҳҳои динӣ қарор мегиранд ва омода ҳастанд, ки таълимоти нави диниро қабул намоянд. Ҳар қадаре, ки меъёрҳо ва

[1] Ниг.: Яворский, М.А. Причины и условия религиозного экстремизма в современной России [Текст] / М.А. Яворский // Юридический мир. Общероссийский научно-практический правовой журнал. – 2008. – №11 (143). – С.58.

принсипҳои таълимоти нав ба қонеънамоии талаботи чунин одамон мусоидат намояд, то ҳамон андоза ҷаҳонбинии пешина аҳамияти худро аз даст медиҳад.

Ғояи ифротгароӣ хусусияти фаромиллӣ дорад, ба он омили тафсири субъективӣ таъсири ногувор мерасонад. Навобаста аз устувории ҷомеа, давлат ва самаранокии фаъолияти ниҳодҳои ҳокимият, дар шароити имрӯза афзоиши пайравони гурӯҳҳои ифротгароӣ мушоҳида карда мешавад. Аксарияти муҳаққиқон қайд менамоянд, ки ифротгароии динӣ дорои заминаҳои ғоявӣ буда, ҳар як гурӯҳ саъю кӯшиш менамояд, ки монополияи ҳақиқату адолатро ба роҳ монад ва догматикаи “характери мутлақу ҳамаҷониба ва нодуруст будани таълимоти динҳои дигар” -ро нишон диҳад. Аммо, дар таърихи рушди ҷомеаи муосир далелҳои мавҷудияти осоиштаи ҷараёнҳои динӣ ва ҳамкории бунёдкоронаи миёни онҳо зиёданд.

Ғояи ифротгароии динӣ барои асоснокнамоии ҷинояткорӣ, амалҳои зӯриву зӯроварӣ, ки аз тарафи аъзоёни созмонҳои ифротгароӣ содир карда мешавад, хизмат менамояд. Вале, қайд намудан зарур аст, ки бо ин вазифаи ғоявии ифротгароӣ маҳдуд намегардад. Вазифаи дигари ғоявии ифротгароӣ танзими рафтори пайравон, ташаккули ҳиссиёти итоаткорӣ ва омодагӣ ба иҷрои амру фармонҳои мухталиф, ҳатто қурбон намудани худ ва оилаи худ ба ҳисоб меравад. Барои ҳалли ин вазифаҳои ғоявӣ ифротгароии динӣ як қатор усулҳои таъсиррасонии умумиро истифода менамояд:

- талаботи ҷудо намудани ҷанбаҳои «хубӣ» ва «бадӣ» дар ҷаҳон;

- ҷудо намудани ҳуқуқ ба ҳаёти аъзоёни гурӯҳ ва инкори ҳуқуқи дигарон ба ҳаёт;

- бартарӣ ва афзалияти принсипи «мақсад ҳар як воситаро дуруст меҳисобад»;

- эълони таълимоти худ ҳамчун ҳақиқати мутлақ, пурра ва абадӣ, чизе ба ин «ҳақиқат» мухолиф аст, бардурӯғ ҳисобида мешавад;

-сохтори муносибатҳои байнишахсӣ, танзими рафтор ва истифодаи вақт, бунёди луғати махсуси муоширати дохилигурӯҳӣ, ки бо ёрии он шиносоии психологӣ ва рафторӣ бо созмон ва фаъолияти он ба миён меояд;

- амалӣ намудани принсипи «таълимот нисбат ба шахсият ва таҷрибаи фардӣ воқеӣ ва ҳақиқат аст»;

- уҳдадориҳои омӯзиши доимӣ ва эътирофи самимии он, ки ба инсон ягон чизи шахсӣ, махфиву пинҳонӣ намонад ва доимо дар ӯ «эҳсосоти гунаҳкорӣ»-ро нигоҳ дорад.[1]

Муҳаққиқони рус В. Зорин ва Э. Паин чунин мешуморанд, ки ғояи ифротгароӣ аз боло, яъне аз тарафи пешвоёни ғоявӣ ва динӣ талқин карда намешавад. Он аз поён низ паҳн намегардад, зеро қолабҳои оммавии манфӣ танҳо маҳсулоти хом барои ифротгароён аст. Ғояи ифротгароӣ дар сатҳи миёна, бо саъю кӯшиши фаъолони этникӣ ва динӣ ташаккул меёбад.[2]

Таъсири Ғарб ба ҷаҳони ислом дар шакли нео-мустамликадорӣ, зӯроварии фарҳангӣ, омилҳои сиёсати умумиҷаҳонӣ, мухолифати байни арабҳо ва исроилиҳо ба самти ислоҳотӣ оварда расониданд, ки ба мутлақгардонии яке аз арзишҳои бунёдӣ, на арзиши миллӣ, балки умумияти диниву маънавӣ мувоҷеҳ гардид.

Муҳаққиқи соҳа Э. Сиван чунин мешуморад, ки ислом ба таҳдиди хатарноки нобудгардӣ рӯ ба рӯ гардидааст, ки на дар натиҷаи ғасб аз берун, балки аз барои «заҳри ғарб», яъне шефта гардидан ба ғояҳои муосир, дунявият, моддигароӣ ва тарзи ҳаёти мутобиқ бармеояд. Ин

---

[1] Ниг.: Арухов, З.С. Экстремизм в современном исламе. Очерки теории и практики [Текст] / З.С. Арухов. – Махачкала: Агентство «Кавказ», 1999. – С.107.

[2] Ниг.: Барский, Л.А. Оглядываясь на будущее: прогноз на XXI век [Текст] / Л.А. Барский. – М., 2006. – С.65.

ғояҳо ва тарҳҳои ахлоқи ғарбӣ, ки аз давраи маорифпарварӣ сарчашма мегиранд, имрӯз аз тарафи ғайримусалмонон паҳн карда мешаванд.[1]

Илова бар ин, зӯроварӣ хоси ифротгароии динӣ аст. Ба ақидаи муҳаққиқи рус П.Хлебников, шавқу рағбати муҳими вайронкорӣ ба ваҳҳобиҳо хос аст. Неруи харобиовари онҳо танҳо ба пайравони насронӣ равона нагардидааст. Ваҳҳобиҳо дар асрҳои XVIII-XIX нимҷазираи арабро тобеи худ намуда, тамоми ҷанбаҳо ва объектҳоеро, ки ғайриваҳҳобӣ ҳисобида мешуданд, аз байн бурданд. Дар аксар мавридҳо мухолифату зиддияти гурӯҳу фирқаҳои навташаккулёфта ба вуҷуд омада истодааст. Соли 2001 толибон ду муҷассамаи қадимаи Буддоро нобуд намуданд. Онҳо намунаҳои беҳамтои муқаддасоти дини қадимтарини ҷаҳонӣ буда, илова бар ин, инъикоси фарҳанги қадима, ки дар Осиёи Марказӣ ҳанӯз аз давраи Элинизм нуфуз дошт, ба ҳисоб мерафтанд.

Ваҳҳобиҳо, тайёранд, ки ҳатто ёдгориҳоеро, ки аз тарафи табиат бунёд карда шудаанд, нобуд созанд. Дар ин самт метавон ҷазираи Балиро мисол овард. Соли 2002 террористон бо «ҷанги муқаддас» -и худ ба ин ҷо омада, ба хотири зарар расонидан ва нобуд намудани сайёҳони америкоӣ ва австралиягӣ инфиҷорҳои зиёд ташкил намуданд, ки дар натиҷа зиёда аз 200 нафар ба ҳалокат расиданд.[2]

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки ифротгароии динӣ ба монанди дигар падидаҳо тасодуфӣ набуда, дорои сабабҳои объективии зуҳурот ва қонуниятҳои худ мебошад. Мо ҳамон нуқтаи назарро дастгирӣ менамоем, ки на бо падидаи воқеӣ, ки аллакай ба миён омадааст, мубориза бурдан зарур аст, балки заминаҳои асосии пайдоиши онро решакан намудан муҳим аст. Маҳз ҳамин муносибат дар мубориза бо ифротгароии динӣ аҳамияти бузург дорад, зеро дарки сабабҳои

---

[1] Ниг.: Сиван, Э. Радикальный ислам. Причины и последствия террористического насилия [Текст] / Э. Сиван // Internationale Politik. – 1997. – №8. – С.5-7.
[2] Ниг.: Хлебников, П. Разговор с «варваром» [Текст] / П. Хлебников, Л. Марягин. – М.: Эксмо, 2003. – С.62.

пайдоиши ифротгарой бояд истифодаи ин ё он методҳои муборизаро муайян намояд.

Дар қатори сабабҳои сершумори пайдоиши ифротгароии динӣ сабабҳои дохилӣ ва берунӣ ҷудо карда мешавад. Зарур аст, ки заминаҳо, сарчашмаҳо ва сабабҳои ин мушкилот ба таври маҷмуавӣ муайян карда шавад. Ба таври умумӣ метавон сабабҳои пайдоиши ифротгароии диниро чунин муайян намуд: аксарияти одамон оид ба мақсад ва моҳияти дин донишҳои зарурӣ надоранд; мавҷуд набудани тафаккури мукаммал ва босифати ҳиссиёт ва амалҳо, нақш ва мақоми дин, ҷанбаҳои доктринавӣ ва мундариҷавии дин; проблемаҳои тарбиявӣ дар оила; проблемаҳои тарбияи насли наврас дар муассисаҳои таҳсилоти маълумоти миёна; дастрасии озод ва бемонеа ба иттилоот; самтҳои умумиҷаҳонии рушди ҷомеа ва низоми муносибатҳои байналхалқӣ; сабабҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ғайраҳо.

Ифротгароии динӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ дорои се сатҳи ба ҳам алоқаманд мебошад: доктринавӣ, ташкилӣ ва фаъолиятӣ, ки ҳар яке дорои мазмун ва мундариҷаи хосси худ мебошад. Масалан, аз ҷиҳати сатҳи фаъолият ифротгарой дар маҷмуи унсурҳои зерин, ба монанди субъект ва объекти ифротгароии динӣ, ҳавасмандӣ ва фаъолияти ифротгарой зоҳир мегардад.

Ба сифати сарчашмаҳои пайдоиш ва паҳни ифротгароии динӣ ғояи ифротгарой, муборизаи кишварҳои Шарқ барои соҳибистиқлолӣ ва паҳни бемаҳдуди иттилооти ифротгароии динӣ баромад менамоянд.

Тарафдорони ифротгароии динӣ ғояҳои худро паҳн менамоянд, ба қатори худ насли наврасро бо роҳи ғалат ва нодуруст маънидод намудани матнҳои муқаддас ва дигар китобҳои динӣ фаъолона ҷалб мекунанд, методҳои ҳавасманднамоии моддӣ, коркарди равониро васеъ истифода менамоянд. Таҳлилҳо ва инчунин таҷрибаи амалӣ нишон медиҳанд, ки созмону ҳаракатҳои радикалии ифротгарой ҳеҷ гуна

нақшаи мушаххаси бунёди давлати ғоявиро надоранд. Тамоми изҳороти онҳо, танҳо ба хотири ҷалби миқдори зиёди одамон, махсусан ҷавонон ба сафҳои худ мебошад. Илова бар ин, маҳз чунин изҳорот имконият медиҳад, ки пайравони худро ба иҷроиши ин ё он амали ниҳоӣ водор созанд.

Ҳамин тариқ, дар асоси баррасии сабабҳо, омилҳо ва сарчашмаҳои ифротгароии динӣ метавон чунин хулосабарорӣ намуд:

Ифротгароии динӣ ҳамчун зуҳуроти номатлуб падидаи тасодуфӣ набуда, дорои сабабҳои объективии зуҳурот ва қонуниятҳои худ мебошад. Аз ин лиҳоз ба таври муфассал ошкор намудани сабабҳо ва омилҳои зуҳур намудани ифротгароӣ зарурати ҳатмист. Омӯзиш ва таҳлилу баррасии масъалаҳои мазкур муайян намуд, ки сабабҳои пайдо гардидани ифрогароии динӣ метавонанд динӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, равонӣ ва ғайраҳо бошанд. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки яке аз сабабҳои маъмулии пайдо шудани ифротгароии динӣ, мавҷуд набудани донишҳои кофӣ нисбат ба мақсад ва моҳияти худи дин ва сарчашмаҳои аввалини дин ба ҳисоб меравад. Аз таҳқиқоти боло метавон хулоса кард, ки ба сифати сабабҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ талаботи пурихтилофи гурӯҳҳои мухталифи аз ҳамдигар ҷудои инсоният – халқиятҳо, миллатҳо, синфҳо, гурӯҳҳо ва табақаҳо баромад менамоянд, ки метавонанд ифротгароии диниро ҳамчун падидаи ҳаёти ҷамъиятӣ тавлид намоянд. Яке аз ҷанбаҳои асосии тавлидгари ифротгароии динӣ ин номутобиқати тезу тунди сатҳи рушди иқтисодӣ байни кишварҳои мухталиф ба шумор рафта, ин раванд ба натиҷаҳои мураккаби иҷтимоӣ ва ба васеъ гардидани дастгирии иҷтимоии ифротгароӣ оварда мерасонад. Ба ақидаи муаллиф, яке аз омилҳои асосии ба вуҷуд омадани ифротгароии динӣ ин мутлақ гардонидани дини алоҳида аст, ки ба неруҳои мухолиф таҳаммулнопазириро ба миён меорад. Чунин ҳолат, пеш аз ҳама, хоси давлатҳои сермазҳаб ба ҳисоб меравад, ки диндории

шаҳрвандон сарчашмаи эҳтимолии моҷароҳо баромад менамояд. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки яке аз гурӯҳҳои хусусияти ифротидошта ваҳҳобия мебошад, ки дар харобу валангор намудани муқаддасоти динии мусулмонон аз давраи пайдоиши худ даст доштааст. Ваҳҳобиён зери мафҳуми ҷиҳод танҳо харобкорӣ, куштор, хунрезӣ ва ба даст овардани боигариро баррасӣ менамоянд. Муаллиф муътақид аст, ки зуҳуроти ифротгароии динӣ ин дар мубoризаи доимӣ қарор додани мухолифатҳо, дар мубoризаи некӣ ва бадӣ нуҳуфтааст.

## 1.3. Асосҳо ва заминаҳои арзишиву меъёрии ташаккули ифротгароии динӣ

Дар шароити муосир зиддиятҳо, мухолифатҳо ва номутаносибии муносибатҳо дар сатҳҳои мухталифи муносибатҳои ҷамъиятӣ мушкилиҳои зиёдеро дар самти рушду инкишофи ҷомеа эҷод намудаанд. Ҳам дар доираҳои илмӣ ва ҳам дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ифротгароии динӣ ҳамчун таҳдид ва мушкилоти рушди ҷомеа эътироф гардидааст. Барои муайян намудани асосҳо ва заминаҳои арзишиву меъёрии ташаккули ифротгароии динӣ ҳамчун шакли ҳаракати ифротӣ зарурати ошкор намудани нақш ва мақоми дин дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва таъсири ғоявии он ба низоми иҷтимоӣ пайдо мешавад.

Дар бештари маврид ҳангоми шарҳи ифротгароии динӣ ба таври зуд ва саросарӣ дар бораи ифротгароии сиёсӣ ё худ дар шакли маҷмуи атрофи ифротгароӣ сухан меравад, ҳол он, ки ифротгароии динӣ як шакли муайяни ифротгароӣ аст. Он аз ифротгароии сиёсӣ ба таври куллӣ дар тафовут қарор дорад. Ҳангоми омода намудани консепсияи сиёсии ифротгароии сиёсӣ аз арзиш ва меъёрҳои динӣ ба таври гуногун истифода мебаранду халос. Ё ин, ки ифротгароии динӣ метавонад хосияти сиёсӣ гирад. Аммо ифротгароии диниро ба таври пурра сиёсӣ тасаввур кардан мантиқан нодуруст аст. Дар мавридҳои дигар дар зери ибораи ифротгароии динӣ категорияҳое шарҳ ва нисбат дода мешаванд, ки ба он алоқаманд набуда, ифодаи ҷараён ва ё ҳолати дигари инкишофи идеологии ҷомеа мебошанд.[1] Ядрои ифротгароии диниро дин ва арзишу принсипҳо ва меъёрҳои он ташкил медиҳад. Ифротгароии динӣ бо ғояҳо ва идеалҳои ифротии динӣ асос ёфтааст. Ифротгароёни динӣ арзишҳо ва принсипҳову меъёрҳои диниро воситаи таъсиррасонии ғоявӣ, назарфиребӣ ва инъикоси хушбахтӣ ҷилва медиҳанд.

Дин дар ҳаёти оммаи мардум ва ҷомеаи муосир ҳамчун падидаи умумӣ баромад намуда, доираи васеи муносибатҳоро фаро гирифта,

---

[1] Ниг.: Асламзода, Н. Политический экстремизм: понятие, содержание и его особенности [Текст] / Н. Асламзода //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2018. № 6. - С. 271.

маҷмуи вазифаҳои мухталифро иҷро менамояд. Дар ин самт метавон чунин вазифаҳоро, ба монанди муттаҳид намудану ташаккул додани худшиносии этникӣ, ташаккули фарҳанги маънавӣ-ахлоқӣ, тарбияи эҳсоси ватандорӣ ба ин ё он умумият, иҷро намудани уҳдадориҳои иҷтимоӣ, ташаккули ғояҳои адолати иҷтимоӣ ва умуман ҳисси масъулиятшиносӣ, дарки муносибат ба уҳдадориҳои инсон дар назди давлат ва инсонро махсусан қайд намуд.[1]

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки як қатор вазифаҳои дин дар ҷомеа хусусияти мухолифати дохилӣ доранд. Масалан, муттаҳид намудани умумияти динӣ на ҳама вақт ба муттаҳид гардидани тамоми ҷомеа оварда мерасонад. Яъне, дин метавонад муносибати байни давлат ва қисми диндорони ҷомеаро шиддатнок гардонад.

Дин аз тасаввуротҳо ва эътиқоду эътимодҳое таркиб ёфтааст, ки шиддати зуди таъсирбахшӣ ва назарфиребиро дорад. Дар ҳолати содир кардани амали ифротгароёна нақши асосӣ ба дараҷаи таъсирбахшии афкор ва идеологияи он дода мешавад. Идеологияи динии ифротгароӣ аз маҷмуи ғояҳо, таълимотҳо, тасаввуроту назарияҳои махсусе таркиб ёфтааст, ки даъвои неруҳҳо ва гуруҳҳои ифротгароро ба объекти муайян ва таъсир расонидану истифода аз онро дар худ таҷассум мекунад. Он муқобили ҳар гуна равияҳои ғоявию мавкуравӣ ва динӣ қарор гирифта, расидан ба мақсадро бо роҳҳои гуногуни ғаёриосоишта ва зуроварию фишороварӣ ва маҷбургардонӣ аз ҳама афзалтар мешуморад. Идеологияи динии ифротгароӣ ба таври саросарӣ ба равияҳои гуногуни мавкуравии либерализм ва арзишҳои ҷомеаи озоди демократӣ дар зиддият қарор дорад. Он хосияти таҳмилотии идеологияи либерализмро намепазирад ва ҳеҷ як навъ созиши иҷтимоиро барои рушди мутаносиби муносибатҳои ҷамъиятӣ қабул надорад.

Экспансияи идеологияи ифротгароӣ, ки бо арзишҳои динии ифротӣ асос ёфтааст, ба вайроншавии ҳолати инкишофи мафкуравӣ ва фазои

[1] Ниг.: Рахимов, Р. Своеобразие ислама в Центральной Азии [Текст] / Р. Рахимов // Россия и мусульманский мир. – 2011. – № 1. – С.97-114.

идеологияи миллию тамаддунии ин ва ё он ҷомеаҳо ва давлатҳои алоҳида оварда мерасонад. Он аз нигоҳи ҷамъиятию иҷтимоӣ, хуқуқӣ, сиёсию давлатӣ «эрозия» - и фазои мафкуравӣ шуморида шуда, арзишҳое ҷун хуқуқ ва озодӣ, тартибот ва оромӣ, бехатарӣ ва рушди устуворро коҳиш дода, ба аз байн рафтани онҳо мусоидат мекунад.

Ҳама гуна ифротгароӣ аз асосҳои ғоявии динӣ ба таври васеъ истифода мебарад. Истифода бурдан аз асосҳои динӣ ва этиқодӣ аз ҷониби экстремистон ва комил гардонидани консепсияи идеологии худ ин хоси дини муайян нест. Қариб ҳама равияҳои этиқодӣ вобаста ба ихтиёр кардани амал ва рафтори ифротгароӣ аз арзишҳо ва меъёрҳои динии худ ба таври васеъ истифода мебаранд. Масалан, Роналд Винтроб қайд мекунад, ки новобаста аз сатҳи руоварии идеологӣ ки дар асосҳои динӣ комил гардонида шудааст, ифротгароӣ дораи якчанд хусусияти ягона мебошад. Ин ҳолатро ӯ бо муқоисаи хусусиятҳои ду ҷараёни ифротгароӣ – «фундаментализми яҳудӣ» ва «Харакати ифротгароии Хамос», ки ягонаанд муайян намудааст:[1]

- ҳарду бар зидди ҳар гунна муносибати компромисстӣ мубориза мебаранд;

- ҳар ду дар роҳи расидан ба мақсадҳои худ устуворанд;

- ҳар ду аз иҷроиши амалҳои зуригарӣ барои расидани ба мақсад даст намекашанд;

- ҳар ду хосияти динигароӣ ва радикаливу иртиҷопарастонаро доранд;

- ҳар ду таҳаммулпазириро қабул надоранд;

- ҳар ду догматизми идеологӣ ва ягонагии онро қабуд доранд, ки бештар хоси ифротгароии динӣ мебошад.

Низоми арзишҳои ифротгароии динӣ ба эътирофи иҷозадиҳӣ ба радикализм, парастиши неруи зӯрӣ асос ёфтаанд. Асоси онро вайрон кардани принсипҳои ахлоқӣ ва идеалҳои арзишотиву ахлоқии

[1] Ниг.: Ronald W. Rational extremism: the political economy of radicalism [Text] / W. Ronald. - New York: Cambridge University Press, 2006. – P. 5.

башардустона, масъулият дар назди одамон, ҷамъият, масъулияти шахсӣ ташкил медиҳад. Арзишҳо ва принсипҳои ғоявии ифротгароии динӣ бар муқобили меъёрҳои иҷтимоии ҳуқуқ қарор гирифтаанд. Онҳо инкор кардани арзиши маданияти муосирро, ки барои шахсият ва ҷомеа зарурӣ аст ҳадафи худ эълон доштаанд. Арзишҳои ҷомеаи муосирро ба як навъе, арзишҳои беҳаёҳона баҳо дода, комёбиҳои таърихии онро рад мекунанд.

Ба андешаи пажӯҳишгар Ю.В.Ахромеев, асоси ифротгароии диниро бунёдгароии динӣ, ки ба усулҳои террористӣ асос ёфтааст, мебошад.[1] Ифротгароӣ ба эҳсосот таъсир расонида, шуурро фаро гирифта, аксар вақт хусусияти ҳайратангез, ҷанҷолӣ, саркаширо махсусан дар байни ҷавонон бедор мекунад. Набудани таҷрибаи иҷтимоӣ, эҳсосоти баланд, дилсӯзӣ, набудани худтанзимкунӣ ва масъулияти шахсӣ аксаран имкон медиҳад, ки ашхоси ифротӣ, махсусан ҷавононро гаравгони ғоявӣ ва мафкуравӣ гирифта, нерӯҳои ифротгаро ва дигар нерӯҳои иртиҷоӣ ба манфиатҳои худ истифода баранд.

Ислом ҳамчун омили устувор ба характер ва самтгирии равандҳои таърихӣ ва иҷтимоии ҷомеаи муосир таъсири назаррас мерасонад. Қайд намудан зарур аст, ки неру ва устувории омили мазкур аз вазъияти таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бармеояд, ки ба мусулмонон ҷанбаи легитимият[2] ва дурнамои махсусро таъмин мекунад. Бо назардошти нақши стратегии ислом, аз мадди назар дур сохтани он дар ҳаёти ҷамъиятӣ, ки пайравони ислом аксариятро ташкил медиҳанд, ба шиддат гирифтани муносибатҳо оварда мерасонад. Аз ин хотир зарур аст, ки дар ҷомеаи муосир ба ислом ва пайравони ин дин муносибати созанда намуда, неруи маънавӣ ва ҷисмонии онро дар ташаккули ҷомеаи муосир ва демократӣ мавриди истифода қарор диҳанд.

---

[1] Ниг.: Ахромеева, Ю. В. Социокультурные основы религиозного экстремизма [Текст]: автореф. дис. ... канд. филос. наук : 09.00.13 / Ахромеева Юлия Васильевна. Воронеж, 2009. - 19 с.

[2] Ниг.: Зокиров, Г.Н. Донишномаи сиёсӣ. Ҷ.2 [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С.107.

Аммо, таҳлили вазъияти мавҷуда нишон медиҳад, ки дар шароити имрӯза ва дар ҷомеаи муосир ислом аз консерватизм ва анъанавият тафовут дошта, бӯҳрони номутобиқати навъ ва сатҳи шуури исломиро бо шароит ва воқеияти рушди муосири ҷомеа паси сар менамояд. Ба чунин муносибат нигоҳ накарда, дини ислом омили асосии фазои иҷтимоӣ-маънавии ҷомеаи муосир боқӣ мемонад.

Дар алоқамандӣ бо муваффақияти камтари зеҳнӣ ва бенизомии сохтори системативӣ, ислом наметавонад вазифаҳои созандагӣ ва бунёдкории худро иҷро намояд, чаро ки аксарияти пайравонаш аз эҳсосот суистифода бурда, дар бисёр маврид таҳаммулпазириро зери пой менамоянд. Дар ин радиф таъсири бузурги дин ба ҷомеаҳои муосир на ҳамеша аҳамияти мусбатро касб менамояд, ки албатта ба хусусияти равандҳои иҷтимоӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Чунин вазъият ба пайдоиши ду ҷанбаи муҳим оварда мерасонад. Якум, дар асоси нигоҳ доштани сатҳи пасти шуури динӣ, ки аз муосирсозии ҷомеа қафо мондааст, дин аз омили ҳамоҳангсоз ба омили ноустуворкунанда ва ташаккулдиҳандаи муҳити ифротӣ мубаддал мегардад. Дуюм, ба инобат нагирифтани дини ислом дар ташаккулу рушди ҷомеаи муосири давлатҳои миллӣ раванди мазкурро аз нерӯи бузурги моддӣ ва маънавии дин маҳрум менамояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки фаъол гардидани унсурҳо ва ақидаҳои бунёдии исломӣ ва мавҷудияти вазъияти бӯҳронии шуури динӣ ба пайдоиш ва рушди падидаҳои манфии маънавӣ-фарҳангӣ ва ҷамъиятӣ, аз он ҷумла ифротгароии динӣ оварда мерасонад. Аз ин хотир зарур аст, ки шуури динӣ сифат ва сатҳи баландро касб намуда, дин на нақши барандаи моҷаро, балки иштироки созандаро дар раванди будёдкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ таъмин намояд.

Дар марҳилаи кунунӣ давлатҳо ва ҷомеаҳои муосир дар сатҳҳои мухталиф ба фаъолияти ифротгароёни динӣ, ки зӯрӣ ва зӯроварии

мубориза хоси онҳост, ба шиддатнок намудани вазъият ва бунёди режимҳои динӣ равона карда шудааст, рӯ ба рӯ шудаанд.

Ҳолати ноустувори муносибатҳо омили дохилии пайдоиш ва рушди ифротгароёни динӣ ба ҳисоб меравад. Дар чунин ҳолат омилҳои беруна ба пурра гардидани омилҳои дохилӣ мусоидат менамоянд.

Маблағгузорӣ, омӯзонидан, паҳн намудани адабиёти динӣ ва фаъолияти таблиғотчиёни хориҷӣ мавҷудият ва ҷолибияти ғояи ифротгароиро дар байни аҳолии нисбатан камбизоат таъмин менамоянд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки таъсири омилҳои беруна дар паҳн намудани ғояи ифротгароӣ нақши бузург доранд. Баъд аз оне, ки нерӯҳои коалитсионӣ хоки Афғонистонро тарк намуданд, ифротгароёни динӣ фаъол гардида, бо барқарор намудани алоқаҳо бо ҳаммаслакони худ дар кишварҳои Осиёи Миёна саъю кӯшиш менамоянд.[1]

Дар ҷомеаи муосир сабабҳои дохилии пайдоиши ифротгароии динӣ бӯҳрони иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва ғоявӣ, нодориву камбизоатии қисми муайяни аҳолӣ, самтгириҳои ғоявӣ дар тамоми ҷомеа, моҷароҳои иҷтимоӣ ва этникӣ, ки дар заминаи коҳиши сатҳи зиндагӣ ва ноустувории ҷамъиятӣ ба миён меоянд, ба ҳисоб мерав637.

Метавон сабабҳои зеринро махсусан қайд намуд:

-исломигардии ҳаёти иҷтимоӣ, ки аз ҷониби элитаҳои ҳукмрон ба сифати алтернативаи ғояи коммунистӣ ба роҳ монда шуда, яке аз самтҳои таъмини ғоявии истиқлоли миллии ҷомеаи муосир гардид. Дар шуури оммавӣ ғояҳои динӣ ҳамчун неруи зеҳнӣ ва ҷамъиятӣ, ки метавонанд тамоми мушкилотро ҳал намоянд, ворид карда шуд;

-тафриқабандии ҷамоаҳои мусулмонӣ: пайдоиши гурӯҳҳои исломии сершумор, аз он ҷумла, ҷамоаҳои салафӣ, ваҳҳобӣ, инчунин гурӯҳҳое, ки мақсадҳои тиҷоратӣ ва молиявиро пайгирӣ менамуданд;

---

[1] Ниг.: Поляков, К.И. Исламский экстремизм в Центральной Азии [Текст] / К.И. Поляков. – М.: Институт востоковедения РАН, 2014. – С.5.

- дар сатҳи зарурӣ ташкил нагардидани фаъолияти самаранок дар мухолифат бо ифротгароии динӣ. Аз бисёр ҷиҳат, чунин вазъият натиҷаи муносибати ғайританқидии фаъолони ҷомеаи муосир ба ворид гардидани неруҳои диниву сиёсии хориҷӣ ба ҳаёти маънавии ҷомеа мебошад;

-мавҷуд набудани заминаи ҳуқуқӣ, ки фаъолияти мақомоти давлатиро дар соҳаи мубориза бо ифротгароӣ ва терроризми динӣ бо назардошти воқеиятҳои замони муосир муайян намояд. Меъёри асосии қонунгузорӣ дар тамоми ҷомеаи муосир қонун «Дар бораи озодии эътиқод ва иттиҳодияҳои динӣ» мебошад, ки муҷозотро нисбати субъектҳои фаъолияти ифротгароӣ муқаррар намекунад;

-афзоиши босуръати миқдори иттиҳодияҳои динӣ ва муассисаҳои таълимии динӣ, аз он ҷумла, масҷидҳо, мадрасаҳо ва дигар марказҳои фарҳангии хусусияти динидошта. Таълим ва омӯзиш дар чунин муассисаҳо ва марказҳо мувофиқи тарҷеҳи динӣ ва диниву сиёсии сарпарастон амалӣ мегардад. Илова бар ин, ба миқдори зиёди марказҳои таълимии динӣ миқдори диндорони маълумотдор мувофиқ набуда, аз ин хотир, дар чунин муассисаҳо нафароне фаъолият менамуданд, ки дониши кофии динию дунявӣ надошта, ба нозукиҳои фиқҳи исломӣ ва хусусиятҳои тафсир сарфаҳм намераванд;

- ба созмони бюрократӣ мубаддал гардидани мақомоти идоракунии ниҳоди дин дар ҷомеа, ки ба амалӣ намудани мухолифат бо пайдоиши ифротгароии динӣ ва назорати ин равандҳо омода набуданд. Намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва кумитаи кор бо дин то ба имрӯз бо изҳороте, ки «ислом дини сулҳ аст ва террористу ифротгароён ба ислом ягон алоқамандие надоранд» маҳдуд гардидаанд ва бо ин васила аз мубризаи фаъоли ғоявӣ бо ифротгароии динӣ худро канор мегирифтанд;

-ба даст овардани маълумоти динӣ дар муассисаҳои таълимии исломии хориҷа (Эрон, Арабистони Саудӣ, Покистон, Миср) аз тарафи ҷавонон. Чунин муассисаҳо фаъолияти таълимии худро дар аксар маврид дар асоси ғояҳои бегона амалӣ менамоянд. Дар раванди таълим донишҷӯён ба таври ногузир ақида ва арзишҳои диниро, ки аз фаҳмиши анъанавӣ фарқ менамоянд, аз худ мекунанд. Маълум аст, ки донишҷӯён зери таъсири намояндагони созмонҳои ифротии исломӣ меафтанд. Ҳатто дар донишгоҳи машҳури «Ал-Азҳар» донишҷӯён зери таъсири гурӯҳои ғайриқонунии исломгароён қарор мегирифтанд;

-сабабҳои иҷтимоиву иқтисодӣ: тақсимшавии ҷомеа аз рӯйи сатҳи дороии моддӣ, ки дар навбати худ эҳсоси беадолатии иҷтимоиро дар миёни аҳолӣ, бахусус ҷавонон ташкил медиҳад; сатҳи баланди бекорӣ, алалхусус дар миёни ҷавонон, ки ба осонӣ зери таъсири ҷараёнҳои ифротӣ меафтанд;

-сабабҳои ғоявӣ: паҳншавии ғояи гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ; имконияти истифодаи низомҳои нави иттилоотӣ барои таблиғи ғояҳои гуногун, аз ҷумла ғояҳои ифротгароӣ; имконияти истифодаи технологияҳои ғайриқонунии идоракунӣ ва танзими рафтори инсон ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ;

- муҳоҷирати аҳолӣ: афзоиши раванди муҳоҷират бо мушкилоти мутобиқшавӣ ба муҳити нав; тағйирёбии таркиби этникии аҳолӣ, алалхусус дар шаҳрҳои калон ва дар натиҷа шиддатнок гардидани муносибати байни миллатҳо;

- таъсири омилҳои беруна, фаъолияти таблиғотчиён ва ифротгароёни хориҷӣ, ки ғояҳои динию ифротиро таълим медоданд ва паҳн мекарданд. Солҳои 90-ум дар ҳудудҳои кишвар аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фаъолияти ташкилӣ ва ташвиқотии созмонҳои байналхалқӣ

ва минтақавии исломии «Ал-Қоида», «Ҳизб-ут-таҳрир», Ҳаракати исломии Ӯзбекистон ва ғайраҳо ошкор карда шудаанд.[1]

Дар чанд соли охир, ворид гардидани ислом ба тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ мушоҳида карда мешавад. Аммо, ба ин нигоҳ накарда, аксарияти мусулмонон дар мавқеи расмии пайравӣ ба ислом қарор доранд, ки дар ин замина метавон вазъияти диниро дар ҷомеа муайян намуд ва ба як қатор масъалаҳои ҷойдошта равшанӣ андохт. Масалан, яке аз масъалаҳои муҳим сар то сар паҳншавии гурӯҳи динӣ-ифротии салафия дар ҷомеаи имрӯзаи мо мебошад.

Муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки амиқгардии эътиқод як қатор масъалаҳоро пеш меорад, ки ба ин масъалаҳо бештар аъзоёни гурӯҳи динӣ-ифротии салафия манфиатдор мебошад. Рӯҳониёни расмии ҷомеа дар мубориза бо салафия мавқеи дақиқ надоранд. Илова бар ин, ба таври расмӣ аксарияти аҳолӣ дорои фаҳми нокифояи асосҳои ислом буда, ба доираи фаъолияти созмону ташкилотҳои ифротгароии динӣ ҷалб карда мешаванд.[2]

Аҳолии ҷомеаи муосир ба сохторҳои расмию анъанави исломӣ эҳтиром надоранд, дар ҳоле ки сарварони ғайрирасмии ифротгаро дорои обрӯву эътибори хосса мебошанд. Муҳаққиқон исбот намудаанд, ки бидуни дастгирии аҳолӣ ҳаракату ҷараёнҳои исломгаро наметавонистанд, ки арзи ҳастӣ дошта бошанд ва ин ҳақиқати бебаҳс аст.

Дар ҷомеаи имрӯзаи мо норозигӣ нисбат ба муносибатҳои мавҷуда мушоҳида карда мешавад, ки метавонад ба рушди шаклҳои нави эътироз, аз он ҷумла инкишофи ифротгароию исломгароӣ оварда

---

[1] Ниг.: Поляков, К.И. Исламский экстремизм в Центральной Азии [Текст] / К.И. Поляков. – М.: Институт востоковедения РАН, 2014. – С.14-16.

[2] Ниг.: Фридман, Э. Авторитарные режимы, религиозные права мусульман в Центральной Азии и недостаточное освещение этих прав в иностранной прессе [Текст] / Э. Фридман // Центральная Азия и Кавказ (Лулео, Швеция). – 2010. – Т.13. – Вып.1. – С.164-179; Олкотт, М.Б. Велика ли угроза джихада в Центральной Азии? [Текст] / М.Б. Олкотт // Pro et contra (МЦК). – 2009. – №2. – С.39-52.

расонад. Дар фаъолияти баъзе аз сохторҳои мавҷудаи ҷомеаи муосир методҳои самараноки пешгирии ифротгароӣ вуҷуд надорад, барномаҳои иҷтимоӣ дар аксарияти ҳолатҳо иҷро нашуда, имкониятҳои иҷтимоии аҳолӣ маҳдуд мегарданд.

Ҷонибдорони фаъолияти ифротгароӣ диққати асосиро ба иштибоҳҳои ҷомеа равона намуда, онҳоро ба хотири ташкили идоракунӣ дар асоси меъёрҳои шариат ҳамчун далел истифода менамоянд. Солҳои охир таблиғотчиёни хориҷӣ дар паҳни ғояҳои ифротӣ ба муваффақияти назаррас ноил гардиданд, ки дар шароити имрӯза бо маблағгузории субъектони хориҷӣ фаъолият менамоянд.

Раванди динигардонии муносибатҳои ҷамъиятию иҷтимоӣ аз ҷониби муҳаққиқон манфӣ арзёбӣ мегардад. Ҷанбаҳои манфӣ дар он зоҳир мегарданд, ки ғояҳои ифротӣ дар ҷомеа васеъ паҳн гашта, эҳтимол дорад, ки инкишофи маънавии рушди ҷомеаро дар хатар гузорад. Дар самти манфӣ бошад, мубаллиғон талаб менамоянд, ки ҷомеа дар доираи шариати ислом кору фаъолият намояд.

Гарчанде исломигардонии ҷомеаи мо босуръат идома дорад, сохторҳои дахлдор саъю кӯшиш менамоянд, ки характери дунявии давлат ва ҷомеаро нигоҳ доранд. Вале, дар ҷомеаи мо ақидаҳои мухталиф нисбат ба таъсири ислом дар сохтори давлатӣ ҷой дорад, аксарияти аҳолӣ тарафдори ҳокимияти дунявӣ мебошанд.

Таҳлил ва мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар асоси нигоҳ доштани исломи анъанавии мазҳаби ҳанафия, ки ба давлат ва анънаҳои миллӣ мувофиқ аст, чорабиниҳои сатҳи давлатӣ дар самти роҳ надодан ба таъсири ифротгароии динӣ, аз он ҷумла мустаҳкам намудани қонунгузорӣ дар соҳаи дин ва маҳдуд намудани бадастории маълумоти

динӣ дар хориҷа зарур мебошад. Кушиш намудан лозим аст, ки таъсири ифротгароии динӣ дар фазои ҷомеаи мо заиф гардад.[1]

Гарчанде таъсири кишварҳои беруна ба фазои динии ҷомеаи мо то андозае заиф гардидааст, аммо ибтидои солҳои 90-ум он хеле пурқувват буд, ки имрӯз натиҷаи он эҳсос мегардад, зеро таблиғотчиёни хориҷӣ тавонистанд, ки дар ҷомеаи мо заминаи гурӯҳҳои динӣ-ифротии ғайрианъанавиро гузоранд.

Раванди ифротикунонии дин дар замони муосир, махсусан дар ҷомеаи муосири мо, босуръат амалӣ мегардад, ки бо сабабҳои зерин алоқаманд мебошад:

-афзоиши сатҳи камбизоатӣ ва тақсими нобаробари неъматҳои моддӣ;

-костагӣ ва ғайрисамараноки фаъолияти мақомоти давлатӣ дар соҳаи маориф, тандурустӣ ва дигар соҳаҳои иҷтимоӣ;

- фаъолияти густурдаи тарғиботчиёни хориҷӣ дар паҳн намудани ғояҳои динӣ-ифротӣ дар ҷомеаи муосир;

- таъсири равандҳои геополитикӣ ба ҷомеаи мо.

Дар ҷомеа мухолифатҳое мавҷуданд, ки бо муборизаи қавмиву авлодӣ ва коррупсия омехта гашта, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ноуҳдабароии сарварони исломии расмӣ дар самти нигоҳ доштани амалияи динӣ дар доираи қонун ва ғайраҳо алоқаманд мебошанд. Ҷанбаҳои номбаргардида ба афзоиши амалҳои ифротгароиву террористӣ ва шаклҳои ниҳоии зулму зуроварӣ мерасонанд.[2]

Дар баъзе кишварҳо паҳншавии терроризм ва ифротгароии динӣ дар сатҳи паст қарор дошта, қариб ки мушоҳида карда намешаванд. Коршиносон чунин ҳолатро бо ду тарз шарҳу эзоҳ медиҳанд:

---

[1] Ниг.: Шустов, А.В. Трансформация этноконфессиональной структуры новых независимых государств Центральной Азии (1990-е - первое десятилетие 2000-х гг.) [Текст] / А.В. Шустов // Восток-Oriens (ИВ РАН). – 2011. – №5. – С.98-115.

[2] Нанаева, А. Исламский фундаментализм и политический ислам в странах Центральной Азии (на примере Таджикистана и Узбекистана) [Текст] / А. Нанаева // Россия и мусульманский мир. – 2009. – №1. – С.84-93.

- анъанаҳои маънавӣ дар ягон ҳолат ба шаклҳои бунёдии эътиқоди исломӣ алоқаманд набуданд;

- назорати ҷиддии тамоми зуҳуроти динӣ дар ҳаёти ҷомеа аз тарафи мақомоти давлатӣ ба роҳ монда шудааст.

Аксарияти муҳаққиқон эътироф менамоянд, ки дар баъзе кишварҳо ба пайдоиши гурӯҳҳои ваҳҳобия ва фаъолияти онҳо имконият намедиҳанд. Албатта, чунин вазъият бо шаҳодати назорати ҷиддии ҷомеа ва табақаҳои мухталифи иҷтимоӣ, инчунин дар асоси фазои динӣ ва менталитети миллӣ, ки бунёдгароии диниро қабул надоранд, таъмин карда шудааст. Аз ин хотир, эҳтимолияти пайдо гардидани заминаҳои пайдоиш ва рушди исломи бунёдӣ вуҷуд надорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тамоми тарғиботчиёни «Ҳизб-ут-таҳрир», ки ба кишварҳои гуногун фиристода шуда буданд, ба муваффақияти ҷиддӣ ноил нагардиданд.

Дар баъзе давлатҳо нақши дин дар ҷомеаи муосир ба таври мусбат қабул карда шудааст, гарчанде аксарияти аҳолии чунин кишварҳо нисбат ба дин муносибати манфӣ доранд. Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки аҳолии баъзе кишварҳо нисбат ба масаъалаҳои динӣ ва таъсири он ба муносибати байни одамон мавқеи мухолифро ишғол намудааст. Ба ин нигоҳ накарда, нисбат ба нақш ва мақоми дин дар ҷомеа баҳогузориҳои мусбат мушоҳида карда мешавад.[1]

Муҳаққиқон қайд менамоянд, ки шиддатнок гардидани муносибати байни намояндагони фирқаҳои мухталиф бо фаъолгардии гурӯҳҳои ифротӣ алоқаманд аст. Гурӯҳи ифротии исломии "Ҷунд-аль-Халифат" (Аскарони Хилофат) дар чунин ҷомеаҳои миллӣ зӯрӣ ва зӯровариро ба роҳ монда, бекор намудани баъзе қонунҳоро талаб менамуданд. Чунин мешуморем, ки ин аввалин таҳдиди ҷиддӣ ба сатҳи маърифатӣ ва равонии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Маҳз бо чунин изҳорот амалҳои зӯриву

[1] Ниг.: Козырев, Т. Новые тенденции в развитии этноконфессиональной ситуации в Казахстане [Текст] / Т. Козырев // Analytic (КИСИ). – 2009. – №5. – С.87-90.

зӯроварии ифротгароии динӣ дар ҷомеаи муосир ҳукми воқеӣ пайдо намуданд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо ин васила ифротгароии динӣ дар сатҳҳои мухталиф дар кишварҳои муосир паҳн гардидааст. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки сатҳи нисбатан баланди паҳншавии гурӯҳҳо ва созмону ташкилотҳои ифротгароии динӣ дар Ӯзбекистон ҷой дорад.

Самтҳои умумии вазъияти динӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ аз ҷанбаҳои зерин иборат мебошанд:

- дар аксарияти кишварҳои рӯ ба тараққӣ мазҳаби ҳанифия равияи бештар паҳнгардида ба ҳисоб меравад; дуюмин равия аз рӯи миқдори пайравон мазҳаби православӣ мебошад;

- таркиби пайравони динҳо дар ҷомеаи мо ба таври назаррас «ҷавон» гардидааст;

- миқдори шаҳрвандони эътиқоддор зиёд гардидааст;

-аксарияти иттиҳодияҳои динӣ, махсусан ҷамоаҳои исломӣ хусусиятҳои таъсири ғоявиро касб намудаанд;

- дар фаъолияти ҷамоаҳои динӣ гирифтани маълумоти динӣ ба таври назаррас афзудааст;

- миқдори ҳаракату ҷараёнҳои динӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ чандин маротиба афзудааст;

- ҳаракату ҷараёнҳои динӣ асосан аз хориҷа маблағгузорӣ карда шуда, маркази онҳо берун аз ҳудуди давлатҳои осебпазир ҷойгир шудаанд;

- дар ҷомеаи мо ҳаракатҳои иҷтимоӣ - сиёсӣ зери шиорҳои исломӣ пайдо шуда, фаъол мегарданд, муттаҳид гардидани онҳо бо дигар нерӯҳои мухолиф мушоҳида карда мешавад;

- дар аксарияти ҷомеаҳо фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ дар сатҳҳои мухталиф назорат карда мешаванд. Чунин назоратнамоӣ дар баъзе

ҷомеаҳо ба таври ҷиддӣ, дар баъзеи дигар ба таври озод ва бо нармӣ ба роҳ монда шудааст;

-дар аксарияти кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба хотири мустаҳкам намудани қонунгузорӣ дар соҳаи фаъолияти динӣ ба меъёрҳои ҳуқуқӣ ба таври доимӣ тағйироту иловаҳо ворид карда мешаванд;

-дар аксарияти кишварҳо вазъияти динию сиёсӣ, ки бо эътиқоди исломӣ алоқаманд аст, шиддатнок мегардад;

- дар ҷомеаи тоҷикистонӣ созмону ташкилотҳои манъгардида ба таври пинҳонӣ фаъолият менамоянд;

-ҳеҷ як кишвар оид ба ҳаҷми воқеӣ ва амиқи диндорон дар миёни аҳолӣ тасаввуроти воқеӣ ва дақиқ надорад.

Ба сабабҳои объективии афзоиши ифротгароии динӣ, маҷмуи мушкилоти дохилии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ, инчунин мушкилоти таъсири беруна ба фазои идеологӣ дохил мешаванд. Қайд намудан зарур аст, ки ба амнияти ҷомеаи муосир таҳдиди асосӣ ин ифротгароии динӣ мебошад. Масалан, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъияти Афғонистон ва эҳтимолияти васеъ гардидани фазои ноустуворӣ омили муҳими объективӣ баҳогузорӣ мешавад. Чорабиниҳо ва амалҳои ҳарбӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва дипломатии давлатҳои ҳамсоя ба бартараф намудани ноустувории муносибатҳои иҷтимоӣ - ҷамъиятӣ равона карда шудааст.

Дар шароити имрӯзаи инкшофи муносибатҳои ҷамъиятӣ мушкилоти ифротигардонии шуури ҷавононро ба қатори таҳдидҳои аввалин мегузоранд, зеро он метавонад вазъиятро ба пуррагӣ тағйир диҳад. Аз ин хотир, исломгароёни ифротӣ дар халалдор намудани психология ва шуури ҷамъиятӣ, сатҳи дарки дунявии олам, пайравии озоди динӣ, нақшаи ташкил кардани давлати динӣ дар ҳудуди ҷомеаи мо кӯшиш менамоянд.

Бо сабабҳои субъективӣ, асосан, сабабҳои дорои хусусияти иҷтимоӣ-психологӣ ва фарҳангӣ дохил мешаванд. Сабаби асосии ворид

гардидани инсонҳо ба равияҳои ифротгароию тундгарой норозигӣ аз муносибатҳои мавҷуда, аз сатҳи рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Ба омилҳои беруна метавон чунин ҷанбаҳоро ворид намуд: равандҳои гуногуни зиддияти ҷаҳонӣ; таъсири геотамаддунӣ (geoculture)[1], рушди бархӯрдҳои иҷтимой дар ҷомеа, манфиати созмонҳои ифротгароии шабакавӣ дар васеъ намудани базаи иҷтимоии фаъолияти худ; воридшавии беназорати адабиёти мухталифи динӣ, ки на ҳамеша аз экспертизаи мувофиқ гузаронида мешаванд; фаъолияти саркардагони гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ, ки фаъолияти онҳо ба ҷалбнамоии ҷавонон равона гардидааст; фаъолияти тарғиботӣ дар ҷомеаи муосир, ки бо мақсади фаъолияти хайриявӣ, бунёд ва барқарор намудани биноҳои ибодатӣ ва таълимӣ равона шудаанд.

Шавқу рағбати гурӯҳҳои тундгаро ва ифротгарой ба ҷомеаҳои муосири мо, аз бисёр ҷиҳат, аз мавқеи пайравони онҳо бармеояд, ки дар кишварҳои хориҷӣ қарор доранд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки зиёд гардидани захираҳои ифротгарой дар як қатор ҳудудҳо ва ҷомеаи муосир натиҷаи бевоситаи бархӯрдҳои геополитикии кишварҳо мебошад. Раванди ифротикунонии шуури мардум дар як қатор кишварҳои осиёгӣ, бешубҳа бо ҳодисаву воқеаҳои Сурия, Туркия ва Афғонистон алоқаманд аст. Ин алоқамандӣ ҳар қадаре, ки хосияти ғоявӣ пайдо кунад, то ҳамон андоза дорои махсусиятҳои геотамаддунӣ мегардад.[2]

Аксарияти ифротгароён аз ҷиҳати равонӣ одамони солим мебошанд, гарчанде муҳаққиқони Ғарб онҳоро одамони носолими руҳӣ мешуморанд. Албатта, ба ин мавқеъ розӣ будан душвор аст, зеро

---

[1] Ниг.: Mohammed G. Geoculture. Center for Intercultural Dialogue Key Concepts in Intercultural Dialogue. Associate Professor, University Mohammed First, Oujda, Morocco, 2021.

[2] Ниг.: Коенкозов, С. Центральная Азия: Раздолье для демократических фантазий [Электронный ресурс]. –URL: http://snob.kg/labirint/pro-svobodu/item/306-tsa-razdole-dlya-demokraticheskikh-fantazij (дата обращения: 12.04.2022 г.)

ҳамоҳангнамоии амалҳои худ ва риоя намудани тартибот дар ҳолати носолимӣ ғайриимкон мегардад.

Ошкорнамоии сабаби ягона, ки инсонро ба роҳи ифротгароӣ ворид менамояд, ба монанди тартиб додани образи ифротгаро дар асоси ҳувияти этникӣ амали беҳуда аст. Ангезаи тамаъкорона ва камбизоативу нодорӣ на ҳамеша сабаби асосӣ ва ягонаи воридгардии одамон ба созмону ташкилотҳои ифротгароӣ мегардад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки одамон асосан ба хотири манфиатҳои молиявӣ ва дар ҳолатҳои кам ба хотири дигар неъматҳои моддӣ ба фаъолияти ҳаракату ҷараёнҳои ифротгароӣ ворид мешаванд. Ифротгароӣ ба монанди дигар навъҳои фаъолият, махсусан агар он ба амалӣ намудани мақсади муайян равона гардида бошад, як навъ фаъолияти тахрибкорона ба ҳисоб меравад.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки баромади иҷтимоии фаъолони ҳаракату ҷараёнҳои ифротгароиву тундгаро аз қишрҳои камбизоат нест. Муҳаққиқони рус Б.Дубанаев ва Т.Дронзина қайд менамоянд, ки дар қатори фаъолон, ки дар ҷанги Сурия ширкат намудаанд, шахсони бекор ва дорои мушкилоти амиқи молиявӣ набуданд. Аксарияти иштирокчиён аз мавқеи моддии худ қаноатманд буданд. Ҳатто дар миёни ифротгароён соҳибкорони муваффақ низ буданд.[1]

Ба ифротгароӣ ва тундгароӣ, пеш аз ҳама, надоштани дониши амиқ ва мукаммали динӣ, инчунин донишҳои сатҳии динӣ оварда мерасонад. Доштани донишҳои динии рӯякии сатҳӣ ба ворид гардидан ба фаъолияти ифротгароӣ ва тундагароӣ мусоидат менамояд. Дар ҳолати ба таври амиқ дарк накардани асосҳои таълимоти динӣ, инсон ба ҷанбаҳои дуюминдараҷаи дин диққат дода, ба моҳияти умумӣ таваҷҷуҳ наменамояд. Маҳз чунин нафарон ақидаи тарғиботчиёни гурӯҳҳои динӣ-ифротиро ҳамчун ҳақиқати динӣ қабул менамоянд, матнҳои муқаддасро

[1] Ниг.: Вейцель, Р. ИГИЛ – не религиозная организация. Ислам в СНГ [Электронный ресурс]. – URL: http://www.islamsng.com/kgz/report/8608 (дата обращения: 12.04.2022 г.)

бо рамзу киноя омехта менамоянд ва наметавонанд, ки далелҳои воқеиро аз пешниҳоди соддаву оддӣ ҷудо созанд.

Воқеияти инкишофи ҷомеаи муосир нишон медиҳад, ки аксарияти одамон, махсусан ҷавонон, асосҳои дини исломро намедонанд, бештар ба ҷанбаҳои дуюминдараҷа диққат медиҳанд, донишҳои динии онҳо асосан рӯякӣ аст. Мо чунин мешуморем, ки асосҳои диниро танҳо дар ҳолати омӯзиши матнҳои он ба даст овардан мумкин аст.

Ифротгароии динӣ аз эҷод ва бунёди ривоятҳои мухталиф ҳамчун фаъолияти ғайриоддӣ, дақиқ ва саҳеҳ барои ҷавонони соҳибмаълумот ва аз ҳама ҷанба таъминбуда, ки мақсад ва ҳаёти худро пайдо карда натавонистаанд, сарчашма мегирад. Хаёлпарастии ҷавонон, хоҳиши пурмазмун намудани ҳаёти худ одатан боиси дур гардидан аз воқеият ва ворид шудан ба олами хаёлотӣ мегардад. Дар чунин ҳолат, ҷавонон худро қаҳрамони нотарс ва бебок тасаввур менамоянд, ки бо роҳи истифодаи зӯриву зӯроварӣ ва қурбониҳо ба одамон дар барқарор намудани адолат ва хушбахтӣ кӯмак менамоянд. Қайд намудан зарур аст, ки ҷавононро одатан «мубориза бо низом» ҷалб менамояд. «Ҷолибияти равонӣ»-и фаъолияти ифротгароиро метавон ҳамчун шавқу рағбат ба ифротгароӣ шарҳ дод.

Сатҳи баланди сиёсишавии дин,  гузариши таваҷҷӯҳ аз этикаи динӣ ба ғояи ифротгароӣ яке аз сабабҳои ифротишавии шуури аҳолӣ мебошад. Ифротгароии динӣ ҷомеаи дунявӣ ва динҳои дигарро эътироф наменамояд. Масалан, дар ин самт метавон “Ҳизб-ут-таҳрир” ва ҷараёни ҷиҳоди салафияро номбар намуд. Дар шароити имрӯза дар тамоми ҷомеаи муосир салафиҳо доираи масъалаҳои зиёдро ба миён овардаанд, ки онҳо ҳамчун асоси фаъолияти ифротгароӣ манъ карда шудаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷараёни динӣ-ифротии салафия дар сатҳи зарурӣ омӯхта нашудааст, аз ин хотир коршиносон, илоҳиётшиносон ва диншиносон таснифоти мухталифи онро пешниҳод

менамоянд. Барои хизматчиёни давлатӣ – салафия ин ҳаракати динӣ-ифротӣ аст, ки ғояи он ҷиҳод ба ҳисоб меравад; барои исломи ғайрирасмӣ – салафия ин даъват ба анъанаҳои пешинаи исломии давраи пайёмбар Муҳаммад аст; барои кормандони ҳифзи ҳуқуқ – салафия ин яке аз воситаҳои кашшофии хадамоти махсуси кишварҳои хориҷӣ аст. Илова бар ин, қайд намудан зарур аст, ки як қатор муаллифон салафияро ҳамчун шакли эътироз бар зидди исломи расмӣ баррасӣ менамоянд.[1]

Хатари асосии салафия дар ақида ва ғояи он зоҳир мегардад. Мувофиқи ақидаи пайравони салафия дин бояд на танҳо кори шахсии ҳар як инсон, балки асоси сохтори ҷомеа баромад намояд. Ба хотири амалӣ намудани ин мақсад ва бадастории ҳокимият аз тарафи «мусулмонони воқеӣ», салафия ба амалҳои зӯриву зӯроварӣ даъват менамояд.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки дар сафарбарнамоии ғоя, майлу хоҳиши муқобил гузоштани худ ба тамоми ҷаҳон ва арзишҳои он, гунаҳкор намудани дигарон дар мушкилоти худ, омодагии ҷуброннамоии худ бо дастурҳои азнавсозии ҷаҳон нақши бузург мебозанд.[2]

Муттаҳидгардӣ дар заминаи нишондиҳандаҳои динӣ дар аксарияти ҳолатҳо дар ҷомеа зиддият ва мухолифатҳоро тавлид намуда, навъҳои мухталифи мушкилотро шиддатнок мегардонад. Муносибати бошууронаи рӯҳониён ба давлат, дар аксарияти ҳолатҳо, корҳоро дар самти ҳамкорӣ ба мақомоти давлатӣ осон мегардонад.

Омӯзиш, баррасӣ ва таҳлили таълимоти динӣ нишон медиҳад, ки яке аз талаботи асосӣ нисбат ба динҳои муосир тобеият ба ҳокимият аст,

[1] Ниг.: Курбанова, Н. Религиозный экстремизм в Кыргызстане: причины появления, проявления и вероятные сценарии развития [Электронный ресурс]. –URL: http://www.stanradar.com/news/full/23017-religioznyj-ekstremizm-v-kyrgyzstane-prichiny-pojavlenija-projavlenija-i-verojatnye-stsenarii-razvitija.html (дата обращения: 12.04.2022 г.)
[2] Ниг.: Поляков, К.И. Исламский экстремизм в Центральной Азии [Текст] / К.И. Поляков. – М.: Институт востоковедения РАН, 2014. – С.7.

зеро ҳар як ҳокимият аз Худо бармеояд. Лекин, дар як қатор ҳолатҳо, беитоативу саркашӣ аз ҳокимияти мавҷуда пайдо мешавад, ки хоси ифротгароии динӣ аст.

Дар шароити инкишофи ҷомеаи муосир дин вазифаҳои асосии худ, ба монанди муттаҳиднамоӣ, ташаккули фарҳанги маънавӣ-ахлоқӣ, таҳаммулпазирӣ, ҳамгироии иҷтимоӣ, ташаккули ғояҳои адолати иҷтимоӣ ва эҳсоси масъулиятшиносӣ, дарки муносибат ба ӯҳдадориҳои инсон дар назди давлатро ба пуррагӣ иҷро карда наметавонад. Бояд қайд кард, ки як қатор вазифаҳои дин дорои зиддияти дохилӣ мебошанд. Масалан, муттаҳид намудани умумияти динӣ на ҳама вақт ба муттаҳид гардидани тамоми ҷомеа оварда мерасонад. Яъне, дин метавонад муносибати байни давлат ва қисми диндорони ҷомеаро шиддатнок гардонад.

**Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлил ва баррасии асосҳо ва заминаҳои арзишиву меъёрии ташаккул ва паҳншавии ифротгароии динӣ метавон чунин хулосабарорӣ намуд**:

Дар ҳаёти одамони ҷомеаи муосир дин ва унсурҳои динӣ ҳамчун падидаи умумӣ баромад намуда, вазифаҳои мухталифро иҷро менамояд. Чунин вазифаҳо, ба монанди муттаҳиднамоӣ, ташаккули фарҳанги маънавӣ-ахлоқӣ, тарбияи таҳаммулпазирӣ ба ин ё он ҷамоа ва ҷомеаи ҷаҳониро метавон ба унвони муҳимтарин вазифаҳои иҷтимоии дин ҳисобид. Дар раванди дигаргуниҳои куллии ҷомеаи суннатӣ ислом аз консерватизм ва анъанавият тафовут дошта, бӯҳрони номутобиқатии сатҳи шуури диниро бо шароит ва воқеияти рушди муосири ҷомеа паси сар менамояд. Аз ин лиҳоз, фаъол гардидани омилҳои динӣ ва мавҷудияти вазъияти бӯҳронии тафаккури динӣ ба пайдоиш ва рушди падидаҳои манфии маънавӣ-фарҳангӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ, аз он ҷумла ифротгароии динӣ оварда мерасонад. Дар ин замина, маблағгузорӣ, омӯзонидан, паҳн намудани адабиёти динӣ, фаъолияти таблиғотчиёни

хориҷӣ мавҷудият ва ваҳшонияти ғояи ифротгароиро дар миёни аҳолии нисбатан камбизоат таъмин менамоянд.

Дар асоси нигоҳ доштани исломи анъанавии мазҳаби ҳанафия, ки ба давлат ва анънаҳои миллӣ мувофиқ аст, чорабиниҳои сатҳи давлатӣ дар самти роҳ надодан ба таъсири ифротгароии динӣ, аз он ҷумла мустаҳкам намудани қонунгузорӣ дар соҳаи дин ва маҳдуд намудани бадастории маълумоти динӣ дар хориҷа пурзӯр гардида, таъсири бевоситаи давлатҳои хориҷӣ ба характери пайравӣ ба ислом дар ҷомеаҳо то андозае заиф гардидааст, ки ин ба манфиати кор аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сабаби асосии ворид гардидани одамон ба ифротгароӣ ва тундгароии динӣ ин норозигӣ аз муносибатҳои мавҷуда, аз сатҳи рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, сатҳи баланди сиёсигардии дин, гузариши таваҷӯҳ аз ахлоқи динӣ ба ғояи ифротгароӣ яке аз сабабҳои ифротигардии динӣ мебошад. Инчунин дар ҷомеаи муосир сабабҳои дохилии пайдо шудани ифротгароии динӣ бӯҳронҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва ғоявӣ, нодориву камбизоатии аксарияти аҳолӣ, моҷароҳои иҷтимоӣ ва этникӣ, ки дар заминаи сатҳи пасти зиндагӣ ва заиф гардидани устувории ҷамъиятӣ ба миён меоянд, мебошад.

# БОБИ II. МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ИФРОТГАРОИИ ДИНӢ ВА ПЕШОМАДИ ОН ДАР ШАРОИТИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОНӢ

## 2.1. Таҳдиду хатари ифротгароии динӣ ҳамчун ҳаракати иртиҷоӣ дар ҷомеаҳои муосир

Ифротгароии динӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи муосир яке аз мушкилиҳои воқеӣ буда, омӯзиш ва баррасии амиқу ҳамаҷонибаро талаб менамояд. Таҳлилу баррасии сатҳи таъсиррасонии ифротгароии динӣ нишон медиҳад, ки дар аксарияти ҳолатҳо он ҳамчун таҳдид ба ҳаёти ҷамъиятӣ, махсусан дар ҷомеаҳои рӯ ба тараққӣ эътироф гардидааст. Пас аз шикасти сохтори коммунистӣ, ки дар сатҳи зарурӣ манфиат ва талаботи миллату халқиятҳои давлати шуравиро муттаҳиду мувофиқ менамуд, кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, ки аксари аҳолиашонро мусулмонон ташкил медиҳанд, зери таъсири ғояҳои исломӣ ҳамчун танзимгари муҳими ҳаёти ҷамъиятӣ монданд. Дар чунин вазъият ғояи исломӣ, ки одамонро аз рӯйи миллат ва халқият ҷудо намекард, ҳамчун қувваи муттаҳидкунандаи мусулмонон дар ҷомеаи муосир баромад менамуд.

Экстремизми динӣ дар ҳолати ба мақсадҳои миллатгароӣ ва сепаратистӣ истифода шудани мафкураи динӣ шадидтар мегардад, ки ин махсусан дар ҳолатҳои ба ҳам мувофиқ омадани худшиносии динӣ ва этникии халқҳо муҳим аст. Ба чунин зуҳуроти ифротгароии мазҳабӣ, ки бо ташаббус ва дастгирии субъектҳои сиёсии берунӣ, ки мехоҳанд дар як минтақаи муайяни ҷаҳон ҳукмронии худро таъмин намоянд, бояд таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад.

Воқеан, таҳлили аксари низоъҳои мусаллаҳона, ҳамлаҳои террористӣ ва умуман амалҳои хушунатомез дар марзҳои ҷанубӣ ва ҷанубу ғарбии қитъаи Авруосиё (дар марзҳои бархӯрди тамаддунҳои “исломӣ” ва “масеҳӣ”) нишон медиҳад, ки зуҳури ифротгароии динӣ ба

назар мерасад. Дар баробари ин, чунин ба назар мерасад, ки масъала на «бархӯрди тамаддунҳо», балки муқовимати ҷомеаҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии ғайриғарбӣ, ки бар урфу одатҳои динӣ асос ёфтаанд, бо фишори тамаддуни сармоядорӣ рӯ ба рӯ гардидаанд. Дар асл ин муқовимат ба он ҷойгоҳе дар тақсимоти ҷаҳонии бозорҳои меҳнат ва захираҳо вобаста аст, ки кишварҳои ғарбии "демократияи мутараққӣ" ба кишварҳои "ҷаҳони сеюм" таъйин мекунанд.

Далели он, ки то имрӯз дар ҷаҳон зуҳуроти ифротгароёнаи динии бар пояи таълимоти насронӣ ба назар нарасидааст, имкон намедиҳад бигӯем, ки ифротгароии динӣ дар ҷаҳони муосир ҳам бештар дар натиҷаи ифротгароии дунявӣ амал мекунад. Дар баробари ин, ба касе пӯшида нест, ки сохторҳои байналмилалие, ки барои ҳукмронии ҷаҳонӣ саъй доранд, аз фаъолияти созмонҳои динии ифротӣ ҳамчун василаи аз байн бурдани сохторҳои мавҷудаи давлатӣ, миллатҳо ва ҷомеаҳои фарҳангию тамаддунӣ фаъолона истифода мебаранд.

Дар айни замон бузургтарин таҳдид ба амнияти кишвар ин истифодаи идеологияи динии радикалӣ аз ҷониби қувваҳо ва гурӯҳҳои динии радикалистӣ мебошад, ки мехоҳанд сохтори конститутсионии давлатро барҳам зананд. Ин нерӯҳо бо ҳадафҳои худ аз фишангҳо ва унсурҳои гуногуни иҷтимоӣ истифода мебаранд. Аз ҷумла, онҳо фаъолияти миссионерӣ ва таблиғгарии созмонҳои динии хориҷиро дар кишвар бо истифода аз захираҳои зиёди молиявӣ фаъолона истифода мебаранд, ҷараёнҳои нави динии дорои хусусияти харобиоварро, ки асли хориҷӣ ва дохилӣ доранд, тавсеа медиҳанд, дар дохили созмонҳои анъанавии динии ҷомеа дар натиҷаи заиф шудани институтсионалии онҳо дар шароити бӯҳрони маънавӣ ва иҷтимоию сиёсӣ ячейкаҳои хуфтаи худро ташкил мекунанд.

Дар назари аввал чунин менамояд, ки нокифоя будани таълимоти динӣ ё бепарвоии комил ба тафовутҳои догматикии низомҳои динӣ ба

ташаккули муносибати таҳаммулпазирона нисбат ба пайравони динҳои дигар мусоидат мекунад. Аммо дар шароити бад шудани вазъи иҷтимоию сиёсӣ (равандҳои таваррумӣ, рукуди истеҳсолот, бекорӣ ва ғ.) набудани ақидаҳои устувор дар асоси арзишҳои анъанавии динӣ аксар вақт шуури ифротгароию тундгароиро ба вуҷуд меорад. Ин, дар навбати худ, барои шиддат гирифтани ифротгароии мазҳабии навъҳои мухталиф шароити мусоид фароҳам оварда, ба амнияти кишвар таҳдид мекунад.

Сабабҳои пайдоиши ифротгароии динӣ асосан камбизоатӣ ва шароити душвори иҷтимоӣ, фаъолияти гурӯҳҳои тундрав, тарғибу ташвиқи ғояҳои ифротгароӣ бо василаҳои нави иттилоотӣ, вуруди адабиёти динӣ ва ғайра мебошад. Дар байни сабабҳои сиёсӣ истифодаи иғвогарӣ дар муборизаҳои сиёсӣ назаррастар аст. Дар байни сабабҳои дорои хусусияти маънавӣ, мазҳабӣ ва идеологӣ, пеш аз ҳама метавон паҳн кардани адабиёти ифротгароёна ва ҷой додани сайтҳои ифротӣ дар интернет, инчунин фаъолияти мубаллиғони хориҷӣ, густариши равияҳои харобиовари мазҳабхо ва тамоюли диндориро махсус қайд намуд.

Ҳамин тариқ, сабабҳои асосии пайдоиши ифротгароии динӣ дар сатҳи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ мебошад, ки дар ҳолати зуҳури зиддиятҳои байни миллатҳо махсусан тезутунд мегардад.

Маълум аст, ки ба сатҳи ифротгароии динӣ тағйирпазирии ҷаҳонбинии ҷомеа ва бӯҳрони маънавӣ-ғоявӣ таъсири амиқ мерасонад. Пас аз бӯҳрони ғоявии сохти коммунистӣ, як фазои холии идеологӣ пайдо гардид, ки он бо ғояҳои динӣ пур карда шуд. Буҳрони маънавӣ-ғоявӣ дар ҳама ҳолат ба пайдо гардидани фазои холии ғоявӣ оварда мерасонад, ки эҳтимолияти пурра гардидани он бо ғояҳои ифротгароӣ ба миён меояд. Дар марҳилаҳои гуногуни рушди таърихии ҷомеаи муосир дар сатҳҳои гуногун ин фазои холии ғоявӣ бо ғояҳои нав пур карда шудааст.

Диққати асосии таблиғотчиёни ифротгароии динӣ ба қишрҳои маргиналии аҳолӣ равона карда шудааст. Барои қишрҳои маргиналии аҳолӣ, зӯран паҳн намудани афкори мухталифи ҷамъиятӣ, ки мавқеъ ва аҳамиятнокии саҳеҳро ваъда медиҳад, кори содда ва ночиз аст. Нисбати қишрҳои маргиналии аҳолӣ қувваи зиёдро неруҳои ифротӣ ва иттиҳодияҳои ифрогароии динӣ сарф мекунанд.

Мавриди зикр аст, ки ба ҳайси сабабҳои объективии инкишофи ифротгароии динӣ дар ҷомеа метавон маҷмуи мушкилиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии дохилӣ, инчунин мушкилиҳои таъсири беруна ба вазъияти иҷтимоӣ-сиёсиро дохил намуд. Мушкилии асосӣ, ки солҳои охир ба вазъияти иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеа таъсир мерасонад, ифротгароии динӣ, вазъияти ноором дар Афғонистон ва дурнамои васеъгардии доираи ноустуворӣ дар фазои пасошуравӣ ба ҳисоб меравад.

Чорабиниҳои ҳарбиву сиёсӣ, иқтисодӣ ва дипломатӣ дар ҷомеаи мо, пеш аз ҳама, аз кӯшиши мустаҳкам намудани сохтори давлатӣ бармеоянд. Маҳз аз ҳамин хотир, дар шароити имрӯза ҷомеаи мо ба мушкилоти паҳншавии ифротгароӣ, васеъ гардидани доираи фаъолияти неруҳои мухталифи ифротгароии динӣ диққати махсус равона менамоянд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки пас аз баровардани неруҳои НАТО ва ИМА миқдори ҷангиёни давлати исломӣ дар ҳудуди Афғонистон рӯз аз рӯз зиёд гардида истодааст. Мувофиқи баъзе сарчашмаҳо, миқдори умумии ҷангиён имрӯз ба даҳ ҳазор нафар наздик аст, ки барои тамоми давлатҳо ва махсусан ҷомеаи тоҷикистонӣ фишори ҷиддӣ расонида, боиси болоравии ифротгароии динӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ гардидааст. Мувофиқи иттилооти ҷойдошта муайян карда шудааст, ки дар ҳудуди Афғонистон ва Покистон қариб 4 ҳазор ҷангиёни давлати

исломӣ, ки баромадашон аз давлатҳои мухталиф мебошанд, қарор доранд.[1]

Илова бар ин, гурӯҳҳои калони ҷангиёни давлати исломӣ дар Бадахшони Афғонистон, Фороб, Бодғис, Ҷузҷон, дар наздикии сарҳади Туркманистон ҷойгир шудаанд.[2] Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки дар шароити имрӯза давлати исломӣ барои ҷомеаи тоҷикистонӣ мушкилоти ҷиддиро пеш меорад.

Дар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ мушкилоти ифротгароии диниро дар қатори таҳдидҳои дигар дар ҷои аввал мегузоранд, зеро он метавонад вазъиятро дар ин кишварҳо куллан тағйир диҳад. Исломгароён барои вайрон кардани пояҳои дунявии ҳокимият ва озодии динӣ нақшаҳои табдил додани дин ба алтернативаи самти инкишофи дунявии рушди давлатро пешниҳод мекунанд, ки қобили қабул нест.

Нигаронии сарварони ин кишварҳо аз эҳтимолияти шиддатнок гардидани муносибатҳо тариқи паҳншавии ифротгароии динӣ асоснок аст:

- пайдоиши ифротгароии динӣ дар Тоҷикистон таърихи муайян дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оғози солҳои 90-ум ташаккулёбии иттиҳоди неруҳои исломӣ ва демократӣ барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсии онҳо дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии кишвар нишонаи худро гузоштааст ва яке аз омилҳои пайдоиши ифротгароии динӣ ба шумор меравад;

-мавҷудияти миқдори зиёди мушкилиҳои соҳавӣ дар ҷомеаҳои муосир, аз он ҷумла, камбизоатӣ, коррупсия, бекорӣ, ба буҳрон дучор гардидани инфрасохтори иҷтимоӣ, сатҳи пасти рушди иқтисодиёт ва ғайраҳо;

---

[1]Ниг.: Королев, О. Центральная Азия – новая горячая точка на карте мира. Ликвидация угроз дестабилизации Центральной Азии становится приоритетом для России [Текст] / О. Королев // Федеральное агентство политических новостей. – 2016. – 3 марта.

[2]Ниг.: Искандаров, К. Афганский вопрос и безопасность региона Центральной Азии / К. Искандаров // CABAR.asia. – 2016. – 31 мая.

- наздикии мавқеи геополитикии ҷомеаҳои минтақа бо фазои ноустувор ва нооромии Афғонистон ва Покистон. Шиддатнок гардидани вазъият дар Афғонистон ба чунин ҳолат оварда мерасонад, ки барои ҷомеаҳои муосир мухолифат бо мушкилиҳои пайдошуда ва бартараф намудани таҳдидҳои ифротгароии динӣ мушкил ва мураккаб мегардад;

- «баҳори араб» аз аввалин лаҳзаи пайдоиши худ ба тағйироти иҷтимоӣ-сиёсӣ, демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ равона гардида буд, аммо дар натиҷа воридшавии ифротгароёни диниро ба ҳаёти сиёсӣ ва ба сари қудрат омадани онҳоро, ки пештар аз иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ маҳрум гардида буданд, соддаву осон гардонид;

- боло рафтани сатҳи муҳоҷирати аҳолӣ дар тамоми ҷомеаҳои имрӯза ба паҳн гардидани ғояи ифротгароӣ дар миёни муҳоҷирон мусоидат менамояд;

- таҳсили ҷавонон дар муассисаҳои илмии кишварҳои исломӣ, ки дар ин муассисаҳо ғояи ифротгароӣ дар доираи муайян таълим дода мешавад. Дуруст аст, ки ин масъала дар як қатор ҷомеаҳо то андозае ҳалли худро ёфтааст, лекин ин самт имрӯз низ мушоҳида гардида, пурқувват аст.

Нисбати имкониятҳои воқеии ифротгароёни динӣ дар шиддатнок намудани вазъият дар баъзе кишварҳои рӯ ба тараққӣ як қатор номуайяниҳо ҷой дорад. Одатан ин таҳдид аз тарафи режимҳои ҳукмрон ҳамчун баҳонаи қатъӣ намудани назорат дар пайгирии мухолифин ва чун анъана барои ба даст овардани афзалиятҳои гуногун аз марказҳои тавонманди ҷаҳонӣ мавриди истифода қарор дода мешавад.

Сабабҳои асосии ба тундгароӣ ва ифротгароӣ рӯй овардани одамон норозигӣ аз вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ аст. Чунин норозигӣ дар асоси маҷмуи омилҳои берунӣ ва дохилӣ ташаккул меёбад. Ба омилҳои берунӣ дохил мешаванд: равандҳои мухолифати глобалии ҷаҳонӣ; таъсиррасонии равандҳои геополитикӣ; вайрон шудани вазъияти

иҷтимоӣ дар ҷомеа; манфиати созмону ташкилотҳои шабакавӣ дар васеъ намудани базаи иҷтимоии фаъолияти худ; афзоиши беназорати сарчашмаҳои динӣ дар ҷомеаи муосир, ки санҷиши мувофиқро намегузаранд; фаъолияти ташвиқгарон дар зери фаъолияти миссионерҳо, ки ба давлатҳои тозаистиқлол ба монанди Тоҷикистон барои кӯмак омадаанд.

Таваҷҷуҳи гурӯҳҳои тундгарову ифротгаро ба кишварҳои минтақа аз бисёр ҷанба аз мавқеи геополитикии онҳо, ки дар маркази манфиатҳои Федератсияи Россия, ИМА ва Британияи Кабир қарор доранд, бармеояд. Пайдо шудани сарчашмаҳои ифротгароӣ дар ҷомеа маҳз натиҷаи бевоситаи муқовимати ин кишварҳо дар минтақа мебошад. Равандҳои ифротикунонӣ дар минтақа, албатта, бо ҳодисаву воқеаҳои Сурия, Ироқ, Туркия ва Афғонистон алоқаманд аст. Аммо ин робита на хусусияти ғоявӣ, балки хусусияти геополитикӣ дорад. Дар шароити имрӯза ифротгароӣ ва терроризм ба воситаҳои геополитикии таъсиррасонӣ мубаддал гардидаанд.

Яке аз омилҳои дохилие, ки ба ташаккул ва устувор гардидани ангезаҳои ифротгароӣ таъсир мерасонад, вазъи ҷинояткорӣ дар ҷомеа мебошад. Бӯҳрони тӯлонии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маънавӣ дар якҷоягӣ вазъияти ногувори иҷтимоиро ба вуҷуд меоранд. Яке аз омилҳои асосии ташаккули ангезаи ифротгароӣ норозигӣ аз вазъи иҷтимоии шахсӣ, нобаробарии молумулкӣ, паст шудани сатҳи зиндагии гурӯҳҳои иҷтимоӣ мебошад.

Ба ақидаи муҳақиқон яке аз омилҳои рушди ифротгароии динӣ дар ҷомеа стратегияи геополитикии Амрико мебошад, ки ба хотири нигоҳ доштани ноустуворӣ ва ҳимоя намудани манфиатҳои геополитикии худ аз ифротгароии динӣ истифода менамоянд.[1]

---

[1] Ниг.: Маҳмадизода, Н.Д. Зоҳиршавии ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои пешгирии он [Матн] / Н.Д. Маҳмадизода. – Душанбе: “ЭР-граф”, 2022. – С. 211.

Дар давлатҳо ва ҷомеаи муосир раванди шаклгирии сохтори дохилӣ ва ҷустуҷуи мавқеъ дар сохтори глобалӣ идома дорад, яъне ҷомеа то ба охир ҳамчун бунёди геотамаддунӣ ташаккул наёфтааст, ки боиси мавҷудияти мушкилиҳои зиёд гардидааст. Воқеияти имрӯза аз онҳо талаб менамояд, ки ба «омили исломӣ» диққати ҷиддӣ равона карда шавад, дар қабул ва амалӣ намудани қарорҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ онро ба инобат гиранд.[1]

Дар хотир бояд дошт, ки ба ноустувории кишварҳо аксарияти иштирокчиёни бузурги тамаддунҳои муосир манфиатдоранд. Барои ба даст овардани мақсадҳои худ, ин «бозингарон» ба ҷомеаи муосир неруҳои эътирозӣ ва ғояҳои исломи тафритиро ворид намуда, моҷароҳоро ба миён меоранд ва кӯшиш менамоянд, ки онҳоро идора намоянд.

Тамоми созмону ташкилотҳои тундгарову ифротгарои динӣ, аз он ҷумла, Ҳизб-ут-таҳрир самти асосии фаъолияти худро дар корҳои ғоявӣ байни ҷавонон мебинад. Мувофиқи нишондиҳандаҳои оморӣ аз 50% то 80% таркиби созмону ташкилотҳои ифротгароиро дар кишварҳои ҷаҳони ислом ҷавонони 17-28- сола ташкил менамоянд.[2]

Созмону ташкилотҳои динӣ кӯшиш мекунанд, ки ҷавононро аз миёни зиёиён, кормандони илмӣ ва донишҷӯён ба доираи фаъолияти худ ҷалб намоянд. Мутобиқан, диққати махсус ба кор бо ҷавонон равона карда мешавад, зеро фаъолнокии ифротгароии динӣ дар ҳамон ҷое зиёд аст, ки кор ба ҷавонон самти аввалиндараҷаи фаъолияти ифротгароён ба ҳисоб меравад. Масалан, дар шароити имрӯза, ташвиққунандагони Ҳизб-ут-таҳрир дар ҳудуди кишварҳои минтақа корҳои ғоявӣ ва тарбиявиро дар миёни насли наврас дар баъзе муассисаҳои таълимӣ фаъолона амалӣ менамоянд.

---

[1] Ниг.: Добаев, И.П. Исламский радикализм: социально-философский анализ [Текст] / И.П. Добаев. – Ростов-н/Д: Изд-во СКНЦВШ, 2002. – С.3.

[2] Ниг.: Central Asia: Terrorism, Religious Extremism, and Regional Stability. – URL: https://www.brookings.edu/testimonies/central-asia

Гарчанде дини ислом вазифаи муттаҳидкунандаро иҷро намекунад ва омили бунёди давлату давлатдорӣ ҳисобида намешавад, лекин дар ин давра аз тарафи неруҳои мухталиф барои ба даст овардани мақсадҳои ғаразноки сиёсӣ мавриди истифода қарор дода шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҷомеа сиёсишавии ислом тариқи муносибатҳои қавмӣ-минтақавӣ, муносибатҳои сиёсӣ ва тариқи ҷалбгардӣ ба моҷароҳои беруна амалӣ мегардад. Дар асоси муносибатҳои қавмӣ-минтақавӣ сиёсишавии ислом асосан дар Тоҷикистон паҳн гардида буд. Пойгоҳи асосии иҷтимоии ифротикунонии ислом дар шароити муосир элитаҳои як қатор давлатҳо гардиданд, ки пас аз бадастории соҳибистиқлолӣ аз ҳокимият дур монда буданд. Чунин шаклгирии муносибатҳо баҳри пеш бурдани ғояҳои худ, роҳ ёфтан ба низоми давлату давлатдорӣ аз диндорони исломӣ дастгириро пайгирӣ менамуданд, зеро дар ин давра он неруи сиёсии ҷиддӣ дар кишвар ба ҳисоб мерафт.

Ислом дар ин ҳолат на ба сифати як низоми динӣ, балки ҳамчун як низоми муайяни ғояҳо оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, масъалаҳои сохтори давлатӣ ва ҳуқуқӣ, ки худро ҳамчун тарзи ҳаёти махсус нишон медиҳанд, нақши муҳим мебозад ва аз ҷониби назарияпардозони ғояҳо дар як қатор кишварҳои шарқӣ ҳамчун роҳи сеюми рушди ҷамъиятӣ баррасӣ карда мешавад.

Дар ибтидо ҳаракати ифротии исломӣ солҳои 80-уми асри XX дар водии Вахши Тоҷикистон пайдо шуд. Дарвоқеъ, ғояи исломгароӣ ба дигар ҷомеаҳо аз Миср таҳти таъсири пешвоёни Ихвон-ул-муслимин, алалхусус Ҳасан ал-Банно, Сайид ва Муҳаммад Қутб ворид гардидааст.[1]

Дар доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ ифротигардонии ислом ҳамчун яке аз навъҳои эҳсосоти зидди низоми ҷамъиятӣ ба назар мерасад. Ин

[1] Ниг.: Назиров, Д.Н. Политический ислам и конфликт в Таджикистане [Текст] / Д.Н. Назиров. – Душанбе, 2015. – С.224.

ҳолат дар фаъолияти ҷараёнҳои ифротии динӣ, ки ҳадафи асосии онҳо тағйироти низоми иҷтимоӣ - ҷамъиятӣ мебошад, намоён аст.

Дар чунин ҳолат шиорҳои динӣ ҳамчун воситаи муборизаи ғоявӣ ба миён гузошта шуданд, аммо ба фишори шадиди мақомоти расмӣ дучор омада, маҷбур шуданд, ки ба фаъолияти пинҳонӣ гузаранд. Ҳаракатҳои номбурда, ки имкони иштирок дар муборизаи озод ва кушодро барои ҳокимият надоранд, тарзи террористии муборизаро интихоб намудаанд.

Чунин фаъолият бо интиқоди шадиди мақомоти расмӣ рӯ ба рӯ шуд. Набудани дигар усулҳои демократии мубориза барои ҳокимият, ҷунбиши диниро ба доми ифротгароии шадид равона кард. Мисли Тоҷикистон, ислом заминаи муносиби ғоявӣ барои мухолифони ғайрирасмӣ шуд ва террор ягона усули мубориза барои ҳокимият ба миён омад.[1]

Дар даҳсолаҳои охир бо эҳёи ислом дар фазои пасошӯравӣ, пас аз 70 соли мунтазам несту нобуд кардани муассисаҳои динӣ аз ҷониби режими Шуравӣ, марказҳои таълимӣ ва ҳувияти исломӣ тавассути истифодаи лоиҳаҳои ҳамаҷонибаи иҷтимоӣ таъмин карда шуд.

Хатар ва таҳдиди гурӯҳҳои динӣ-ифротиро ба давлатҳои тозаистиқлол комилан инкор кардан ғайриимкон аст. Набояд аз он сарфи назар карда шавад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ифротишавии дин, махсусан дини ислом ва эҳёи амалҳои канора бо номи амалҳои динӣ дар ҷомеа муфассалтар омӯхта шавад. Чунин ба назар мерасад, ки аксар вақт "исломгароии саркаш" ва "паҳн кардани ифротгароӣ" ба муқобили Тоҷикистон истифода шуда истодаанд. Таҳлили масъалаҳои амният на танҳо қолабӣ, балки гумроҳкунанда буда, ба фаҳмиши мушкилоти воқеии ҷомеа халал мерасонад.[2]

---

[1] Ниг.: Lewis, D. Understanding the Authoritarian State: Neopatrimonialism in Central Asia // Brown Journal of World. – 2012. – No. 19 (1). – P. 45.

[2] Ниг.: Jocelyne C. A wakening of Muslim Democracy. – NY: Cambridge University Press, 2014. –P.46.

Марҳилаи кунунии рушди давлатҳои рӯ ба тараққӣ пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ҳамчун давраи пас аз сиёсати атеистӣ тавсиф карда мешавад. Гузашта аз ин, дар давраи мавҷудияти Шуравӣ, зиндагии мусулмононро метавон ҳамчун “бегонашавии” динӣ тавсиф кард. Дониши гумшуда ё фаромӯшшуда, ки даврони Шуравӣ ба вуҷуд овардааст, дар фаҳмиши мардум дар бораи ислом, аниқтараш, дар ташаккули ҷомеаи “мусалмонӣ” нақши муҳим бозидааст.[1] Аз ин рӯ, падидаи пайдоиши исломи тафритӣ дар аввали солҳои 90-умро “исломи бунёдӣ” номидан дурусттар хоҳад буд.

Исломи бунёдиро метавон ҳамчун посух ба буҳрони қонуният дар ҷомеа қаламдод кард. Аз ҷумла, бад шудани вазъи иқтисодӣ, фасод, рушди нобаробари минтақаҳо ва намояндагии ночиз дар зинаҳои болоии ҳокимият боиси рушд ёфтани ин тамоюлот гардид. Аммо, маълум мешавад, ки бисёр одамон исломро аз рӯйи табъи эҳсосӣ, надонистани пояҳои асосии ислом пайравӣ менамоянд.[2]

Оқибатҳои пайдоиши исломи бунёдӣ дар солҳои 90-умро метавон ҳамчун раванди «идоракунии нодуруст», ё «аз ҳад зиёд»-и ҳокимият дар робита бо фаъолияти исломи сиёсии мухолиф хулоса кард. Дар натиҷа, демократикунонии ҳаёти ҷомеа ба таъхир афтод. Равандҳои сиёсие, ки бо бозсозӣ оғоз гардида буданд, коҳиш ёфтанд ва амалияҳои истибдодӣ барқарор ва ба шароити нав мутобиқ карда шуданд. Аз тарафи дигар, хатогиҳои пешвоёни динӣ, ки элитаҳои дунявиро ба ҳарос оварда буданд, шадидтар гаштанд. Бо мурури замон, вокуниши фавқуллода ба зидди исломи сиёсӣ боиси таҳти назорати давлат гардидани он гашт. Мухолифин, пеш аз ҳама, мухолифини динӣ, ҳамчун “фитнаи ҷиноӣ”

---

[1] Ниг.: Louw M.E. Everyday Islam in Post-Soviet Central Asia. – Routledge, 2007. – P.2.
[2] Ниг.: Olcott, M.B. Roots of Radical Islam in Central Asia // Carnegie Papers. – 2007. – No. 77. – P.28.

эътироф карда шуд, зеро онҳо ба бесуботу ғайрисамаранок намудани давлат нигаронида шуда буданд.[1]

Ҳама тартиботи ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама, гурӯҳҳои сиёсии этникӣ ва динӣ бинобар заифии худ, ба "дунявият" майл доранд. Ғайр аз ин, элитаҳои маҳаллӣ дар аксарияти ҳолатҳо амнияти худро ҳамчун амнияти миллӣ баррасӣ менамоянд. Дар маҷмуъ, секуляризатсия маҳсули вобастаи рақобат барои ҳокимият аст ва онро гурӯҳҳои динӣ - ифротӣ ва иҷтимоӣ ё ниҳодҳои ҳокимият даъват карда метавонанд. Аз ин рӯ, муайян аст, ки низомҳои муайяни ҷамъиятӣ метавонанд маҳдудиятҳоро барои гурӯҳҳои динӣ эҷод намоянд, то ки рақобатҳо, аз он ҷумла дар масъалаҳои ғоявӣ ва ҳифзи арзишҳои миллиро маҳдуд ё заиф гардонанд.[2]

Масъалаи табиат, паҳнгардӣ ва хусусиятҳои дастгирии ифротгароии динӣ дар шароити имрӯза бо мушкилиҳои амният, фарҳанг ва ҳатто интихоби тарҳи муайяни инкишоф алоқаманд аст. Баррасии сабабҳои паҳншавии ифротгароии динӣ дар Тоҷикистон, аз бисёр ҷиҳат, муҳим ва актуалӣ буда, дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошад.

Яке аз мушкилиҳои муҳим дар давлатҳои минтақа зуҳуроти ифротгароии динӣ мебошад. Арзиши баланди омӯзиш ва баррасии зуҳуроти ифротгароии динӣ аз он иборат аст, ки вай дар шароити муосир ба амният ва субот, ягонагӣ ва умумияти миллӣ таҳдид мекунад. Мақсади асосии ифротгароии динӣ барангехтани кина ва адоват, фаъолияти динии шакли пушида аст, ки ба ғасби ҳокимият равона гардида, ба тағйири сохти давлатдорӣ, суверенитет ва ягонагии ҳудудӣ оварда мерасонад. Ҳамин тариқ, ифротгароии динӣ ҳамчун як шакли

---

1 Ниг.: Alisher I. Uzbek Islamism: Imported Ideology or Grassroots Movement? // Middle East Report. – 2001. – №221.

2 Ниг.: Ani Sarkissian, «Government Regulation of Religion and Authoritarian Durability in PostCommunist Eurasia», Conference Proceeding, International Symposium «Post-Atheism: Religion and Society in Postcommunist Eastern Europe and Eurasia», Melikian Center, Arizona State University. – 2013. – 7-9 February. – P.2.

амалҳои харобиовари иҷтимоӣ, ба амнияти давлат ва асосҳои рушди устувори ҷомеа таҳдид менамояд.[1]

Мушкилоти ифротгароии динӣ дар ҷаҳон аз ҷониби олимон, муҳаққиқон, коршиносон омӯхта мешавад, аммо то ба имрӯз мавқеъ ва ақидаи ягона нисбати ин падида ҷой надорад. Зуҳурот, навъҳо, дурнамои рушд, тафовут, мундариҷа, ҳавасманднамоиҳо вобаста ба омилҳои таърихӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, минтақавӣ ва ғайра хусусиятҳои хоси худро доранд.

Ифротгароии динӣ ҳамчун таҳдид ба амнияти ҷомеаи муосир, яке аз мушкилиҳои аввалиндараҷа мебошад. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ аз фаъолияти чунин созмону ташкилотҳои ифротгароӣ зарари назаррас ба миён омадааст. Тамоми созмону ташкилотҳои ифротгароии динӣ дар шароити имрӯза қисми таркибии давлати исломӣ ба ҳисоб меравáнд.[2] Гарчанде фаъолияти аксарияти созмону ташкилотҳои ифротгароии динӣ дар ҳудуди ҷомеаи муосир манъ карда шудааст, аммо онҳо то ба имрӯз фаъолона амал менамоянд.

Оғози раванди паҳнгардии ғояҳои ифротгароии динӣ дар давлатҳои минтақа бо давраи оғози «бозсозӣ» ва сипас пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва пайдо гардидани давлатҳои тозаистиқлол алоқаманд аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таълими пинҳонии ислом, ки як қатор одамон аз онҳо ғояи исломи бунёдиро таълим мегирифтанд, дар давраи Шуравӣ амал менамуданд ва онҳо дарсҳои ҳуҷра номида мешуданд.

Маҳз аъзои чунин ҷамоаҳои динӣ дар бунёди гурӯҳҳои динии ифротӣ, ки барои ба даст овардани манфиати муайян истифода мегардиданд, фаъолона ширкат меварзанд. Бо пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст овардани истиқлолият аз тарафи ҷумҳуриҳои алоҳида, барои бунёдгароёни динии маҳаллӣ зарурат пеш омад, ки бо

---

[1] Ниг.: Jocelyne C. A wakening of Muslim Democracy. – NY: Cambridge University Press, 2014. –P.49.
[2] Ниг.: Аламанов, С.К. Анклавы в Центральной Азии: история вопроса и современные проблемы [Текст] / С.К. Аламанов // Постсоветские исследования. – 2018. – Т.1. – №5. – С.451-460.

намояндагони бо ном «исломи ноб» рақобат намоянд. Қайд намудан зарур аст, ки дар ин рақобат бунёдгароёни маҳаллӣ одатан номуваффақ буданд.[1]

Ҳамин тариқ, зери таъсири ваҳҳобия дар давлатҳо ва ҷомеаҳои миллӣ гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ташаккул ёфтанд, ки баргаштро ба меъёрҳои ҷамоаҳои мусулмонии замони Муҳаммад талаб менамуданд. Сарварони динии ин ҷамоаҳо тарафдори риояи ҷиддии ахлоқ ва маънавиёти исломӣ буда, ҳокимияти дунявиро эътироф намекарданд, мусулмонони дигарро дар «маслакфурӯшӣ» ва «беэътиқодӣ» гунаҳкор меҳисобиданд.

Дар баъзе ҳолатҳо аъзои чунин ҷамоаҳои ваҳҳобӣ дар фаъолияти ҳарбии гурӯҳҳои алоҳида фаъолона ширкат меварзиданд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти ваҳҳобиён дар кишварҳои минтақа бо дастгирии молиявӣ, ташкилӣ ва иттилоотии доираҳои ҳукмрони кишварҳои мусулмонӣ, ки дар бунёд ва мустаҳкам намудани мавқеи ғоявии худ манфиатдоранд, таъмин карда мешавад.

Ифротгароёни маҳаллӣ қисми асосии мухолифини ҳарбии исломиро ташкил менамоянд, ки мақсади асосии онҳо сарнагун намудани ҳокимони аз ислом дуршуда мебошад. Қайд намудан зарур аст, ки ҳаракатҳои диниву ифротгароӣ, ки дар шароити имрӯза дар кишварҳои гуногун амал менамоянд, ба созмону ҳаракатҳои мухталифи ифротгароии динӣ кӯмаки молиявӣ, техникӣ ва ташкилиро пешниҳод менамоянд.

Таҳдиди воқеӣ барои ҷомеаи тоҷикистонӣ дар солҳои 1979-1990 танҳо гурӯҳҳои силоҳдор, ки бар зидди артиши Шуравӣ дар Афғонистон амал менамуданд, ба ҳисоб мерафтанд. Маҳз дар Афғонистон гурӯҳҳои сершумори силоҳдори динӣ, ки аз тоҷикон, ӯзбекон, туркманҳо таркиб ёфта буданд, фаъолият доштанд. Гурӯҳҳои пароканда баъдтар ба

[1] Ниг.: Поляков, К.И. Исламский экстремизм в Центральной Азии [Текст] / К.И. Поляков. – М.: Институт востоковедения РАН, 2014. – С.8.

ҳаракати “Толибон” ва “Ал-Қоида” муттаҳид гардиданд, аммо дар ниҳояти кор, натавонистанд таъсири фаъолияти ифротгароӣ ва террористии худро дар ҳудуди кишварҳои тозаистиқлол паҳн намоянд.

Маҳз исломгароӣ яке аз сабабҳои асосии ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон гардид. Тоҷикистон дар аввали соҳибистиқлолӣ таҳдиди ифротгароии сиёсиро эҳсос намуд. Дар ин давра гурӯҳҳои силоҳдори динӣ ва гурӯҳҳои нисбатан хурди ба он ҳамроҳшуда қариб ба пуррагӣ кушиш мекарданд, ки назоратро ба дасти худ гиранд.

То воқеаҳои 11 сентябри соли 2001 аксарияти кишварҳо нисбат ба омили исломӣ муносибати духура доштанд. Аз як тараф, мавҷудияти озодиҳои динӣ ва созмонҳои гуногуни динӣ ҳамчун зуҳуроти табиӣ роҳи нави демократии инкишоф эълон карда мешуд. Чунин мавқеъ аз тарафи Амрико ва дигар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ дастгирӣ карда мешуд, зеро онҳо чунин меҳисобиданд, ки риояи принсипҳои демократӣ ва озодиҳои динӣ аз нигоҳдории устуворӣ ва амнияти ҷомеаи муосир муҳимтар аст.

Солҳои 90-ум ҳамкориҳои кишварҳои мухталиф, аз он ҷумла Туркия, Эрон, Арабистони Саудӣ, Қувайт ва Миср ба роҳ монда шуд. Созмонҳои сершумори хайриявӣ ва фарҳангиву маърифатӣ вориди кишварҳои тозаистиқлол гардиданд. Ин созмонҳо кӯшиш менамуданд, ки фаъолияти худро дар ҷомеаҳои миллӣ ба таври зарурӣ инкишоф диҳанд.

Аз тарафи дигар, ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон шаҳодати он буд, ки омили исломӣ ва исломгароӣ метавонад таҳдиди ҷиддӣ барои устувории тамоми ҷомеа бошад. Озодии дин, ки яку якбора ба миён омад, ба ғайр аз омилҳои мусбат, ҷанбаҳои манфиро низ доро буд.[1]

Ин кишварҳо ва созмонҳоро наметавон ба дастгирии ифротгароии динӣ гунаҳкор намуд, лекин онҳо ба вазъияти динии ҳар як ҷомеа

---

[1] Ниг.: Россия – Средняя Азия: Политика и ислам в XX - начале XXI вв [Текст]. – М.: ЛЕНАНД, 2011. – Т.2. – С.239.

рушдкунанда ғояеро ворид намуданд, ки боиси калавиши ғоявии ҷомеаи анъанавӣ гардад.

Солҳои 90-ум дар ҷомеа гурӯҳи динӣ - ифротии «Ҳизб-ут-таҳрир» васеъ паҳн гардид, ки мақсади асосии он тағйири сохтори конститутсионӣ ва хусусияти дунявии давлатдории ҷомеаи мо мебошад. Мақсади асосии ҳизби ифротии мазкур бунёди хилофат ва ба роҳ мондани қонунгузории (шариат) мусулмонӣ, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро (сиёсат, иқтисодиёт, маънавиёт, фарҳанг) танзим менамояд, мебошад. Ба ин мақсад «Ҳизб-ут-таҳрир» дар самти ҷалби аъзоёни нав дар байни кормандони ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия, кормандони ҳифзи ҳуқуқ, намояндагони руҳониёни динӣ, инчунин нафароне, ки ба афкори ҷамъиятӣ таъсир мерасонанд, ба монанди шоирону нависандагон, ҳаёти омӯзгорону профессорон фаъолияти худро ба роҳ мондааст. Қайд намудан зарур аст, ки дар шароити имрӯза Ҳизб-ут-таҳрир, аз он ҷумла созмонҳои ҷамъиятии тобеи он ба дигар нерӯҳои ифротгароии ҷомеа рақобати ҷиддӣ нишон дода, таҳдиди воқеиро барои сохторҳои дунявии тамоми ҷомеа ба миён овардааст. Маркази ин ҳизб дар Лондон ҷойгир буда, сарчашмаҳои асосии маблағгузории он то ба имрӯз ошкор нагардидааст. Шакли ташкилии ҳизб бештар ба сохтори созмони ифротгароии исломии «Бародарони мусулмон» -и дар Миср воқеъбуда монандӣ дорад.[1]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти «Ҳизб-ут-таҳрир» соли 2001 манъ гардидааст. Соли 2008 ин созмон ба номгӯи созмону ташкилотҳои террористӣ ворид карда шуда, фаъолони он пайгирӣ карда мешаванд. Айни замон диққати сохторҳои дахлдор ба фаъолияти созмони салафия нигаронида шудааст, ки дар Тоҷикистон соли 2009 манъ гардида буд. Қайд намудан зарур аст, ки тарафдорони ҳаракати салафия дар Тоҷикистон соли 2005 пайдо шуданд. Имрӯз миқдори онҳо хеле зиёд

[1] Ниг.: Поляков, К.И. Исламский экстремизм в Центральной Азии [Текст] / К.И. Поляков. – М.: Институт востоковедения РАН, 2014. – С.9-10.

гардидааст. Тарафдорони ин гурӯҳи ифротӣ асосан ҷавонон буда, дар Покистон, Яман ва Арабистони Саудӣ таҳсил намудаанд. Таҳсили донишҷӯёни тоҷикро созмонҳои мухталифи кишварҳои араб маблағгузорӣ намудаанд.[1]

Хатари салафия дар он аст, ки ба ақидаи ҷонибдорони он, дин бояд на танҳо кори шахсии инсон, балки асоси сохтори ҷомеа бошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад, ба хотири ба ҳокимият омадани мусалмонони "воқеӣ" ба амалҳои фаъолона ва зӯроварона даъват мекунанд.

Ба сатҳи ифротгароии динӣ дар тамоми давлатҳои минтақа фазои холии ғоявӣ, тағйири ҷаҳонбинии ҷомеа ва бӯҳрони бузурги маънавӣ-ғоявӣ таъсир мерасонад. Созмону ҳаракат ва гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ, аз қабили "Ал-Қоида", "Ҷундуллоҳ", "Ҳаракати Исломии Ӯзбекистон", "Ҷиҳоди ислом", "Ҳаракати Толибон", "Ансоруллоҳ", "Ҳизб-ут-Таҳрир" ва амсоли инҳо, ки аз ҷониби як қатор давлатҳо ҳамчун ташкилоти террористӣ-ифротгарой дониста шудаанд, бо густурда намудани фаъолияти худ ва анҷом додани амалу кирдори ҷинояткорона мехоҳанд нуфузу эътибори худро боло баранд. Нагирифтани пеши роҳи ин хатари умумибашарӣ метавонад боз ҳазорҳо мардуми осоиштаро аз ҳаёт маҳрум созад, зеро дар қалбу вуҷуди онҳое, ки чунин зулму ситам ва афкору андешаи ҷоҳилона ҷой гирифтааст, ба ҷуз бадбахтӣ ва маҳрумият, дигар андешаи солиме ҷой надорад. Харобу валангор гардидани садҳо бинову иншоот, ҷон бохтани мардуми осоишта, фирор намудани аҳолӣ аз макони зист подоши расидан ба ҳадафҳои ҷинояткоронаи ин гурӯҳҳо аст.

Имрӯз ҳазорҳо нафар мардуми кишварҳои ҷангзада ба умеди амният ва осудагӣ роҳ ҷониби кишварҳои Аврупоро пеш мегиранд ва он ҷо низ онҳоро мушкилоти зиёде пеш меояд. Ягона роҳи ҳалли ин масъала ҳамкорӣ ва мусоидат кардан ба мақомоти қудратӣ дар мубориза бо

[1] Ниг.: Искандаров, К. Афганский вопрос и безопасность региона Центральной Азии [Текст] / К. Искандаров // CABAR.asia. – 2016. – 31 мая.

терроризм ва ифротгарой мебошад, то суботу оромӣ таъмин ва ҳар як фард дар ватани хеш зиндагии осоишта ба сар барад.

Пас аз шикасти ғояҳои коммунистӣ дар Осиёи Миёна фазои холии ғоявӣ ба миён омад, ки он бо ғояҳои динӣ ва сиёсӣ пурра гардид. Бӯҳрони маънавӣ-ғоявӣ ҳамеша ба пайдоиши фазои холии ғоявӣ оварда мерасонад, ки он бо ғояҳои хусусияти ифротгароидошта пурра карда мешавад. Дар ҳар як ҷомеа, дар давраҳои мухталиф ва бо муваффақиятҳои гуногун, ин фазои холии ғоявӣ бо мазмуну мундариҷаи мухталифи ғоявӣ пур гардидааст.

Таъсири омили беруна, ки бо фаъолияти ташвиқотчиёни хориҷии исломӣ, устодони ислом, ки баъзе аз онҳо ғояҳои ифротгароиву тундгароиро ташвиқ менамуданд, алоқаманд аст. Аз оғози солҳои 90-ум дар ҷомеаҳои миллӣ намояндагони ташкилотҳои байналмилалии исломӣ, ба монанди Ислоҳ, Тайиба, Кумитаи мусулмонони Осиё ва ғайра ба қайд гирифта шуданд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксарияти чунин созмону ташкилотҳои ташвиқотӣ ба паҳн кардани ғояҳои ифротгароиву тундгарой машғул буданд.[1]

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки дар давлатҳои минтақа паҳн гардидани ғояҳои ифротгароии динӣ ба пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва соҳибистиқлол гардидани ҷумҳуриҳо алоқаманд аст. Гарчанде то пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ дар ҷомеаи мо ба таври пинҳонӣ ғояҳои ифротии исломӣ таълим дода мешуд, аммо маҳз сиёсати «бозсозӣ» ва сипас пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ омили муҳими паҳн гардидани ғояҳои ифротгарой дар кишвари мо гардидааст.

Паҳн гардидани ғояи ифротгароии динӣ аз маҷмуи омилҳои дохилӣ вобаста аст, ки дар ин самт метавон чунин сабабҳо, ба монанди вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сатҳи пасти шуури динии аҳолӣ, махсусан ҷавонон,

---

[1] Ниг.: Жусупов, С. Ислам в Казахстане: прошлое, настоящее, будущее во взаимоотношениях государства и религии [Текст] / С. Жусупов // Ислам на постсоветском пространстве: взгляд изнутри Московский центр Карнеги. – М., 2001. – С.121.

шикасти ғояҳои коммунистӣ ва пайдо шудани фазои холии ғоявӣ, таҳсили ҷавонон дар муассисаҳои таълимии кишварҳои исломӣ, ҷой надоштани заминаҳои ҳуқуқии мубориза бо ифротгароӣ ва терроризм, фаъолияти элитаҳои ҷомеаҳои миллиро метавон махсусан қайд намуд.

Дар шароити имрӯза ифротгароёни маҳаллӣ ба шабакаҳои байналмиллалии созмону ҳаракатҳои ифротгароӣ пайваст гардидаанд, ки ба маблағгузории фаъолияти онҳо мусоидат менамоянд.

Идеологияи ифротгароӣ дигарандеширо инкор карда, низоми ақидаҳои сиёсӣ, идеологӣ ва диниро ба таври қатъӣ тасдиқ мекунад. Экстремистҳо аз тарафдорони худ кур-курона итоат кардан ва иҷрои ҳар як фармону дастури ҳатто бемантиқтаринро талаб мекунанд. Баҳси ифротгароӣ на ба ақл, балки ба таассуб ва эҳсосоти мардум асос ёфтааст. Идеологизатсияи амалҳои ифротгароӣ то ҳадди ифротӣ гирифта, як намуди махсуси ҷонибдорони ифротгароиро ба вуҷуд меорад, ки майл ба худписандӣ, аз даст додани назорат аз болои рафтори худ, омода ба ҳар гуна амал, вайрон кардани меъёрҳои дар ҷомеа муқарраргардида мебошад.

Зарурати мубориза бо ифротгароӣ, аз ҷумла ба ифротгароии динӣ, бояд ҳадафи тамоми ҷомеа ва ҳар як шаҳрванд бошад. Давлат танҳо метавонад ба чунин фаъолияти динии иҷозат диҳад, ки бо ҳуқуқи конститутсионии озодии виҷдон ва дин ва принсипи дунявӣ будани давлат мухолифат накунад. Андешаҳои мушаххаси пайравони як мазҳаб, ки ба ин принсипҳо номувофиқ мебароянд, зери истилоҳи «экстремизми динӣ» қарор гирифта, бояд ҳамчун зиддиҷамъиятӣ ва зиддидавлатӣ эътироф карда шаванд.

Дар даҳсолаи охир ифротгароён бештар ба истифода аз терроризм ҳамчун василаи расидан ба ҳадафҳои худ рӯ овардаанд. Дар шароити муосир ифротгароӣ ҳам ба тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳам ба амнияти миллии як давлати мушаххас, тамомияти арзии он, ҳуқуқу озодиҳои

конститутсионии шаҳрвандон таҳдиди воқеӣ дорад. Махсусан, ифротгароӣ, ки дар паси шиорҳои динӣ пинҳон шуда, боиси ба вуҷуд омадан ва авҷ гирифтани низоъҳои байни миллатҳо ва конфессияҳо мегардад, хатарнок аст.

Ҳадафи аслии ифротгароии динӣ ин эътирофи дини худ ба унвони идеал ва саркӯб кардани дигар мазҳабҳою низоми ҷамъиятӣ тавассути маҷбур кардани пайравӣ ба низоми эътиқоди динии худ мебошад. Экстремистҳои ашаддӣ таъсиси давлати ҷудогонаро ҳадафи худ гузоштаанд, ки меъёрҳои ҳуқуқии онро бо меъёрҳои динии умумӣ барои тамоми аҳолӣ иваз мекунанд. Экстремизми динӣ аксар вақт бо фундаментализми динӣ омехта мешавад, ки моҳияти он хоҳиши аз нав эҳё кардани пояҳои бунёдии анъанаҳои динӣ мебошад.

Усулҳои асосии фаъолияти ташкилотҳои экстремистии динӣ инҳоянд: паҳн кардани адабиёти динӣ, наворҳои видеоӣ ва сабтҳои аудиоӣ, ки ғояҳои ифротгароиро тарғиб мекунанд. Вақтҳои охир падидаҳои ифротгароӣ, ки бо таълимоти динӣ алоқаманданд, вале дар соҳаи сиёсии ҷомеа ба вуҷуд меоянд, беш аз пеш паҳн шуда истодаанд. Дар ин ҷо ба ҷои истилоҳи «экстремизми динӣ» мафҳуми «экстремизми динӣ-сиёсӣ» истифода шудааст. Экстремизми динӣ-сиёсӣ фаъолияти дорои ангезаҳои динӣ ё ниқобпӯшидаи динӣ мебошад, ки ба зӯрӣ тағйир додани сохти давлатӣ ё бо роҳи зӯроварӣ забт кардани ҳокимият, поймол кардани соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии давлат, барангехтани хусумати динӣ ва адовати динӣ бо ин мақсадҳо нигаронида шудааст.

Дар асоси таҳлил ва баррасии ифротгароии динӣ ҳамчун ҳаракати иртиҷоӣ дар кишварҳои минтақа метавон чунин хулосабарорӣ намуд:

Баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва шикасти ғояҳои коммунистӣ, холигии ғоявиро дар кишварҳои Осиёи Марказӣ махсусан дар ҷомеаи тоҷикистонӣ ғояи исломӣ иваз кардан мехост, ки одамонро аз рӯйи миллат ҷудо накарда, динро ҳамчун қувваи муттаҳидкунандаи

аҳолӣ дар ҷомеа истифода намоянд. Вале раванди таърих акси онро ба намоиш гузошту рафт. Аммо, паҳншавии ғояҳои ифротӣ ба он анҷом наёфта, диққати асосии тарғиботчиёни ифротгароии динӣ ба қишрҳои маргиналии аҳолӣ равона карда шудааст. Барои қишрҳои маргиналии аҳолӣ, зуран паҳн намудани афкори мухталифи ҷамъиятӣ, ки мавқеъ ва аҳамиятнокии саҳеҳро ваъда медиҳад, кори содда ва ночиз аст. Элитаҳои сиёсии ҷомеаҳои миллӣ мушкилоти ифротигардонии исломро дар қатори таҳдидҳо дар ҷои аввал мегузоранд, зеро он метавонад вазъиятро дар ин кишварҳо куллан тағйир диҳад. Исломгароёнро дар вайрон кардани пояҳои дунявии ҳокимият ва озодии динӣ, нақшаҳои табдил додани Ислом ба гузинаи самти дунявии рушди давлат, аз ҷумла бо ташкили давлати теократӣ дар ҷомеа айбдор мекунанд. Таваҷҷӯҳи гурӯҳҳои тундгаро ва ифротгароӣ ба аҳолии минтақа, аз бисёр ҷанба, аз мавқеи геополитикии онҳо, ки дар маркази манфиатҳои Федератсияи Россия, ИМА, Британияи Кабир (дар умум Аврупо) ва Чин қарор доранд, бармеояд. Пайдо шудани сарчашмаҳои ифротгароӣ дар ҷомеаи мо маҳз натиҷаи бевоситаи муқовимати ин кишварҳо дар минтақа мебошад.

Қобили зикри хос аст, ки ғояи фаромиллии ифротгароӣ ва созмону ташкилотҳои дини ифротӣ кӯшиш менамоянд, ки ҷавононро аз миёни зиёиён, кормандони илмӣ, донишҷӯён ба доираи фаъолияти худ ҷалб намоянд. Мутобиқан, диққати махсус ба кор бо ҷавонон равона карда мешавад, зеро фаъолнокии ифротгароии динӣ дар ҳамон нуқоте зиёд аст, ки кор ба ҷавонон самти аввалиндараҷаи фаъолияти ифротгароён ба ҳисоб меравад. Дар ҷомеа сиёсишавии ислом тариқи муносибатҳои қавмӣ-минтақавӣ ва тариқи ҷалбгардӣ ба моҷароҳои беруна амалӣ мегардад.

Маълум аст, ки мақсади асосии ифротгароии динӣ барангехтани кина ва адоват, бурдани фаъолияти динии шакли пушида аст, ки ба ғасби ҳокимият равона гардида, ба тағйири сохти давлатдорӣ,

суверенитет ва ягонагии ҳудудӣ оварда мерасонад. Яке аз таҳдидҳои асосие, ки истиқлолият, амният ва суботи ҷомеаи моро дар хатар гузоштааст, ин хатари салафия аст. Хатари салафия дар он аст, ки ба ақидаи ҷонибдорони он, дин бояд на танҳо кори шахсии инсон, балки асоси сохтори ҷомеа бошад. Умуман, ҳама созмонҳо ва ташкилотҳои тундгаро ва ифротгарой хусусияти фаромиллиро дошта, хусусиятҳои этникӣ, арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ ва суннатии ҷомеаҳои миллиро эътироф наменамоянд.

## 2.2. Заминаҳо, воситаҳо ва самтҳои асосии мубориза бо ифротгароии динӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ

Ифротгароии динӣ дар шароити имрӯза яке аз таҳдидҳои пуриқтидори ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф ба ҳисоб мераванд. Дар чунин шароит ҷараёну ҳаракатҳои ифротии исломӣ такмил меёбанд, бештар бо фурӯш ва паҳн намудани маводи мухаддир, ҷинояткории мутташакил ва фурӯши одамон пайваст гардида, дар аксар маврид ҷавононро ба доираи фаъолияти худ мекашанд. Муташаккилӣ ва зудҳаракатии гурӯҳҳои исломӣ, ки дар фаъолияти худ принсипи шабакавиро истифода мебаранд, рӯз ба рӯз меафзояд. Мувофиқан, бояд чорабиниҳо, воситаҳо ва шаклҳои мухолифат бо ҷараёнҳои ифротии исломӣ низ дигаргун гардида, такмил ёбанд.

Дар ҷомеаи муосир яке аз масъалаҳои мубрам – масъалаи ташкил ва амалӣ намудани мубориза бар зидди ифротгароӣ, аз он ҷумла ифротгароии динӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҷомеаи мо дар мубориза бар зидди ифротгароии динӣ, ки ба сиёсат омезиш ёфтааст, роҳҳо ва воситаҳои мухталиф истифода карда мешаванд. Аксарияти муҳаққиқон чунин ақида доранд, ки дар мубориза бар зидди ифротгароии динӣ нақш ва мақоми воситаҳои пешгирии ҳуқуқӣ муҳим аст. Аз ин хотир, онҳо зарурати такмили қонунгузории мубориза бар зидди ифротгароии диниро таъкид менамоянд.

Ифротгароӣ барои аксарияти аҳолии ҷомеаи муосир падидаи нав аст. То амалҳои террористии 11 сентябри соли 2001, ки дар ИМА рух дода буданд, аксарияти аҳолӣ нисбати чунин падидаҳо тасаввуроти амиқ надошт. Созмону ташкилотҳои ифротгароӣ фаъолияти худро бо паҳн намудани адабиёт ва ҷалби одамон оғоз намуданд, вале дар ин росто ҳукуматҳои миллӣ ба амалӣ намудани чорабиниҳои муайяни мухолифат ба ин падидаҳо рӯй оварданд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мухолифат бо ифротгароӣ дар самтҳои зерин амалӣ мегардад: таҳия ва амалинамоии чорабиниҳои пешгирикунанда, ки ба огоҳнамоии ифротгароӣ, аз он ҷумла ошкорнамоӣ ва бартараф намудани сабабҳо ва шароите, ки ба пайдоиш ва рушди он мусоидат менамоянд, равона гардидааст; ошкор ва бартараф намудани ифротгароӣ; ҳамкориҳои байналхалқӣ дар самти мухолифат бо ифротгароӣ ва терроризм.

Дар шароити имрӯза, яке аз воситаҳои асосии мубориза бо ифротгароӣ механизмҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб мераванд, ки дар ду самт – самти байналхалқӣ ва самти миллӣ амалӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, пешгирии ифротгароии динӣ ва терроризм мушкилоти муҳим дар шароити замони муосир гардидааст ва аз тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ муттаҳид намудани неруҳоро дар қабули чорабиниҳои қатъӣ, самаранок ва амалҳои мувофиқашуда, ки ба огоҳнамоӣ ва маҳдуд намудани зуҳуроти тамоми шаклҳои ифротгароии динӣ равона гардидаанд, талаб менамояд.

Мубориза бо ифротгароӣ яке аз мушкилиҳои ҷиддии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад, ки ба таври доимӣ бо кӯшиши давлатҳои алоҳида ва созмонҳои байналхалқӣ такмил меёбад. Пайдоиш ва инкишофи терроризм ва самтҳои гуногуни фаъолияти ифротгароӣ дар Афғонистон яке аз таҳдидҳои асосии амнияти давлатҳои ҳамсарҳад мебошад. Аз ин хотир, масъалаи мубориза бо ифротгароӣ дар давлатҳои тозаистиқлоли минтақа яке аз масъалаҳои муҳим буда, тамоми ҷомеаро ба ташвиш овардааст.

Муҳаққиқи рус А. Возженков қайд менамояд, ки “...Яке аз мушкилиҳои асосии кишварҳои алоҳидаи замони муосир ин мушкилии бунёди низоми самараноки мубориза бо ифротгароӣ ва терроризм на танҳо дар сатҳи давлатӣ, балки дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ мебошад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити имрӯза давлат

дар алоҳидагӣ қудрати кафолати таъмини пурраи амнияти шаҳрвандонро надорад. Аз ин хотир, ташкил ва такмили низоми миллии мубориза бо ифротгарой ва терроризм, ки на танҳо захира ва сарчашмаҳои давлат, балки неру ва захираҳои ҷомеаи шаҳрвандиро дар бар мегирад, барои аксарияти кишварҳо аҳамияти муҳим дорад..."[1].

Конвенсияи Шанхай оид ба мубориза бо терроризм, ҷудоихоҳӣ ва ифротгароиро баррасӣ намуда, В.Ф. Антипенко қайд менамояд, ки муайян кардани механизми ниҳодии ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бо ифротгарой ва терроризм ҳамчун маҷмуи чорабиниҳо дар асоси ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ дар доираи созмонҳои байналхалқӣ мақсаднок аст. Дар чунин ҳолат, оид ба СММ ва сохторҳои махсуси он, созмонҳои минтақавӣ, ба монанди Шурои Аврупо, ИДМ, САҲА, СҲШ сухан меравад. Аз ин хотир, метавон оид ба ташаккули доимии низомҳо ва мақомоти ниҳодӣ дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналхалқӣ таъкид намуд, ки дар асоси инкишофи онҳо самти мутобиқи сохтори муайян мушоҳида карда мешавад.[2]

Мубориза бар зидди ифротгароии динӣ қисми таркибии таъмини амнияти на танҳо кишвари алоҳида, балки дар тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳисобида мешавад. Вазъи бӯҳронии ҷомеа, пеш аз ҳама, дар иқтисодиёт, мавҷудияти зиддияту мухолифатҳои иҷтимоӣ дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва байнимазҳабӣ, номукаммалии заминаи ҳуқуқие, ки ҳолатҳои баҳсноки миллӣ ва байналмилалиро танзим менамоянд, барои пайдоиши ифротгароии динӣ мусоидат мекунанд. Аз ин хотир, мубориза бар зидди ифротгарой хусусияти байналхалқиро касб намудааст, бояд дар асоси маҷмуи тадбирҳои умумидавлатии муқовимат амалӣ карда шавад.

---

[1] Возжеников, А.В. Современные проблемы противодействия терроризму [Текст] / А.В. Возжеников, В.А. Севостьянов // Социология власти. – 2011. – № 2. – С. 168-174.

[2] Ниг.: Антипенко, В.Ф. Борьба с современным терроризмом [Текст] / В.Ф. Антипенко. – Киев: Юнона-М, 2002. – С.62.

Дар доираи шартномаҳои байналхалқӣ бояд ҳамкории миёни кишварҳо, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, созмонҳои байналмилалӣ, ки дар самти пешгирии ифротгароӣ ва терроризм фаъолият мекунанд, ба роҳ монда шавад. Маҳз бо ин васила бо истифодаи таҷрибаи байналхалқӣ механизми ҳамоҳангнамоии муқовимат бо ифротгароӣ ва терроризми байналмилалӣ таъсис дода мешавад.

Дар доираи Созмони ҳамкориҳои Шанхай диққати асосӣ ба мубориза бо «се офат» – терроризм, ифротгароӣ ва ҷудоихоҳӣ равона карда шудааст. Вазифаи асосии созмони мазкур мубориза бо терроризми байналхалқӣ, ифротгароии динӣ ва ҷудоихоҳии миллӣ ба ҳисоб меравад.[1]

Дар ҷаҳони муосир таҳдиди ифротгароии динӣ ва терроризм танҳо хоси як давлат ва минтақаи алоҳида набуда, хусусияти умумибашариро касб намудааст. Дар шароити имрӯза ҷаҳонишавии терроризм ва ифротгароии динӣ мушоҳида карда мешавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳеҷ кадом давлат наметавонад, сарфи назар аз ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, иқтидори иқтисодӣ, сохтори иҷтимоӣ ва сиёсӣ аз таъсири терроризм ва ифротгароии динӣ дар канор бошад.

Муҳаққиқи рус А.В. Любачев қайд менамояд, ки «таҳдиди терроризм ва ифротгароии динӣ дар кишварҳои мухталиф дар сатҳҳои гуногун қарор дорад. Чунин таҳдид аз вазъияти дохилии иҷтимоиву ғоявии ҳар як давлати алоҳида ва дараҷаи иштироки он дар равандҳои байналхалқӣ вобастагӣ дорад»[2]. Аммо, чунин мешуморем, ки новобаста аз сатҳи иштироки кишвари алоҳида дар равандҳои байналхалқӣ ифротгароӣ ва терроризм ба ягон қонуният ва дастурҳои ҳукуматӣ вобастагӣ надорад.

---

[1] Ниг.: Арухов, З.С. Экстремизм в исламе. Очерки теории и практики [Текст] / З.С. Арухов // Евразийский юридический журнал. – 2012. – С.68.

[2] Любачев, А.В. Проблемы борьбы с терроризмом во внешней политике современной России [Текст]: автореф. дисс... канд. полит. наук / А.В. Любачев. – СПб., 2007. – С.4.

Масъалаи мухолифат ва маҳдуд намудани фаъолияти созмону ҳаракатҳои ифротгарой дар сатҳи байналхалқӣ хеле мураккаб ва душвор аст. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва давлатҳои иттифоқчии он нисбат ба кишварҳои исломӣ «стандартҳои духура»-ро исттифода менамоянд. Аз як тараф, онҳо ба ифротгароён кӯмак расонида, аз тарафи дигар мақомоти маҳаллии ҳокимиятро дастгирӣ менамоянд. Таҷриба нишон медиҳад, ки чунин муносибат самараи хуб намедиҳад ва бояд аз соҳаи мубориза бо ифротгароии минтақавӣ хориҷ карда шавад.

Натиҷаи чунин сиёсат ба муносибати манфии кишварҳои мусулмонӣ ба амалҳои зӯроварона нисбати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва иттифоқчиёни он оварда мерасонад, ки дар шароити имрӯза бештар мушоҳида карда мешавад. Қайд намудан зарур аст, ки чунин сиёсати духураи кишварҳои Ғарб нисбат ба кишварҳои ҷаҳони ислом боиси қувват гирифтани мавқеи ифротгароён байни аҳолӣ мегардад. Албатта, бартараф намудани чунин сиёсат метавонад мубориза бо ифротгароиро самаранок намояд ва фаъолияти ҳаракату созмонҳои ифротгароиро маҳдуд гардонад.[1]

Дар қонунгузории аксарияти кишварҳо ташвиқоти ифротгароии динӣ, амалинамоии зӯрӣ ва зӯроварӣ бо истифодаи тафовути байнимазҳабӣ, ки ба мақсадҳои муайян равона карда шудааст, манъ гардидаанд.[2] Қонунҳо оид ба мухолифат бо ифротгарой дар кишварҳои мухталиф асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, сохтори конститутсионӣ, таъмини ягонагӣ ва амнияти давлатро муайян менамоянд.

Дар шароити муосир, масъалаи мубориза бо шаклҳои гуногуни ифротгарой, аз он ҷумла ифротгароии динӣ, яке аз масъалаҳои муҳими сиёсӣ-ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, диққати тамоми коршиносони сиёсиву

---

[1] Маҳмадизода, Н.Д. Зоҳиршавии ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои пешгирии он [Матн] / Н.Д. Маҳмадизода. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – С.183.
[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо ифротгарой». Душанбе, 2003.

диниро ба худ ҷалб намудааст. Дар Тоҷикистон, бештар ба роҳу воситаҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии мубориза бо ифротгароии динӣ такя намуда, дар ин самт пойгоҳи зарурии мубориза бо ин падидаи номатлуб коркард гардидааст.[1]

Комилгардии асосҳои қонунгузорӣ дар соҳаи мубориза бо ифротгароӣ ва терроризм, инчунин пайгирӣ ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ифротгароён доираи амалҳои ғайриқонуниро маҳдуд накардааст, яъне, мухолифат ба ҳаракату ҷараёнҳои ифротӣ қисман ғайрисамаранок аст. Илова бар ин, ислом дар ҷомеаи муосир ҳар чи бештар сиёсӣ ва иҷтимоӣ мегардад, ки шарти аввали ифротикунонии он ба ҳисоб меравад. Зарур аст, ки ин раванд қатъ гардонида шавад: дин бояд сарчашмаи ғизои маънавии ҷомеа бошад, на ин ки одамонро ба эътироз даъват намояд. Дин метавонад рушди созандаи шахсият ва ҷамъиятро ба самти муайян равона намояд.[2]

Дар кишварҳои минтақа, аз он ҷумла дар Тоҷикистон қонунҳои мубориза бо ифротгароӣ ва терроризм қабул гардидаанд, аммо чунин мешуморем, ки самаранокии мубориза бо ин падида на танҳо тариқи қонунҳо ва фаъолияти мақомоти алоҳидаи давлатӣ, балки тариқи маҷмуи чорабиниҳои фарҳангию иҷтимоии ба ҳам алоқаманд таъмин карда мешавад.

Заминаи ҳуқуқии таҳияи чорабиниҳои муассир дар Тоҷикистон ба таҳдиди ифротгароӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо ифротгароӣ» ба ҳисоб меравад, ки соли 2003 қабул карда шудааст. Қонуни мазкур на хусусияти ҷиноӣ, балки хусусияти иҷтимоӣ дорад, аз ин хотир дар он меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷой надоранд.

---

[1] Акрамзода Ё.А. Муқовимат бо коррупсия дар давраи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ё.А. Акрамзода // Хатарҳои муосири геополитикӣ ба Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоқикистон: роҳҳо ва усулҳои пешгирӣ аз онҳо: Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ. – Душанбе, 2017. – С.80-88.

[2] Джалилов, З.Г. Нетрадиционные исламские движения в Центральной Азии [Текст] / З.Г. Джалилов // Казахстан-Спектр. – 2009. – №4. – С.28-36.

Зиддияту мухолифати миёни аломатҳои ифротгароӣ дар қонун номбаргардида ва аломатҳои ҷиноятҳои ифротгароӣ дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон табиист. Зеро мақсади қонуни зикргардида номгӯи навъҳои фаъолияти ифротгароӣ ҳамчун ҷиноятҳорӣ набуда, балки ташкили низоми пешгирии умумии иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Миёни мафҳумҳои “фаъолияти ифротгароӣ” ва “ҷиноятҳои самти ифротгароӣ” танҳо робитаи ғайримустақим вуҷуд дорад. Мафҳуми “ҷиноятҳои самти ифротгароӣ” мафҳуми умумии иҷтимоӣ набуда, дорои хусусияти ҷиноятӣ мебошад. Мафҳуми мазкур аз мафҳуми “фаъолияти ифротгароӣ”, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм” муайян карда шудааст, маҳдудтар аст. Мафҳуми “ҷиноятҳои самти ифротгароӣ” танҳо бо мазмуни манъ намудан, ки дар моддаҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, маҳдуд буда, танҳо барои муайян кардани мафҳуми “ҷомеаи ифротгароӣ” ҳамчун гурӯҳи муташаккил оид ба омодасозӣ ва содир намудани ҷиноятҳои ифротгароӣ хизмат мекунад.[1]

Тоҷикистон дар қатори дигар кишварҳо бо ифротгароии динӣ мубориза бурда, кӯшиш менамояд аз пайомади ногувори чунин амалҳо ҷилавгирӣ намояд. Бо ин мақсад аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонунҳо ва санадҳо, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди терроризм” (соли 1999), Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (соли 2006), ба тасвиб расидаанд, ки барои муборизаи оштинопазир бо зуҳуроти ифротгароӣ ва терроризм мусоидат менамоянд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди ифротгароӣ” ифротгароӣ ҳамчун изҳори фаъолияти ифротгароии

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди ифротгароӣ” / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. №12. 8.12.2003.

шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба даъвати нооромӣ, дигаркунии сохти конститутсионӣ дар давлат, ғасби ҳокимият ва тасарруфи салоҳиятҳои он, ангезиши нажодпарастӣ, миллатгароӣ, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабӣ дониста мешавад.[1]

Яке аз масъалаҳои муҳим дар доираи заминаҳои ҳуқуқии мубориза бар зидди ифротгароӣ – масъалаи таснифоти "амали ифротгароӣ" ба ҳисоб меравад. Зеро маҳз муайян ва ошкор намудани амалҳои ифротгароӣ имконият медиҳад, ки муборизаи самаранок бар зидди он таъмин карда шавад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди ифротгароӣ" "амали ифротгароӣ" ҳамчун банақшагирӣ, ташкилнамоӣ ва фаъолият, ки барои амалинамоии як қатор мақсадҳо, ба монанди тағйири сохти конститутсионӣ тариқи зӯрӣ ва зӯроварӣ; халалдор намудани амнияти миллӣ; тасарруфи салоҳиятҳои ҳокимият; ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ; амалинамоии фаъолияти террористӣ; ангезиши мухолифатҳои нажодӣ, миллӣ ва динӣ; пастзании шаъну шарафи миллӣ; ташкили бетартибиҳои оммавӣ, тахрибкорӣ аз рӯйи бадбинӣ ё душманӣ; даъватҳои оммавӣ дар амалинамоии фаъолияти ифротгароӣ; маблағгузорӣ ва кӯмак ба фаъолияти ифротгароӣ; пойгоҳҳои таълимӣ, воситаҳои моддӣ-техникӣ, хизматрасониҳои иттилоотӣ равона гардидааст, тасниф гардидааст.[2]

Дар асоси таснифоти "амалҳои ифротгароӣ" дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди ифротгароӣ" роҳҳо ва самтҳоли асосии пешгирӣ ва огоҳнамоии амалҳои ифротгароӣ баён карда шудаанд. Дар ин самт метавон чунин чорабиниҳоро махсусан қайд намуд: ташвиқи қонунгузории ҷиноятии муқовимат бо ифротгароӣ ва терроризм; пешгирӣ ва маҳдуд намудани ҷиноятҳои ифротгароӣ тариқи ошкор намудани онҳо; таснифоти дақиқ ва саҳеҳи ҷиноятҳои

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1999. – №11. – м.275.
[2] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1999. – №11. – м.275.

ифротгароии динӣ; такмили қонунгузории амалкунандаи миллӣ дар мубориза бар зидди терроризм ва ифротгароӣ; ташкил ва гузаронидани тренингҳо, конференсияҳо, семинарҳо, мизҳои мудаввар оид ба хатар ва таҳдиди ҷиноятҳои ифротгароӣ; нашри натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, таснифи иттилоотии мубориза бар зидди ифротгароӣ ва терроризм; гузаронидани корҳои пешгирикунанда ва фаҳмондадиҳӣ бо шаҳрвандон ва шарҳдиҳии қонунҳои амалкунандаи муқовимат бо ифротгароӣ ва терроризм; ташкили хизматрасониҳои иттилоотӣ ва машваратӣ оид ба пешгирӣ ва мубориза бо ифротгароӣ; таҳлил ва мавриди истифода қарор додани таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба ошкорнамоии ҷиноятҳои ифротгароӣ, механизми муқовимат бо ифротгароӣ ва пешгириву маҳдуднамоии ҷиноятҳо.[1]

Чорабиниҳои мубориза бо ифротгароии динӣ аз тарафи мақомоти давлатӣ, аз он ҷумла, корҳои фаврӣ-ҷустуҷӯӣ, огоҳнамоӣ ва дигар чорабиниҳое, ки аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нисбат ба шахсони гумонбаршуда ба фаъолияти ифротгароӣ ва террористӣ гузаронида мешавад, ба таъминоти ҷиддии илмиву методологӣ ниёз дорад. Мушкилии мубориза бо ифротгароии динии муосир дар ҷомеаи мо бо он шарҳ дода мешавад, ки на танҳо бо гурӯҳҳои силоҳдор ва ҷараёнҳои молиявӣ, ки ифротгароён ба даст меоранд, балки бояд барои ақлу маърифати ҷавонон, мубориза бурда шавад.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки воситаи ҳуқуқии мубориза бо ифротгароии динӣ дар шароити имрӯза дар сатҳи байналхалқӣ ва миллӣ амалӣ мегардад. Албатта, тариқи воситаҳои ҳуқуқӣ доираи фаъолияти созмон ва ташкилотҳои ифротгароӣ ба таври назаррас маҳдуд гардидааст.

Илова бар воситаи ҳуқуқӣ, дар шароити имрӯза метавон воситаҳои дигари мубориза бо ифротгароии диниро ҷудо намуд.

---

[1] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди терроризм” // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1999. – №11. – мод.275.

Яке аз чунин роҳҳо ва воситаҳои мубориза бар зидди ифротгароии динӣ – воситаҳои маънавӣ ва арзишӣ ба ҳисоб меравад. Дар асоси фаъолгардии доимии омили исломӣ, нигоҳ доштани ҳолати бӯҳронии тафаккури динӣ заминаи асосии пайдоиши ифротгароии динӣ таъмин карда мешавад. Илова бар ин, аксарияти аҳолии ҷомеаи муосир наметавонанд, ки сарчашмаҳои диниро дар забони асл аз худ намуда, дониши худро васеъ намоянд. Ҳар он чизе, ки аксарияти мусулмонон медонанд, тавассути маъвизаи руҳониён аз худ карда шудааст. Дар чунин ҳолат, албатта паҳн гардидани ғояҳои ифротгароӣ аз эҳтимол дур набуда, заминаҳои асосии он ташаакул меёбанд.

Муҳим аст, ки дар рушди шуури динӣ корҳои зарурӣ ба роҳ монда шавад, зеро маҳз бо чунин роҳ имконият пайдо мешавад, ки иштироки бунёдкоронаи дин дар раванди бунёди давлати миллӣ таъмин карда шавад. Чунин мешуморем, ки ислоҳоти шуури динӣ, модернизатсияи омилҳои исломӣ ҳамчун чораҳои зарурии бартараф намудани ифротишавии дин ва таъмини устувор баромад менамоянд.

Барои ба даст овардани мақсади мазкур зарур аст, ки як қатор барномаҳо дар самтҳои зерин амалӣ карда шаванд:

-такмили механизмҳои танзими муносибати байни давлат ва дин, инчунин ҷойгоҳи ҳуқуқии дин дар ҷомеаҳои миллӣ;

- мусоидат намудан ба тағйироти мундариҷавӣ ва сохтории таълимоти динӣ дар ҷомеа, махсусан дар он кишварҳое, ки сатҳи баланди фаъолгардии ифротгароии динӣ мушоҳида карда мешавад;

- модернизатсияи таълимоти динӣ дар ҷомеа;

- ислоҳоти низоми номукаммали ниҳоди танзимкунандаи фаъолияти рӯҳониён дар ҷомеа.

Дар ин самт тарғиби арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва анъанаи миллату халқиятҳо, ба монанди ватандӯстӣ, эҳсоси масъулият барои тақдири

наслҳои оянда, таҷрибаи чандинасраи якҷоя бартараф намудани мушкилиҳои ҳаётӣ муҳим мегардад.[1]

Муҳаққиқони амрикоӣ Р.И. Кларк ва Р.Нейк қайд менамоянд, ки омилҳои паҳнгардии ифротгароӣ ва терроризм ба афзоиши ғайрифаъоли механизмҳои мураккаби хоҷагидории муосир алоқаманд мебошанд. Зеро чунин механизмҳо имкониятҳои рушди тафаккури ҷамъиятиро ба вуҷуд меоваранд.[2] Нисбат ба ин масъала муҳаққиқи рус Д. Кириленко мавқеи дигарро ишғол намудааст. Ӯ қайд менамояд, ки «мушкилоти воқеии инсоният на дар ифротгароӣ ё нобаробарии иҷтимоӣ, балки дар он ифода мегардад, ки онро метавон «арзишҳои умумиинсонӣ» номид.[3] Метавон хулоса баровард, ки мувофиқати навсозиҳо заминаи аз байн бурдан ё маҳдуд намудани ифротгароӣ мегардад.

Дар доираи назарияҳои муосир, ки бо ҷаҳони ислом алоқаманд мебошанд, як қатор таҳқиқотҳои фалсафӣ ва иҷтимоӣ гузаронида шудаанд. Дар ин таҳқиқотҳо имкониятҳои таносуби ҷаҳонишавӣ ва фарҳанги миллӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар ин самт оид ба ду ҷараён сухан ронда мешавад. Яке аз ҷараёнҳо - ислом ба ҳисоб меравад, ки дар заминаи умедбандиҳо ба ҷустуҷӯи монандиҳои дини ислом ва фарҳанги исломӣ асос ёфтааст. Барои таҳкими ҷаҳони ислом дар муносибатҳои иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ ва фарҳангӣ, дини ислом ва фарҳанги мусулмонӣ воситаҳои беҳтарини рафъи оқибатҳои манфии ҷаҳонишавӣ ба шумор меравconfigурац.

Ҷараёни дигар асосан муносибати танқидиро ба назар мегирад. Ин ҷараён дар ҳаракатҳои муқовиматӣ на фақат аксуламал ба сиёсати мустамликадорӣ, балки ҳамчунин роҳи мушобеҳи рушди таърихи

[1] Ниг.: Залужный, А.Г. Экстремизм. Сущность и методы работы [Текст] / А.Г. Залужный // Современное право. – 2012. – №12. – С.83.
[2] Ниг.: Кларк, Р.И. Третья мировая война: какой она будет? [Текст] / Р.И. Кларк, Р. Нейк. –СПб.: «Питер», 2011. – 336 с.
[3] Кириленко Д. Политика созидания и мира [Текст] / Д. Кириленко. – М.: Изд-во политической литературы, 1980. – 762 с.

инсониятро мебинанд, ки ба рафъи монеаҳои байнифарҳангӣ нигаронида шудаанд.

Яке аз чорабиниҳои самараноки мубориза бо ифротгароии динӣ таъминоти таълимиву ғоявӣ ба ҳисоб меравад. Барои ин мақсад дар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии давлатҳои миллӣ ба таври мушаххас нақши воситаҳои ахбори умум муайян карда шудааст. Дар ҷомеаҳои муосир бӯҳрони амиқи маълумоти динӣ мушоҳида карда мешавад. Ниҳоди анъанавии маълумоти исломӣ наметавонад таҳдидҳои муосир ва исломро пайваст намояд. Дар аксарияти муассисаҳои таълимии расмӣ омӯзгорон наметавонанд, ки амалан ба ғояҳои ислом муқобилият нишон диҳанд. Хатмкунандагони як қатор муассисаҳои таълимӣ барандагони ғояҳои ифротӣ гардидаанд. Дар натиҷа, ин ба самтгирӣ ва сифати таълими асосҳои ислом дар ин муассисаҳо, мухолифати ғоявии миёни диндорон ва шаҳрвандон оварда мерасонад.[1]

Гарчанде, дар қонунгузории амалкунандаи кишвар характери дунявии давлат ва принсипи дахолат накардани мақомоти давлатӣ ба соҳаи дин муқаррар карда шудааст, дар як қатор самтҳо давлат фаъолияти созмону ташкилотҳои диниро назорат менамояд: таълимоти динӣ бояд аз қайди давлатӣ гузашта бошад; назорати фаъолияти мактабҳои динӣ; муоинаи тамоми санадҳои динӣ, адабиёт ва маводҳои дигари динӣ.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки баъд аз амалӣ гардидани амалҳои ифротгароиву террористӣ ҳукумат бо воситаҳои ахбори умум ҳамкориро васеъ менамоянд. Масалан, пас аз амалҳои ҷиноӣ воситаҳои ахбори умум оид ба фаъолияти созмонҳои террористӣ ва ифротгароӣ намоишҳо

---

[1] Ҳасан Н. Терроризм ва экстремизм ҳамчун хатарҳои муосири геополитикӣ ба Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н. Ҳасан // Хатарҳои муосири геополитикӣ ба Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоқикистон: роҳҳо ва усулҳои пешгирӣ аз онҳо: Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ. – Душанбе, 2017. – С.66-79.

омода намуда, паҳн мекунанд. Дар ҷомеа ташвиқоти фаъоли ғояҳои milliву ватандӯстӣ оғоз мегарданд.

Дар Тоҷикистон солҳои охир воситаҳои ахбори умум бо ташвиқи афкори миллӣ ва ватандӯстӣ, дар мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ фаъолона ширкат менамоянд. Дар ҳудуди кишвар нашр ва паҳни маводҳои аудиовизуалӣ ва дигар маводҳо, ки аломатҳои ифротгароӣ доранд, манъ карда шудааст.[1] Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ба чунин маводҳои манъгардида дохил мешаванд:

- маводҳои расмии созмону ташкилотҳои ифротгароии манъгардида;

- маводҳои пешниҳодгардида аз ҷониби шахсони ҷинояткор, ки мувофиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ барои ҷиноят бар зидди инсоният ва бо аломатҳои ифротгароӣ ҳукм гирифтаанд;

- маводҳои дигар, ҳатто беном, ки дорои аломатҳои ифротгароӣ мебошанд.

Нақш ва мақоми воситаҳои ахбори умумро дар фаъолияти таълимӣ ва ғоявии кишвар ба инобат гирифта, ташкил намудани фаъолияти огоҳнамоии онҳо зарур мегардад. Воқеияти ҷомеаи муосир талаботи истифодаи имкониятҳои беҳамтои воситаҳои ахбори умумро дар мухолифат бо падидаҳои манфии муосир, аз он ҷумла паҳни ғояҳои ифротӣ ва терроризми байналхалқӣ муқаррар намудааст.

Мутобиқан, ташкил намудани ташвиқоту тарғибот оид ба нақши давлат дар бартараф намудани ифротгароӣ тариқи барномаҳо, маводҳои мухталифи аудиовизуалӣ, таҷассуми масъалаҳои моҷаро, ноустувории ҷамъиятӣ, тоқатнопазирии динӣ, ҷинояткории байналхалқӣ, терроризм, ифротгароии динӣ, гузаронидани пурсишҳои сотсиологӣ зарур мегардад. Амалӣ намудани чунин чорабиниҳо дар доираи фаъолияти воситаҳои

---

[1] Содиқова Н. Рушди босуботи Тоҷикистон ва шароити геополитикии Осиёи Марказӣ: заминаҳо, таҳдидҳо ва дурнамо [Матн] / Н. Содиқова // Хатарҳои муосири геополитикӣ ба Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоқикистон: роҳҳо ва усулҳои пешгирӣ аз онҳо: Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ. – Душанбе, 2017. – С.23-40.

ахбори умум, албатта, ба коҳиш ёфтани сатҳи фаъолияти ифротгароӣ мусоидат менамояд. Аммо таҳлилҳо ва мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки чунин чорабиниҳо ҳанӯз ба пуррагӣ масъаларо таҷассум намекунанд ва таҳдиди ифротгароиро дар ҷомеа бартараф карда наметавонанд.[1]

Мушкилоти ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар шароити муосир боиси фаъолгардии ифротгароёни исломӣ гардидааст. Терроризм ва ифротгароӣ бо «симои динӣ» шакли шикастан ва пароканда намудани мухолифатҳои низомӣ ба ҳисоб меравад. Ба он хотире, ки он бомуваффақ бошад, мутобиқати якчанд омил зарур аст. Маҷмуи ин омилҳо як навъ сохтори ягонаро пешниҳод менамоянд ва ҳар яке аз онҳо метавонад боиси пайдо гардидани ифротгароӣ ва терроризм гарданд. Ҳамин тариқ, ин ё он унсури сохтори террористӣ ё ифротгароиро шикаста, метавон неруи онро заиф гардонид.

Барои ҳалли мушкилоти ифротгароии динӣ, пеш аз ҳама, гуфтугӯ дар дохили худи дин, миёни ҷараён ва самтҳои мухталифи он зарур аст. Гуфтугӯ ин воситаи ягонаи паст намудани мушкилоти ифротгароии динӣ ба ҳисоб меравад. Кӯшиши ҷудо гардидан аз ифротгароии таассубӣ, ҷудо гардидани ифротгароён аз дин, истифодаи методҳои зӯриву зӯроварӣ нисбати онҳо – роҳи ғайрисамаранок ва хатарнок ба ҳисоб меравад. Бо назардошти муносибати ифротӣ нисбат ба давлат, чунин муносибат ба фаъолияти созмонҳои ифротгароӣ қувват мебахшад. Аз ин хотир, чунин мешуморем, ки дар мухолифат бо ифротгароии динӣ бояд на танҳо мақомоти қудратӣ, балки дигар мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, инчунин воситаҳои ахбори умум иштирок намоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳни маводҳои ифротгароӣ, харид ва омӯзиши онҳо манъ карда шудааст. Истифодаи алоқаҳои шабакавии истифодаи умум барои амалӣ намудани фаъолияти ифротгароӣ манъ

[1] Маҳмадизода, Н.Д. Зоҳиршавии ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои пешгирии он [Матн] / Н.Д. Маҳмадизода. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – С. 238.

карда шудааст. Дар ҳолате, ки агар шабакаи истифодаи умум барои амалӣ намудани фаъолияти ифротгароӣ мавриди истифода қарор дода шавад, пас мувофиқи муқаррароти қонунгузорӣ, бо назардошти хусусияти муносибатҳо, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи алоқа танзим карда мешавад, чораҳои зарурӣ андешида мешавад.

Қурбониҳои созмону ташкилотҳои ифротгароӣ то ба дастгир шудан аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, дарк намекунанд, ки маводҳои ифротгароии манъшударо меомӯзанд. Албатта, чунин ҳолат онҳоро аз ҷавобгарӣ озод карда наметавонад. Иштирокчиёни созмону ташкилотҳои террористиву ифротгароӣ дар аксарияти ҳолатҳо умрбод аз озодӣ маҳрум карда шуда, ҳаёти аъзоёни оилаи онҳо зери назорати қатъии мақомоти амниятӣ қарор мегирад.

Ифротгароён ва террористон дар танқиди вазъияти мавҷудаи ҷамъиятӣ пурқувват ҳастанд, роҳу воситаҳо ва вазъияти мураккабу вазнини ҷамъиятиро истифода менамоянд. Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки онҳо ба ғайр аз ғояи бунёди давлати динӣ, ки дар шароити имрӯза шубҳанок ба ҳисоб меравад, барномаи пурраи созанда надоранд. Чунин мешуморем, ки ин ҳолатро тариқи шарҳдиҳӣ ва фаҳмондадиҳӣ ба аҳолӣ, махсусан ҷавонон, метавон ҳамчун роҳи мубориза бо ифротгароӣ ва терроризм истифода намуд. Албатта, чунин шарҳдиҳӣ ва фаҳмондадиҳӣ дар маҳдуд ва решакан намудани ифротгароии динӣ дар кишвар мусоидат менамояд.

Яке аз воситаҳои самараноки мубориза бо ифротгароии динӣ, дар шароити муосир, бартараф намудани мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Зеро мавҷудияти чунин мушкилиҳо заминаи асосии пайдоиш ва васеъ гардидани фаъолияти  гурӯҳ ва созмонҳои ифротгароии динӣ ва ҳамчун яке аз воситаҳои асосии ҷалби аҳолии камбизоат ба доираи фаъолияти созмону ташкилотҳои ифротгароӣ баромад менамоянд.

Дар асоси таҳлилҳо дар ҷомеаи муосир метавон доираи мушкилиҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро чунин арзёбӣ намуд: коррупсия, мавҷуд набудани адолати иҷтимоӣ, сатҳи баланди бекорӣ дар байни ҷавонон, нокифоя будани сатҳи рушди иҷтимоӣ, рушди нокифояи ниҳодҳои демократӣ ва ғайраҳо. Ҳалли мушкилиҳои зикргардида яке аз роҳҳои самараноки мубориза бо ифротгароии динӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, барои ҳалли мушкилиҳои пешгирикунанда ва мубориза бо ифротгароии динӣ ва терроризм, таъмини шароити рушди иҷтимоӣ-ғоявӣ, истифодаи воситаҳои мувофиқи таъсири психологӣ ва ғоявӣ ба барандагони чунин ғояҳо муҳим ва зарурӣ мегардад. Дар воситаҳои ахбори умум, мактаб ва муассисаҳои олии касбӣ, ҳатто дар ибодатхонаҳо ошкор намудани табиати ғайриинсондӯстонаи таассубгароӣ ва ифротгароии динӣ, пеш бурдани корҳои шарҳдиҳӣ дар миёни диндорон, вайронкорона будани ғоя ва амалияи ормонӣ, ташвиқу тарғиби ғояи инсондӯстӣ ва арзишҳои гуманистӣ зарур аст.

Таъмини сатҳи баланди рушди иҷтимоиву иқтисодӣ бояд самти дигари мубориза бо ифротгароии динӣ бошад, зеро нодориву камбизоатӣ яке аз заминаҳои асосии ҷалби оммаи мардум, махсусан ҷавонон ба ҳаракат ва созмону ташкилотҳои амалкунандаи ифротгароӣ ба ҳисоб меравад.

Барои муборизаи самаранок бо ифротгароии динӣ, мувофиқи ақидаи аксарияти муҳаққиқон, зарур аст, ки фаҳми консептуалии ин падида, коркарди базаи методологӣ ва методикаи таҳқиқоти моҳияти он амалӣ карда шавад. Аз ин амалҳо самаранокии қарорҳои давлатӣ дар самти мубориза бо ифротгароӣ вобаста аст.

Дар мубориза бо ифротгароӣ ва терроризм дар кишварҳои мо, асосан, методҳои зӯрӣ ва зӯроварӣ бартарӣ доранд, вале самаранокии онҳо маҳдуд аст. Зарур аст, ки шаклҳои огоҳкунанда ва пешгирикунандаи мухолифат бо ифротгароӣ ва терроризми динӣ

инкишоф дода шавад, зеро мувофиқи таҷрибаҳои хориҷӣ, чунин шаклҳои мубориза дорои самараи муайян мебошанд.

Дар шароити имрӯза барои ҷомеа дарк намудан зарур аст, ки истифодаи чорабиниҳои вазнин ва зӯриву зӯроварӣ нисбати намояндагони ҳаракату созмонҳои ифротгароиву радикалӣ ба рушди минбаъдаи онҳо оварда мерасонад. Аз ин хотир, чунин мешуморем, ки имрӯз зарурати баргардонидани роҳҳо ва воситаҳои мубориза бо ифротгароии динӣ ба доираи ҳуқуқ пайдо гардидааст.

Чунин тавсияҳо, пеш аз ҳама, ба шахсони роҳбарикунандаи динӣ тааллуқ дорад. Вазъияти имрӯза бо паҳн гардидани ифротгароии исломӣ, аз бисёр ҷиҳат, бо ноӯҳдабароии роҳбарияти расмии исломӣ шарҳ дода мешавад. Сарварони расмии динӣ аз баҳсу мунозираҳо бо ифротиён ва воизиву тарғибкунии ҳамарӯза дур шудаанд, ки боиси танқиди дақиқ ва асоснокшуда гардидааст. Дар ҳолате, ки сарварони расмии динӣ аз баҳсу мунозираи мушкилиҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳаросанд, ифротиёни исломӣ ба тамоми саволҳо ҷавоб дода, одамонро ба худ ҷалб менамоянд. Ҳамин тариқ, ба руҳониёни давлатҳои муосир зарур аст, ки ташаббуси пешбурди тарғиботу ташвиқоти диниро ба дасти худ гиранд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сабабҳои ба вуҷуд омадани шиддати иҷтимоӣ ва моҷароҳои гуногун чунинанд:

- мавҷудияти зиддияту мухолифатҳо дар оила, макони зист ва фаъолият;

- саривақт баррасӣ нагардидани муроҷиати шаҳрвандон дар мақомоти дахлдори давлатӣ;

- мушкилоти иқтисодӣ, ки бо кору фаъолият таъмин намудани ҷавононро маҳдуд менамояд;

- нигилизми ҳуқуқӣ ё инкор шудани як қатор қонунҳо, ки қабул шудаанд.

Фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия, махсусан, дар зинаҳои поёнӣ, дар самти огоҳнамоии ифротгароии динӣ қаноатбахш набуда, корҳои зиёдро дар ин самт тақозо менамояд. Корҳо бар зидди ифротгароии динӣ ва пешгирӣ намудани ин зуҳурот то ба имрӯз самти афзалиятноки фаъолияти мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва худидоракунии маҳаллӣ нагардидааст.

Дар Тоҷикистон ба даст овардани маълумоти динӣ дар муассисаҳои таълимии кишварҳои хориҷӣ, танҳо пас аз гирифтани маълумоти динӣ дар қаламрави кишвар ва розигии хаттии мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба дин ва таҳсилот иҷозат дода мешавад. Тартиби гирифтани таҳсилоти динӣ аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давлатҳои хориҷӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.[1]

Дар аксар давлатҳои рушдкунанда, аз он ҷумла Тоҷикистон воридот, истеҳсол, нигоҳдорӣ ва паҳн намудани маводи ғоявии ифротгароии динӣ, ҷудоихоҳӣ ва исломи ифротӣ манъ карда шудааст. Дар мубориза бо ифротгароии динӣ баланд намудани сатҳи шуури динии аҳолӣ муҳим гардидааст, зеро дар аксарияти ҳолатҳо, одамон арзиш ва унсурҳои диниро дарк карда наметавонанд ва дар натиҷа ба ин ё он созмон ё ҳаракати ифротгароӣ пайваст мегарданд.

Фаъолияти мақомоти давлатии назорат ва танзими муносибат ва масъалаҳои динӣ бояд дар самти мубориза бо ифротгароии динӣ самаранок гардонида шавад. Ба ин мақомот зарур аст, ки ба ҳар як омил ва унсури динӣ, ки аз ҷониби ифротгароён барои ҷалби оммаи мардум истифода мегардад, баҳои воқеӣ дода, дар ин самт тафсири воқеии матнҳои диниро пешниҳод намоянд.

[1] Закон Республики Таджикистан «О свободе совести и религиозных объединениях» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.mmk.tj/ru/legislation/legislation-base/2009/ (дата обращения 11.01.2017).

Яке аз воситаҳои мубориза нисбат ба он давлатҳо, ки терроризм ва ифротгароиро дастгирӣ менамоянд, маҳдуднамоии сиёсати онҳо ва эмбарго[1] ба ҳисоб меравад. Аз муҷозоти иқтисодӣ, пеш аз ҳама, аҳолии ин кишварҳо зарар мебинанд. Чунин ҳолат ба ифротгароён имконият медиҳад, ки кишварҳои ғарбро дар кӯшиши нобуд намудани мусулмонон гунаҳкор намоянд ва бо ин васила базаи иҷтимоии худро мустаҳкам созанд.

Яке аз самтҳои асосии мубориза бо ифротгароии динӣ ҳавасманднамоӣ ва муттаҳид намудани кишварҳои мусулмон, зидди гурӯҳҳои ифротгароӣ мебошад. Ин амал дар алоқамандӣ бо мавҷудияти мухолифатҳо дар манфиатҳои давлатҳои араб душвор аст, зеро як қатор давлатҳои араб ба фаъолияти гурӯҳҳои ифротии исломӣ дар ҳудудҳои бегона ҷалб карда шудаанд.

Ҳамин тариқ, муносибати маҷмуавӣ нисбат ба амалинамоии мубориза бо ифротгароии динӣ ва терроризм бояд чорабиниҳои танзимнамоӣ, манънамоӣ ва пешгирикунандаро дарбар гирад. Таҳлили таҷрибаи байналхалқӣ ва миллӣ оид ба мубориза ба ифротгароӣ ва терроризм нишон медиҳад, ки чорабиниҳои нисбатан самаранок дар ин самт такмили базаи ҳуқуқӣ, мустаҳкам ва такмили фаъолияти мақомоти махсус, пурқувват намудани мубориза бо маблағгузории ифротгароӣ ва терроризм, инчунин фаъол намудани корҳои шарҳдиҳӣ ва ташвиқотиву ғоявӣ ба ҳисоб меравад.

**Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлил ва баррасии роҳҳо ва воситаҳои мубориза бо ифротгароӣ метавон чунин хулосабарорӣ намуд:**

Дар асоси таҳлилҳо ва баррасии адабиёти гуногун метавон хулоса кард, ки мухолифат бо терроризм ва ифротгароӣ дар самтҳои зерин амалӣ мегардад: таҳия ва амалинамоии чорабиниҳои пешгирикунандае, ки ба огоҳнамоии ифротгароӣ, аз он ҷумла ошкорнамоӣ ва бартараф

[1] Зокиров, Г.Н. Донишномаи сиёсӣ [Матн]. Ҷилди III. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С. 487.

намудани сабабҳо ва шароите, ки ба пайдоиш ва рушди он мусоидат менамоянд, равона гардидааст; ошкор ва бартараф намудани ифротгароӣ, ҳамкориҳои байналхалқӣ дар самти мухолифат бо ифротгароӣ ва терроризм. Қобили зикр аст, ки мубориза бо ифротгароӣ яке аз мушкилиҳои ҷиддии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад, ки ба таври доимӣ бо кӯшиши давлатҳои алоҳида ва созмонҳои байналхалқӣ такмил меёбад. Дар ин замина мубориза бар зидди терроризм ва ифротгароии динӣ қисми таркибии таъмини амният на танҳо дар кишвари алоҳида, балки дар тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳисобида мешавад.

Корҳои мубориза бо ифротгароии динӣ аз тарафи мақомоти давлатӣ, аз он ҷумла, корҳои фаврӣ-ҷустуҷӯӣ, огоҳнамоӣ ва дигар чорабиниҳое, ки аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нисбат ба шахсони гумонбаршуда ба фаъолияти ифротгароӣ ва террористӣ гузаронида мешавад, ба таъминоти ҷиддии илмиву методологӣ ниёз дорад, аз ин лиҳоз таҳқиқоти сотсиологӣ, фалсафӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ барои равшану возеҳ намудани сарчашмаҳои пайдоиши зуҳуроти ифротгароӣ мусоидат менамояд.

Инчунин, дар баробари корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ташкил намудани ташвиқоту тарғибот оид ба нақши давлат дар бартараф намудани ифротгароӣ тариқи барномаҳо, маводи мухталифи аудиовизуалӣ, таҷассуми масъалаҳои моҷаро, ноустувории ҷамъиятӣ, тоқатнопазирии динӣ, ҷинояткории байналхалқӣ, терроризм, ифротгароии динӣ, гузаронидани пурсишҳои сотсиологӣ зарур мегардад.

Дар ин росто, барои ҳалли мушкилоти ҷойдошта, ҳарчи бештар амалиёти пешгирикунанда анҷом дода шуда, мубориза бо ифротгароии динӣ ва терроризм, таъмини шароити рушди иҷтимоӣ - маънавӣ, истифодаи воситаҳои мувофиқи таъсиррасонии психологӣ ва ғоявӣ ба барандагони чунин ғояҳо муҳим ва зарурӣ мегардад.

## 2.3. Пешомади муқовимат бо ифротгароии динӣ дар шароити Тоҷикистон

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки пешомад, дурнамои мавҷудият ва рушди ифротгароии динӣ маҳз аз сатҳу сифати мубориза бо он вобаста аст. Яъне, ҳар қадаре, ки мубориза алайҳи ифротгароии динӣ самаранок бошад, то ҳамон андоза эҳтимолияти маҳдуд намудани доираи инкишофи ифротгароии динӣ таъмин карда мешавад. Ба хотири асоснок намудани ин фарзия моро зарур аст, ки мавқеи муаллифони гуногунро дар масъалаи вазъият ва пешомади эҳтимолии ифротгароии динӣ баррасӣ намоем. Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки нисбати ин масъала муҳаққиқон мавқеи ягона надоранд.

Доираи васеи ақидаҳо оид ба вазъият ва пешомади ифротгароии динӣ аз биниши ғайрифаъоли маҳви тамаддунӣ то ба даст овардани муваффақиятҳои назаррас дар мухолифат ба ифротгароиро фарогир аст. Бархе аз таҳлилгарони маҳаллӣ аз тарзи инъикоси вазъи бӯҳронии минтақаи Осиёи Марказӣ дар таҳқиқоти олимони Ғарб интиқод мекунанд. Дар ҳамин ҳол, иддао мешавад, ки “коршиносони ғарбӣ дар якҷоягӣ бо расонаҳои худ дар густариши ифротгароии динӣ дар ҷаҳон саҳм гузошта, вазъи кунуниро бардурӯғ шарҳ медиҳанд”. Аз ин лиҳоз, дар бораи бесуботии иҷтимоию сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ як “қолаби геополитикӣ”-и муайяне ба вуҷуд меоранд, ки ин пеш аз ҳама, ба таъсири исломгароён вобаста аст, ки дар ниҳоят ҳатман боиси бархӯрди ошкоро дар ин кишварҳо, аз ҷумла амалҳои террористӣ мегардад. Ба ақидаи таҳлилгарон Н.Д. Маҳмадизода[1] ва З. Низомиддин,[2] иллати аслии низоъҳои дохилӣ дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва тамоми минтақа ду ҳолат аст: аввал, ин мушкилоти иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсӣ ва дуввум, омили равандҳои геополитикӣ ва рақобати кишварҳои бузург

[1] Маҳмадизода, Н.Д. Зоҳиршавии ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои пешгирии он [Матн] / Н.Д. Маҳмадизода. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – 324 с.

[2] Низомиддин, З. Ҷанбаҳои мазҳабии амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ [Матн] // Терроризм ва ифротгароӣ – роҳҳои пешгирии он. – Душанбе: Маориф, 2015. – С.16-30.

ба монанди Россия, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (умуман бархӯрди манофеи давлатҳои абарқудрат) аст.

Таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳанд, ки дар асоси сатҳи пасти донишҳои динии аҳолӣ вазъияти ноустувори динӣ боқӣ мондааст, ки метавонад дар шароити муайян хусусияти фоҷиавиро касб намояд. Дар асоси чунин тағйироти эҳтимолӣ дар рушди вазъияти динӣ сабабҳои амиқ ҷой доранд, ки бо қувват гирифтани таъсири дин ба равандҳои ҷамъиятӣ ва сиёсии ҷумҳурӣ алоқаманд мебошанд.

Сабаби ноустувории муносибатҳои динӣ дар ҷомеа тавсеа ёфтани фаъолияти созмонҳои ифротгароии динӣ ба ҳисоб меравад. Созмонҳои ифротгароӣ мақсади ниҳоии худро бунёди хилофати умумиҷаҳонӣ меҳисобанд, ки бояд ҳокимияти давлатиро ба даст оранд. Илова бар ин, онҳо мақсад доранд, ки бо паҳн намудани ғояҳои ифротгароии динӣ асосҳои фарҳангиву тамаддунии ҷомеаро халалдор намоянд.[1]

Дар баробари ҳамаи ин, вазъияти динӣ ва таҳдиду хатари ифротгароии динӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ низ бояд ба инобат гирифта шавад. Дин дар ҳаёти кишварҳои Осиёи Марказӣ торафт нақши танзимгари муносибатҳои ҷамъиятиро касб менамояд. Дар баробари ин, аз як тараф, вай ҳамчун як падидаи комилан яктарафа амал мекунад, аз тарафи дигар, доираи васеи вазифаҳои хеле гуногунро иҷро мекунад. Дар байни онҳо таҳкими ҳувияти этникӣ, ташаккули фарҳанги маънавию ахлоқӣ, тарбияи ҳисси мансубият ба ҷомеаи муайян ва ҷомеаи ҷаҳонӣ, иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ (тавассути меъёрҳои динӣ), ташаккули идеалҳои адолати иҷтимоӣ ва ҳисси вазифадорӣ (нисбат ба ҷамъияти динӣ ва умуман ҷомеа), муносибати бошуурона ба масъулияти шахс дар

[1] Вопросы религии и убеждений в странах Центральной Азии (Кыргызстан, Казахстан, Узбекистан, Таджикистан) и России в материалах СМИ [Текст]. – Бишкек, 2017. – С.8.

назди давлат ва давлат дар назди шахс ва ғ. номбар намудан мумкин аст.[1]

Баъзе вазифаҳои дин дар кишварҳои Осиёи Марказӣ аз ҷиҳати дохилӣ ба ҳам мухолифанд: масалан, муттаҳид шудани як ҷомеаи динӣ дар ин ҷо на ҳамеша боиси муттаҳид шудани тамоми ҷомеа мегардад. Ба ибораи дигар, дин метавонад муносибатҳои байни давлат ва қишри имондори ҷомеаро бадтар созад. Муттаҳидшавӣ аз рӯи хати мазҳабӣ аксар вақт ихтилофҳоро дар ҷомеа ба вуҷуд оварда, мушкилоти ҷомеаро шадидтар мекунад.

Муносибати бошууронаи диндорон нисбат ба давлат аксар вақт талаботро нисбат ба он тезу тунд мегардонад, диндоронро ба мавқеи мухолифат мегузорад ва поймол кардани меъёри адолати динӣ боиси афзудани ҳисси эътироз дар ҷомеа мегардад. Сабабҳо ва шаклҳои мушаххаси мухолифати баъзе ҷамоатҳои динӣ метавонанд дар кишварҳои гуногун аз ҳам фарқ кунанд.

Дар Осиёи Марказӣ дар низоми муносибатҳои динӣ чанд тамоюлоти асосӣ вуҷуд дорад. Якум, решакан шудани ислом дар бисёр бахшҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсии аҳолии минтақа аст, ки аксарият худро мусалмон медонанд. Гузашта аз ин, агар 5-6 сол пеш ин мавқеъгирӣ умдатан расмӣ буд, имрӯз дар минтақа равандҳои чашмрасе ба мушоҳида мерасанд, ки мусулмонон ба боз ба дин рӯ меоваранд. Бо вуҷуди ин, тақрибан сеяки шумораи умумии мусулмонон дар дини расмии ислом боқӣ мондааст, ки ин дар вазъияти имрӯзаи динии Осиёи Марказӣ бисёр чизҳоро мефаҳмонад ва ба мо имкон медиҳад, ки ба як қатор саволҳо ҷавоб пайдо кунем. Масалан, чаро дар минтақа таблиғи салафия нисбатан муваффақ аст? Ҷавоб оддӣ аст: амиқтар шудани имон саволҳои зиёдеро рӯшан мекунад, ки ба онҳо бештар салафиҳо ҷавоб медиҳанд, на рӯҳониёни расмии мусалмон. Илова бар ин, бахши

---

[1] Рахимов Р. Своеобразие ислама в Центральной Азии [Текст] / Р. Рахимов // Россия и мусульманский мир. – 2011. – № 1. – С.97-114.

мусалмонон дониш ва фаҳмиши кофии асосҳои исломро надоранд ва ба ин васила зери таъсири ифротгароӣ қарор мегиранд. Ин аст, ки ифротгароён бо вуҷуди архаистӣ ва кӯҳна будани далелҳои худ, дар миёни мусулмонони минтақа ҷонибдорони бештар пайдо мекунанд.

Тамоюли дувум ба равобити аввал наздик буда, исломишавии ба назар намоёни кишварҳои минтақа аст; ин раванд ҳам ҷиҳатҳои мусбат ва ҳам ҷиҳатҳои манфӣ дорад. Ҷиҳати мусбат ин аст, ки ислом бо густариши ҳузури худ дар ҷомеа имкони такмили маънавии он, аз ҷумла, таъсир ба ахлоқи ҷомеаро дорад. Ҷанбаи манфӣ дар он аст, ки исломгароён аз ҷомеа аз ҳад зиёд тақозо менамоянд, ки онҳо танҳо тибқи қонунҳои шариат зиндагӣ кунанд.

Тамоюли сеюм ҳамчун як навъ "ҷуброн" барои исломишавии афзояндаи минтақа амал мекунад ва аз нигоҳдории устувори хусусияти дунявии тамоми давлатҳои Осиёи Марказӣ иборат аст. Бо вуҷуди андешаҳои хеле васеъ дар бораи дурнамои нуфузи ислом дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ, дар кишварҳои мухталифи минтақа, аксарияти аҳолӣ ҷонибдори ҳокимияти дунявӣ мебошанд.

Тамоюли чаҳорум коҳиши таъсири мустақими хориҷӣ ба табиати равияи ислом дар минтақаро дар бар мегирад, ки чанд далел дорад. Сохторҳои ҳокимияти давлатҳои минтақа ҷиҳати пешгирии таъсири ифротгароӣ ба фаъолияти сохторҳои исломӣ дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла бо роҳи пурзӯр намудани қонунгузорӣ дар соҳаи динӣ ва кам кардани доираи таҳсилоти маънавӣ дар хориҷа чораҳо меандешанд.

Аммо ҳарчанд нуфузи хориҷӣ ба табиати равияи ислом дар минтақа коҳиш меёбад, бояд таъкид кард, ки дар солҳои қаблӣ он хеле тавоно буд. Айни замон ин самараи муайян дода истодааст, зеро воизони хориҷӣ солҳои қаблӣ тавонистаанд дар Осиёи Марказӣ заминаи тафсирҳои ғайрианъанавии исломро гузоранд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар кишвари мо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти динӣ ва иттиҳодияҳои динӣ» амал менамояд, ки дар таъмини устувории вазъияти динӣ дар кишвар саҳми назаррас мегузорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар фаҳмиши таълимоти ислом ва инчунин таълимоти динҳои дигар аз тарафи аҳолӣ, дар таърихи навини кишвар тағйироти назаррас ба миён омадаанд. Қайд намудан зарур аст, ки чунин фаҳмиш ҳанӯз характери оммавиро касб накардааст. Аз ин хотир, тарбияи аҳолӣ дар фаҳми таълимоти дини ислом дар асоси эҳтиром ва эътирофи арзишҳои миллӣ зарур ва саривақтӣ ҳисобида мешавад. Дар ин самт, пешгирӣ ва маҳдуднамоии самтҳои ифротгароии динӣ, ки аз берун таҳмил ва интиқол карда мешавад, муҳим мегардад.

Роҳбарони давлатҳои минтақа оид ба эҳтимолияти шиддат гирифтани вазъият дар асоси фаъолияти ифротгароёни динӣ дар ташвиш мебошанд, ки чунин вазъ бо як қатор омилҳо алоқаманд мебошад.

Якум, далели таърихӣ. Ин омил бо ҳукмронии неруҳои муттаҳидаи исломиву демократӣ дар оғози солҳои 90-ум дар Тоҷикистон, ки дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсии кишвар таъсири манфӣ расонидаанд, алоқманд мебошад.

Дуюм, мавҷудияти миқдори зиёди мушкилиҳо, ба монанди камбизоатӣ, паст гардидани самаранокии идоракунии давлатӣ, ғайрисамаранокии инфрасохтори иҷтимоӣ, сатҳи пасти рушди иқтисодӣ ва ғайраҳо. Ин мушкилиҳо аллакай аз тарафи ифротгароёни динӣ, ки ба таври пинҳонӣ фаъолият менамоянд, барои бадномкунии режимҳои ҳукмрон васеъ истифода мегарданд.[1] Инфрасохтор, роҳҳо, нерӯгоҳҳои барқӣ, беморхона ва мактабҳо, ки дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ бунёд гардидаанд, хароб гардида, охирин насли мутахассисони шуравӣ рӯз аз

[1] Халатян, А. Центральная Азия: пролонгация династических режимов приближает «Арабскую весну» [Электронный ресурс]. – URL: https://eadaily.com/ru/news/2016/05/30/centralnaya-aziya-prolongaciya-dinasticheskih-rezhimov-priblizhayet-arabskuyu-vesnu (дата обращения: 20.05.2022 г.)

рӯз кам шуда истодаанд. Пас аз даҳсолаҳо дар кишварҳои пасошӯравӣ нарасидани омӯзгорон ва табибони касбӣ меъёри муқаррарӣ мегардад, зеро имрӯз аллакай нарасидани чунин мутахассисон эҳсос карда мешавад.

Сеюм, мавқеи геополитикии Тоҷикистон бо фазои ноустуворӣ ва моҷарогаронаи Афғонистон, Покистон ва ҳудудҳои Синзян ба шумор меравад. Таназзули доимии вазъият дар Афғонистон ба чунин ҳолат оварда мерасонад, ки ба давлатҳои минтақа мухолифат бо мушкилоти пайдошуда ва таҳдидҳои ифротгароии динӣ мураккаб ва душвор мегардад.

Чорум, натиҷаи намоишҳои оммавӣ манфӣ боқӣ мемонад, яъне "баҳори араб", аз оғоз ба дигаргуниҳои иҷтимоӣ, демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ равона гардида буд, аммо, дар натиҷа, ворид гардидани ифротгароии диниро ба ҳаёти сиёсии ҷомеа соддаву имконпазир гардонид.

Ҳамин тариқ, ҳукуматҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ на танҳо Ҳизб-ут-Таҳрир ва Ҳаракати исломии Ӯзбекистонро таҳдид ба суботу ояндаи минтақа медонанд, балки тарафдори аз байн бурдани дигар гурӯҳҳои исломии гурӯҳи динӣ-ифротии салафия ва Ҷамоати исломӣ мебошанд.

Пешгирии ифротгароии динӣ аз фаъолияти мақомоти давлатии танзими фаъолияти динӣ вобаста аст. Таҳлили муқоисавии салоҳиятҳои мақомоти давлатии танзими фаъолияти динӣ нишон медиҳад, ки вазифаҳои назоратӣ ва баҳисобгирӣ то андозае аз ҷониби мақомоти корҳои динӣ дар Тоҷикистон иҷро карда мешаванд. Дар баробари ин ба вазифаҳои иттилоотӣ ва машваратӣ диққат дода мешаванд.

Таҳлили фаъолияти мақомоти салоҳиятдор оид ба робита бо ташкилотҳои динӣ дар кишвар самти устувори таҳкими назорати фаъолияти ташкилотҳои диниро дар тамоми ҷумҳурӣ нишон медиҳад. Дар баробари вазифаҳои машваратӣ ва иттилоотӣ, онҳо бештар

бақайдгирии созмонҳои динӣ, ташкили назорати мутобиқати фаъолияти онҳо бо ҳадафҳо ва вазифаҳои оинномавиро назорат менамоянд.

Тарзи танзими муносибатҳои динӣ дар шакл ва навъҳои гуногун мушоҳида карда мешавад, ки ба таҷдиди самаранокии низоми идоракунии давлатӣ равона карда шудааст. Салоҳияти мақомот аз ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои динӣ, таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба озодии эътиқод, инчунин таъмини ҳамкории давлат ва бахши шаҳрвандӣ иборат аст.

Дар Тоҷикистон баъзе аз ҳолатҳо ба монанди дар як қатор оилаҳо манъи таҳсили кӯдаконро дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ҷониби волидайн мушоҳида кардан мумкин аст. Ин равандро як қатор таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки мухолифати чунин волидайн сабабҳои диниро дорост, ки он зина ба зина ба ифротгароии динӣ табдил меёбад. Чунин мешуморем, ки дур мондан аз мактаб, дар шароити имрӯза, боиси қувват гирифтани мавқеи ақидаҳои иртиҷоии динӣ дар миёни наврасон мегардад, ки метавонад дарояндаи наздик ба фаъол гардидани ифротгароии динӣ оварда расонад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дарояндаи наздик пешомад ва вазъияти рушди ифротгароии динӣ дар кишвар аз сатҳи рушди иҷтимоиву иқтисодӣ вобаста аст. Дар шароити сатҳи пасти иҷтимоӣ аксарияти ҷавонон ба ифротгароии динӣ рӯй меоранд. Чунин омилҳо, ба монанди бекорӣ, надоштани маълумоти зарурӣ нисбат ба донишҳои илмию динӣ ҷавононро ба ифротгароии динӣ ворид менамоянд. Дар асоси сатҳи пасти рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҷавонон ба осонӣ ба фаъолияти ифротгароӣ ҷалб карда мешаванд. Дар шароити имрӯза дар кишвар гурӯҳҳои ифротгаро технологияи мухталифи муосирро баҳри ҷалби ҷавонон ба фаъолияти ифротгароӣ истифода менамоянд. Тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ кори сердаромадро пешниҳод намуда, ҷавононро ба фаъолияти худ ҷалб менамоянд. Мақомоти қудратӣ наметавонанд, ки ин

падидаҳоро бартараф намоянд, аз ин хотир ба давлат зарур аст, ки механизми дақиқи бартараф намудани чунин падидаҳоро пайдо созанд.[1] Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки аксарияти одамон, махсусан ҷавонон маҳз тариқи шабакаҳои интернетӣ ба қатори ифротгароён ва террористон ҷалб карда мешаванд.

Мушкилии ҷиддии мубориза бо ифротгароии динию сиёсӣ чӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва чӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва равандҳои босуръати ҷаҳонишавӣ алоқамандӣ дорад. Айни замон ифротгароён ва террористон ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои интернетӣ кушоду равшан дар муқобили низоми қонунии давлат баромад намуда, пайваста ба паҳн намудани андешаҳои ифротӣ ва тундгароӣ машғул ҳастанд. Бинобар ин, дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тундгароии исломӣ ва ифротгароии динию сиёсӣ омили бесуботкунанда боқӣ мемонанд. Барои аз байн бурдани чунин таҳдидҳо то кадом андоза омода будани неруҳои манфиатдор барои муттаҳид шудан, аз гузашти вақт вобаста мебошад. Масъалаи он, ки кай давлатҳои минтақа дар якҷоягӣ бо акторҳои хориҷӣ консепсияи ягонаи мубориза бо ифротгароӣ ва тундгароиро ташаккул медиҳанд, аз рушдиояндаи тамаддуни ҷаҳонӣ вобаста аст.[2]

Яке аз заминаҳои ташаккулёбии ифротгароии динию сиёсӣ амалӣ намудани корҳои иттилоотию идеологӣ мебошад. Вобаста ба ин масъала коршиносони масоили муносибатҳои байналхалқӣ иброз медоранд, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз ҷониби Арабистони Саудӣ ва Қатар исломизатсияи босуръат идома дорад. Ҳатто муҳаққиқони мазкур давлатҳои номбаршударо маблағгузорони тундгароии исломӣ номидаанд. Ба андешаи онҳо, аз ҷониби давлатҳои номбаргардида ҷудо

---

[1] Вопросы религии и убеждений в странах Центральной Азии (Кыргызстан, Казахстан, Узбекистан, Таджикистан) и России в материалах СМИ [Текст]. – Бишкек, 2017. – С.10.
[2] Малышев, Д.В. Радикализация ислама в Центральной Азии [текст] / Д.В. Малышев // Актуальные проблемы Европы. –2016. –№3. –С.201.

кардани маблағҳои хеле зиёд барои сохтани масҷидҳо ва мадрасаҳо, чопи адабиёти динӣ, дар кишварҳои исломӣ ба таҳсили динию илоҳиётшиносӣ ҷалб намудани ҷавонон ҳамчун раванди ташаккулёбии инфрасохтори исломӣ барои омода намудани низои навбатӣ муаррифӣ гардидааст.[1] Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар муносибат бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла бо Тоҷикистон на танҳо кишварҳои исломӣ ин гуна корҳои идеологиро анҷом медиҳанд, балки як қатор кишварҳои ғайрисиломӣ низ аллакай он ҳизбу ҳаракатҳоеро, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифротгароӣ ва террористӣ дониста шудаанд, на танҳо дар ҳудудҳои худ роҳ медиҳанд, балки онҳоро дастгирӣ низ менамоянд. Чунин вазъият ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароӣ ва ба ҷонибдорони ифротгароии динию сиёсӣ руҳияи нав бахшида, барои идома додани фаъолиятҳои ғайриқонунии онҳо шароити мусоид фароҳам меоранд.

Дар аксарияти давлатҳои минтақа, аз он ҷумла Тоҷикистон “таркиши демографӣ” шиддатнок гардидааст. Дар Тоҷикистон афзоиши табиии аҳолӣ мушоҳида мешавад, ки дар оянда ба нарасидани захираҳои обӣ ва замин оварда мерасонад. Дар натиҷаи зиёд гардидани аҳолӣ ҳолатҳои моҷароӣ барои замин ва захираҳои обӣ зиёд гардида, муассисаҳои кӯдаконаи томактабӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёна тамоми хонандагонро фаро гирифта наметавонанд. Мушкилот дар солҳои минбаъда то андозае шиддатнок мегардад, зеро миқдори аҳолӣ афзуда, бунёди ҷойҳои корӣ, бунёди манзили зист ва инфрасохтор сол аз сол муҳим мегардад. “Имрӯз бозори дохилии меҳнат имконияти пурра надорад, ки корҷӯяндагонро бо ҷойҳои корӣ таъмин намояд. Ҳамасола қариб 150 ҳазор хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва махсус ба бозори меҳнат ворид мешаванд ва барои як ҷои кор то 7 нафар

---

[1] Сценарный прогноз ситуации в Центральной Азии после вывода коалиционных войск из Афганистана 2014–2024 гг. // Аналитический доклад Российского совета по международным делам [Электронный ресурс]. – URL: http://russiancouncil.ru/inner/?id_4=1870#3 (дата обращения: 10.02.2018 г.).

мубориза мебаранд. Таъмини маоши сазовор ба яке аз мушкилиҳои актуалӣ мубаддал гардидааст”.[1]

Дар шароити имрӯза шуғли аҳолӣ бештар аз ҳисоби муҳоҷирати меҳнатӣ таъмин карда мешавад. Аз рӯйи баҳогузориҳои расмӣ миқдори умумии муҳоҷирон аз Тоҷикистон дар Федератсияи Россия соли 2019 то ба 486 ҳазор нафар мерасад, ки он 4% -и аҳолии кишварро ташкил менамояд[2]. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Федератсияи Россия тадриҷан ворид гардидани муҳоҷирони меҳнатиро ба танзим дароварда, дар ин самт талаботи нав ба нав ворид менамояд. Бешубҳа, Федератсияи Россия минбаъд низ дар ин самт қарорҳои қатъӣ қабул менамояд ва бо ин васила ҷараёни захираҳои меҳнатиро дар кишвар ба тартиб медарород. Албатта, чунин сиёсат ва танзимнамоӣ боиси маҳдуд гардидани миқдори муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон мегардад, ки ҳам ба шуғли аҳолӣ ва ҳам ба даромади оилаҳои алоҳида таъсири манфӣ мерасонад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар заминаи бӯҳрони иҷтимоӣ-иқтисодӣ як қисми муайяни муҳоҷирон аз Федератсияи Россия хориҷ карда шуданд, ки ба паст гардидани даромадҳои молиявӣ оварда расонид. Коршиносон қайд менамоянд, ки дар ояндаи наздик ин самт идома ёфта, қувват мегирад.[3]

Заминаи дигари фаъолияти ифротгароён ва террористон муҳоҷират, махсусан муҳоҷирати ғайриқонунӣ мебошад. Ифротгароён бештар ба муҳоҷирон таваҷҷӯҳ намуда, дар ҳолатҳои муайян онҳоро ба доираи фаъолияти худ ҷалб менамоянд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ифротгароён ва террористон аз ҳисоби фуруши ярок, маводи мухаддир,

[1] Касымбекова, В. Демографические аномалии Таджикистана [Электронный ресурс]. – URL: http://news.tj/ru/news/tajikistan/society/20161116/demograficheskie-anomalii-tadzhikistana (дата обращения: 22.05.2022 г.)

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, 26.12.2019 [Захираи электронӣ]. –URL: http://president.tj/node/21975 (санаи мурочиат: 25.06.2022)

[3] Trilling D. Remittances to Central Asia Fall Sharply // Eurasia Net. 2015, April 21. URL: http://www.eurasianet.org/node/73061

одамрабой ва фуруши одамон маблағи муайян ба даст оварда, дар самти ҷалби муҳоҷирон ин воситаҳои молиявиро васеъ истифода мекунанд.

Дар шароити имрӯза дар асоси зиддияту мухолифатҳо дар кишварҳои ҷаҳони ислом ва сатҳи пасти рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ афзоиши муҳоҷирати аҳолӣ ба кишварҳои рушдкарда мушоҳида карда мешавад. Аз ин хотир, аҳолӣ ва ҳукуматдорони кишварҳои аврупоӣ, аз паҳн намудани арзишҳои динӣ, ки аз тарафи муҳоҷирон амалӣ карда мешавад, дар ҳаросанд. Метавон қайд намуд, ки дар асоси сиёсати созмону ташкилотҳои ифротгароӣ ва сиёсати як қатор давлатҳои исломӣ, ки чунин созмону ташкилотҳоро дастгирӣ менамоянд, дарояндаи наздик паҳн гардидани ғояҳои ифротгароии динӣ боло меравад.

Масъалаи эҳтимоли ба доми ифротгароҳо ва тундгароёни исломӣ гирифтор гардидани муҳоҷирон доимо таъкид мегардад. Аммо сабабҳои паҳншавии ифротгароии динию сиёсӣ дар миёни муҳоҷирон ва роҳу воситаҳои пешгирӣ намудани онҳо масъалаи баҳсбарангез ва ҳалталаб мебошад. Дар ин бора дар баробари олимону муҳаққиқон, инчунин руҳониён низ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Вобаста ба ин масъала, соли 2017 муфтии шаҳри Москваи Федератсияи Россия Албир Крганов қайд намуда буд, ки хавфи ифротгароӣ ва тундгароӣ дар миёни муҳоҷирони тоҷик рӯз то рӯз меафзояд. Зеро як зумра тундгароҳои динӣ дар миёни онҳо тарғибу ташвиқи андешаҳои ифротиро ба роҳ монда, айни замон дар сарҳади Тоҷикистон, Туркманистон ва Афғонистон гурӯҳҳои ҷиноятӣ таъсис додан мехоҳанд[1]. Крганов пешниҳод менамояд, ки барои пешгирӣ намудани паҳншавии ифротгароӣ дар миёни муҳоҷирон ҳамкории руҳониёни кишварҳои пасошӯравӣ, махсусан руҳониёни кишварҳои Осиёи Марказӣ бо руҳониёни Россия тақвият дода шуда, вохӯрии онҳо бо муҳоҷирон зиёд карда шавад. Ҳатто чунин амал низ

---

[1] Крганов: на таджикской границе формируется новая экстремистская группировка [электронный ресурс]. – URL: https://tj.sputniknews.ru/country/20171017/1023632837/islamskoy-obshchine-rossiya-predupredili-o-radikalizacii-tadzhikskih-migrantov.html?_ga=2.107880258.1394325981.1581253776-128934884.1568647082 (дата обращения: 25.11.2019 г.)

анҷом дода шудааст. Чандин маротиба руҳониёни кишвар ба таври расмӣ барои вохӯрӣ ва мулоқот бо муҳоҷирон ба Федератсияи Россия фиристода шудаанд[1]. Аммо сафарҳои расмӣ ва ғайрирасмии руҳониён ин ҷо масъалаи муҳим аст. Сафарҳои ғайрирасмии руҳониён даҳҳо маротиба нисбат ба сафарҳои расмӣ бештар ба назар мерасад. «Сафарҳои мунтазами баъзе руҳониёни шинохтаи кишвар ва пешвоёни ҳизби динӣ ба назди муҳоҷирон яке аз сабабҳои тағйири ақидаву ҷаҳонбинии муҳоҷирон ва ба доми чунин ҳаракату гурӯҳҳои террористӣ гирифтор шудани онҳо мебошад»[2]. Омили дигаре, ки хавфи ба доми тундгароён ва ифротгароён гирифтор шудани муҳоҷирон зиёд менамояд, ин муҳоҷирати ғайриқонунӣ мебошад. Муҳоҷироне, ки барои буду бош дар давлати муҳоҷирпазир ҳуҷҷатҳои зарурӣ надоранд ва ё муҳлати истиқоматашон ба охир расидаанд, аз кумаки нафароне истифода менамоянд, ки дар аксар маврид тундгаро ҳастанд. Тӯли солҳои охир ифротгароён ва тундгароён бештар бо чунин қишри муҳоҷирон сару кор доранд ва онҳоро бо ваъдаи бо ҷойи кори бехавф таъмин намудан, ба сафи гурӯҳҳои худ ҷалб менамоянд[3].

Вобаста ба масъалаи паҳн гардидани ғояҳои ифротгароию тундгароӣ дар миёни муҳоҷирони меҳнатӣ андешаҳои гуногун мавҷуданд. Аммо дар аксар маврид мушоҳида намудан мумкин аст, ки тундгароёни исломӣ ва созмонҳои ифротгароӣ дар миёни муҳоҷирон мехоҳанд ҷонибдор пайдо намоянд ва онҳоро ба сафҳои худ ҷалб созанд. Муҳаққиқони ватанӣ М.А. Олимов ва С.К. Олимова иброз медоранд, ки муҳоҷирони меҳнатиро аз рӯи мансубияти динию мазҳабияшон ба ду

---

[1] Почему растет экстремизм среди таджикских мигрантов и как сним боротся [электронный ресурс]. – URL: https://tj.sputniknews.ru/country/20171019/1023661573/prichiny-rosta-ekstremizma-sredi-tadzhikskih-migrantov-kak-nim-borotsya.html (дата обращения: 26.11.2019 г.)

[2] Маҳмадов, А.Н. Терроризм, омилҳои хатарҳои муҳоҷират ва таъсири онҳо ба амнияти миллӣ [матн] / А.Н. Маҳмадов // Терроризм ва ифротгароӣ – роҳҳои пешгирии он. –Душанбе: Маориф, 2015. –С.148.

[3] Ашурзода Ҷ.Х. Ифротгароии динию сиёсӣ ва хусусиятҳои муҳимми он дар раванди дигаргуншавии ҷомеа (дар мисоли Ҷумхурии Тоҷикистон) [Матн]: дис. … ном. илм. сиёсӣ: 23.00.02 / Ҷ.Х. Ашурзода. –Бохтар, 2021. – С.91.

гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: якум, онҳое, ки аз мазҳаби анъанавии ҳанафӣ пайравӣ менамоянд ва дигар ҷараёнҳои динӣ, аз қабили салафия, «Ҳизб-ут-Таҳрир» ва монанди инҳоро маҳкум месозанд; дуюм, онҳое, ки аз ҷараёнҳои динии ҷаҳонӣ пайравӣ менамоянд. Аксарияти муҳоҷирон вобаста ба масъалаи шинохти мазҳабҳо мушкилӣ мекашанд. Тибқи назарпурсии онҳо 41% пурсидашудагон муайян карда натавонистаанд, ки ба кадом мазҳаб тааллуқ доранд, 18,5% онҳо аз посух додан худдорӣ намудаанд, ки чунин ҳолат на танҳо маърифати пасти динии онҳоро нишон медиҳад, балки онҳо намехоҳанд, ки дини исломро ба мазҳабҳо ҷудо намоянд[1].

Соли 2016 СААД рӯйхати ягонаи ташкилотҳо ва созмонҳои террористиву ифротгароиро таҳия намуда, тасдиқ кард. Дар навбати аввал ташкилотҳои байналхалқии террористиву ифротгароӣ, ба монанди "Ал-Қоида", "Толибон", "Ҳизб-ут-Таҳрир", "Бародарони Мусалмон", "Давлати Исломӣ", "Ҷабҳат ан-Нусра", "Ҳаракати Исломии Туркистони Шарқӣ" ва ғайраҳо дар аксарияти кишварҳои аъзо, аз он ҷумла дар Тоҷикистон, манъ карда шудаанд. Қайд намудан зарур аст, ки таҳияи рӯйхати созмонҳои таррористиву ифротгароӣ ва манъ намудани онҳо дар қаламрави давлатҳои миллӣ падидаи нав набуда, дар доираи ҳуқуқи байналхалқӣ амалӣ карда шудааст.

Мушкилоти асосии мубориза бо ифротгароии динӣ дар он зоҳир мегардад, ки шомилшавии аъзоён ба ин ё он созмони террористиву ифротгароӣ бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ муайян карда намешавад ё дар доираи мурофиаи судӣ исбот кардан ғайриимкон аст. Созмону ташкилотҳои манъгардида оиннома, шакли аъзогӣ ё хориҷшавӣ ва дигар хусусиятҳои расмии ташкилотҳои ғоявӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ё диниро надоранд. Аз ин

---

[1] Олимов, М.А. Трансформация идентичности в миграции: этничность и религия (на примере таджикской трудовой миграции в России) [Текст] / М.А. Олимов, С.К. Олимова // Вестник Томского государственного университета. История. – 2019. – № 59. –С.161.

хотир ҷудо намудани пайравон ва аъзоёни созмону ташкилотҳои террористиву ифротгароӣ душвор аст.[1]

Аммо, ба ин душворӣ нигоҳ накарда, ҳамасола дар кишварҳои мухталиф барои аъзогӣ дар созмонҳои террористиву ифротгароӣ садҳо нафар боздошт мешаванд. Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 200 нафар соли 2015 барои аъзогӣ дар созмону ташкилотҳои ифротгароиву террористии манъгардида боздошт ва ҳабс шудаанд.[2]

Дар оянда наздик дар Тоҷикистон миқдори гунаҳкорон ба ифротгароии динӣ меафзояд, зеро созмону ташкилотҳои террористиву ифротгароӣ ба манънамоӣ нигоҳ накарда, фаъолияти худро ба таври мунтазам васеъ менамоянд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳодисаи фоҷиабори Актобе дар соли 2016 шаҳодати боло рафтани миқдори айбдоршавандагон ба фаъолияти террористӣ ва ифротгароӣ ба ҳисоб меравад.

Афзудани миқдори шахсони ҳабсшуда мушкилоти паҳншавии минбаъдаи ифротгароиро маҳдуд карда наметавонад. Дар чунин ҳолат ислоҳнамоӣ ва тарбияи миллӣ муҳим мегардад. Аз ин хотир, давлат нисбати ҳабсшудагон авфи умумиро ба хотири ислоҳ ва дасткашӣ аз рӯовариҳои иртиҷоию ифротгароӣ амалӣ менамояд.[3]

Ифротгароии динӣ дар самти баланд гардидани хатару таҳдидҳои ҷамъиятӣ дигаргун мегардад, ки аз таъсири як қатор омилҳо вобаста аст:

-рушди корхонаҳои саноатӣ, низоми коммуникативӣ, афзоиши зичии аҳолӣ ва мавҷудияти нерӯҳои алоҳида, ки дастовардҳои илмӣ-техникиро алайҳи рушди тамаддун истифода менамоянд;

---

[1] Вайс, М. Исламское государство: армия террора [Текст] / М. Вайс, Х. Хасан. – М.: Альпина нон-фикшн, 2016. – С.32-34.

[2] Комиссия США по свободе вероисповедания в странах мира (USCIRF) [Текст] // Ежегодный отчет за 2016 г. Таджикистан.

[3] В Таджикистане заметно изменилось отношение властей к последователям течения «Салафия» [Электронный ресурс]. – URL: http://ru.sputnik-tj.com/analytics/201 60517/1019624861.html (дата обращения: 20.01.2017 г.)

-кӯшиши дарёфти заминаҳои таърихӣ ва анъанавии аҳолӣ, ки дар доираи атеизм тарбия карда шудаанд;

-афзоиши таъсири сарварони динӣ дар тамоми ҷаҳон; ноӯҳдабароии ҷавонон дар самти дарёфти мавқеи худ дар ҳаёт;

-ҷой надоштани тобеияти ҷиддии иерархӣ ба муқаддасот, мутобиқан, ӯҳдадориҳо барои кор ва фаъолияти қисмҳои алоҳидаи ҷомеа;

-монанд намудани қисми алоҳидаи рӯҳониён ба тамоми динҳои мавҷуда, мутлақгардонии ақидаи худ дар доираи тамоми мазҳаб;

-ғоявигардонии дин ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки бешубҳа дар ҷомеа нақши мусбиро иҷро менамояд. Барои тарафдорони ин мавқеъ ифодаи “ифротгароии динӣ” як навъ “бемантиқӣ” ба ҳисоб меравад;

-афзудани таъсиррасонӣ ба афкори умум ва лоиҳакашии ҳодисаву падидаҳои иттилоотии ба таври сунъӣ бунёдгардида аз тарафи воситаҳои ахбори умум.

Қайд намудан зарур аст, ки имкониятҳои воқеии ҳаракатҳои иртиҷоию ифротгароӣ нисбати шиддатнок намудани вазъият дар кишварҳои минтақа вуҷуд доранд. Ифротгароён дар ҳудуди Афғонистон, дар шароити имрӯза, имконияти ба тариқи зӯриву зӯроварӣ ва амалҳои мусаллаҳона ба кишварҳои минтақа ворид шуданро надоранд. Нерӯҳои мусаллаҳи кишварҳои минтақа метавонанд, ки ҳуҷуми яроқноки нерӯҳои террористиву ифротгароиро бартараф намоянд. Аз тарафи дигар мавҷудият ва фаъолияти СААД метавонад эҳтимолияти чунин сурат гирифтани амалҳоро маҳдуд намояд. Аммо, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити имрӯза нерӯи террористон ва ифротгароён дар ҳудуди Афғонистон кам набуда, рӯз аз рӯз қувват мегирад. Гузашта аз ин, масъалаи ҳамкориҳои ҳизбу ҳаракатҳои террористию ифротгароӣ пешгирӣ намудани таҳдиду хатари онҳоро боз ҳам мураккабтар менамояд. Муҳаққиқи ватанӣ Нурулҳақов Қ. дар яке аз матлабҳои

таҳлилии худ дар атрофи моҳияти иртиҷоии фаъолияти «Ихвон-ул-Муслимин» андешаронӣ намуда, робитаи онро бо идеологияи теократии Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ташкилоти террористию ифротгароии «Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон» хеле хуб нишон додааст. Ғайр аз ин, дар матлаби мазкур зери шиори «миллати ислом» аз байн рафтани ҳуввият, худшиносӣ ва ифтихори миллии халқҳои мусулмон низ таъкид гардидааст[1].

Аз пайваст гаштани омили иҷтимоӣ ва динӣ таҳдидҳои муайян ба миён меоянд, вале қайд намудан зарур аст, ки дар дурнамои наздик инқилоби исломӣ дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои минтақа ба таври воқеӣ таҳдид надорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар доираи ноустувории дарозмуддати иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва дар раванди мубориза барои ҳокимият, ифротгароии исломӣ унсури аҳамиятноки ҷомеа гардида, метавонад ҳамчун омили аввалиндараҷаи бетартибиҳо ва мураккаб гардидани вазъият баромад намояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки то солҳои 2000-ум созмону ташкилотҳои ифротгароиву террористӣ дар кишварҳои минтақа, махсусан дар Тоҷикистон, мушкилоти дохилии худро дар алоҳидагӣ ҳал менамуданд. Аммо, пас аз воқеаҳои соли 2001 созмону ташкилотҳои ифротгароиву террористӣ кӯшиш менамоянд, ки дар самти ғоявӣ, маънавӣ-ахлоқӣ, ташкилӣ ва иттилоотӣ муттаҳид гардида, дар якҷоягӣ амал намоянд.

Яке аз масъалаҳои асосӣ, ки ифротгароёнро аз ҳам ҷудо менамояд ва онҳо ба таври алоҳида фаъолият менамоянд, масъалаи мубориза барои захираҳои молиявӣ ҳисобида мешавад. Онҳо баҳри ба даст овардани

---

[1] Нурулҳақов, Қ. «Ихвон-ул-Муслимин» ва моҳияти иртиҷоии он [манбаи электронӣ] / Қ. Нурулҳақов. – URL: http://mit.tj/article/“ихвону-л-муслимин”-ва-моҳияти-иртиҷоии-он (санаи истифодабарӣ: 03.03.2020)

воситаҳои молиявӣ аз як қатор кишварҳои ҷаҳони ислом, ба монанди Арабистони Саудӣ, Қатар ва Қувайт дар рақобати доимӣ қарор доранд.[1]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳҳои на он қадар калон амал менамоянд, ки фаъолияти ифротгароиву террористӣ доранд ва бо созмону ташкилотҳои ифротгароии хориҷӣ ва ҳаракату созмонҳои ифротгароии маҳаллӣ алоқаманд мебошанд. Илова бар ин, гурӯҳҳои алоҳида мустақилона фаъолият намуда, дар самти гузаронидани амалҳои террористӣ ва ифротгароӣ “фармоишоти” муайянро иҷро менамоянд. Маҳз ин гурӯҳҳо дар ҳамлаҳои муайяни террористиву ифротгароӣ масъулиятро ба дӯш мегиранд.

Дар шароити имрӯза раванди паҳншавии босуръати ғояҳои ифротгароии динӣ дар ҷомеа, гузариши ифротгароён ба методҳои зӯриву зӯроваронаи мубориза барои амалӣ намудани мақсадҳои гузошташуда мушоҳида карда мешавад. Қайд намудан зарур аст, ки чунин паҳншавии ғоявии ифротгароӣ ба тамоми кишварҳои минтақа таҳдид менамояд, зеро ба оқибатҳои номатлуби зиддияту мухолифатҳои иҷтимоӣ оварда мерасонад.[2]

Ифротгароии динӣ дар заминаи омилҳои динии фаъол ташаккул меёбад. Омилҳои динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду шакл зоҳир мешаванд: созанда ва тахрибӣ. Омилҳои динию мазҳабии созанда аз исломи таҳаммулгаро ва исломи анъанавӣ сарчашма гирифта, моҳияти онро арзишҳои ахлоқию маънавӣ ва ҷанбаҳои тарбиявии онро ахлоқи ҳамида ташкил медиҳад, ки он дар таъмини назму низоми ҷамъиятӣ саҳми арзанда дорад. Аммо омилҳои динию мазҳабии тахрибӣ бо фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароию террористӣ алоқаманд буда, ҷавҳари онро тундгароии динӣ ва зӯроварии хушунатомез ташкил медиҳад, ки он ба сохтори конститутсионии давлат, якпорчагии марзу

[1] Поляков, К.И. Исламский экстремизм в Центральной Азии [Текст] / К.И. Поляков. – М.: Институт востоковедения РАН, 2014. – С.6.
[2] Поляков, К.И. Исламский экстремизм в Центральной Азии [Текст] / К.И. Поляков. – М.: Институт востоковедения РАН, 2014. – С.10-11.

бум, суботи сиёсии кишвар, тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақиман таҳдид менамояд. Аз ин рӯ, амалӣ намудани муборизаи беамон бо омилҳои динию мазҳабии тахрибӣ хеле муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Тундгароии исломӣ ва ифротгароии динию сиёсӣ дар самти ташаккулёбии давлатдории навини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ҷиддӣ монеа эҷод намуда истодааст. Ғояпардозон ва тундгароёни исломӣ бо ҳар роҳу восита андешаҳои ифротгароӣ ва тундгароии диниро дар миёни қишрҳои гуногуни ҷомеа паҳн намуда, бо ин ба шуури ҷамъиятӣ таъсири манфӣ мерасонанд ва рафтори шаҳрвандонро тағйир медиҳанд. Бо дарназардошти чунин омил гуфтан мумкин аст, ки тундгароии исломӣ ва ифротгароии динию сиёсӣ дар шароити навини давлатдори омилҳои бесуботкунандаи ҳаёти сиёсии кишвар мебошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати тозаистиқлол аз лиҳози таъсири омилҳои динӣ, махсусан таъсири омили исломӣ дар самти ташаккулдиҳии давлати демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд осебпазирии зиёд дорад. Якум ин, ки кишвар дар марҳилаҳои аввали рушду инкишоф қарор дорад ва дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ҳанӯз ҳам мушкилиҳои иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангию идеологӣ ҷой доранд, ки чунин вазъият дар самти муқовимат бо тундгароии исломӣ монеаи ҷиддӣ эҷод менамояд. Ғайр аз ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишварҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла дар Федератсияи Россия муҳоҷирони зиёд дорад, ки дар ин гуна вазъият хавфи гаравидани ҷавонон ба сафи ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ меафзояд. Инчунин роҳ ёфтани ғояҳои тундгароии исломӣ ба дохили кишвар ва бо роҳу воситаҳои гуногун тарғибу ташвиқ гардидани онҳо хавфи зиёд гардидани пайравони он ва ба вуҷуд омадани бадбинии ҳуқуқию сиёсиро ба миён меорад[1].

[1] Ҳусайнзода А.Б. Таъсири омилҳои динӣ ба равандҳои сиёсӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) [Матн]: дис. … ном. илм. сиёсӣ: 23.00.02 / А.Б. Ҳусайнзода. –Кӯлоб, 2021. –С.151.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити имрӯза, дар кишварҳои минтақа, махсусан дар Тоҷикистон, омилҳои асосии дохилӣ ва берунаи ояндаи ифротгароии динӣ ҷудо карда мешаванд. Дар асоси таҳлили вазъияти имрӯзаи рушди ҷомеа ва ҳолати иҷтимоиву иқтисодӣ, метавон омилҳои зерини дохилиро ҷудо намуд:

-сатҳи амалҳои коррупсионӣ дар тамоми соҳаҳои рушди ҷомеа. Афзоиши амалҳои коррупсионӣ метавонанд, ки ҳамбастагии оммаи мардумро аз мақомоти давлатӣ заиф ва коста намоянд;

-натиҷаҳои ночизи ислоҳоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар кишварҳои минтақа. Ҳукуматҳои кишварҳои минтақа ислоҳоти мухталифи иҷтимоӣ-иқтисодиро амалӣ менамоянд, вале натиҷаи онҳо ҳанӯз қонеъкунанда ба ҳисоб намераванд;

-ноӯҳдабароии исломи «анъанавӣ» дар мухолифат бо исломи «ғайрирасмӣ», аз он ҷумла исломе, ки аз хориҷа ворид гардидааст;

- омода набудани мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мухолифати самаранок бар зидди таҳдидҳои ифротгароӣ ва террористӣ, ки аз ҷой надоштани корҳои таҳлилӣ, ояндабинӣ ва фаврӣ-ҷустуҷӯии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бармеояд.

Хатари паҳншавии минбаъдаи ифротгароӣ ва терроризми динӣ дар Тоҷикистон бо омилҳои беруна алоқаманд аст. Давлатҳои хориҷӣ кушиш менамоянд “омили исломӣ” -ро дар пуршиддат намудани вазъияти иҷтимоӣ ва ғоявӣ дар кишварҳои минтақа истифода намоянд. Хатари ворид гардидани давлати исломӣ ба минтақа ҷой дорад, ки метавонад ба низоми мутаносиби муносибатҳо ва арзишҳои миллӣ халал ворид кунад. Далелҳои зиёде вуҷуд дорад оид ба миқдори шаҳрвандони кишвар, ки дар қатори Давлати исломӣ ҷанг менамоянд. Аммо дар асоси баҳогузориҳои гуногун аз ҳар як давлат якчанд ҳазор ба ин ҷанг ҷалб гардидаанд. Шаҳрвандони Тоҷикистон низ ба чунин фаъолияти иртиҷоии хавфнок ба инсон, ҷомеа ва давлат, рӯ овардаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки баргаштани шаҳрвандони кишварҳои минтақа, ки дар ҷанги Сурия ширкат намудаанд, тариқи Туркия, ки дар қаламрави он ячейкаҳои алоҳидаи созмону ташкилотҳои ифротгароӣ фаъолият менамоянд, сурат мегирад. Албатта, чунин иштирокчиён бо ғояҳои муайяни ифротгароӣ вориди кишварҳои минтақа мегарданд, ки метавонад ба паҳн шудани минбаъдаи ғояҳои ифротгароии динӣ мусоидат намояд. Роҳи дигари баргашти шаҳрвандони минтақа аз Сурия тариқи Афғонистон сурат мегирад, ки эҳтимолияти муттаҳид шудани онҳо дар доираи гурӯҳ ва созмонҳои алоҳидаи ифротгароӣ мавҷуд аст.[1] Тибқи баъзе маълумотҳо гурӯҳҳои алоҳидаи ифротгароёни динӣ ба роҳбарияти давлати исломӣ қасам ёд кардаанд, дар натиҷаи муттаҳид гардидани ин гурӯҳҳо дар ҳудуди Афғонистон, дар назди сарҳади Тоҷикистон эҳтимолияти пайдо шудани неруи бузурги ифротгароён мавҷуд аст.[2] Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки таҳдиди воқеии ифротгароии динӣ аз хориҷ барои Тоҷикистон боқӣ мемонад.

Моҳи сентябри соли 2015 Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон – ҳизби террористӣ эълон гардида, фаъолияти он дар кишвар манъ карда шуд. Садҳо нафар роҳбарони он ба мӯҳлатҳои гуногун аз озодӣ маҳрум карда шуданд. Аксарияти ҷонибдорони ин ҳизб ба Эрон ва дигар кишварҳо фирор кардаанд.[3]

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки дурнамои ифротгароии динӣ дар кишварҳои муосир, махсусан дар Тоҷикистон аз таъсири омилҳои мухталиф вобаста аст. Дар ҳолати қувват гирифтани ин омилҳо, фаъолияти ҳаракату созмонҳои ифротгароӣ низ меафзояд. Аз ҳамин

[1] Исламское движение Узбекистана [Электронный ресурс]. – URL: http://www.centrasia.ru/news.php?st=1350885060 (дата обращения: 20.01.2017 г.)
[2] Что ждет «Исламское движение Узбекистана»? [Электронный ресурс]. – URL: http://rus.azattyq.org/a/imo-leaderusmon/27205030.html (дата обращения: 20.01.2017 г.)
[3] Вынесены приговоры активистам ПИВТ [Электронный ресурс]. – URL: http://nm.tj/politics/39977-vyneseny-prigovoryaktivistam-pivt-dvoim-dali-pozhiznennye-sroki.html (дата обращения: 20.01.2017 г.)

хотир зарур аст, ки омилҳои мавҷудаи инкишофи фаъолияти ҳаракату созмонҳои ифротгароӣ маҳдуд ё ба пуррагӣ ҳал карда шаванд.

**Дар асосии баррасӣ ва таҳлили дурнамои фаъолияти ҳаракату созмонҳои ифротгароӣ, метавон чунин хулосабарорӣ намуд:**

Ҳар қадаре, ки мубориза алайҳи ифротгароии динӣ самаранок бошад, то ҳамон андоза эҳтимолияти маҳдуд намудани доираи инкишофи ифротгароии динӣ таъмин карда мешавад. Вале ҷой доштани костагиҳо дар самти сатҳи пасти донишҳои динии аҳолӣ вазъияти ноустувори динӣ боқӣ мондааст, ки метавонад дар шароити муайян хусусияти фоҷиавиро касб намояд. Дар асоси чунин тағйироти эҳтимолӣ дар рушди вазъияти динӣ сабабҳои амиқ ҷой доранд, ки бо қувват гирифтани таъсири дин ба равандҳои ҷамъиятӣ ва сиёсии ҷумҳурӣ алоқаманд мебошанд. Хулоса баровардан мукин аст, ки мавҷудияти миқдори зиёди мушкилиҳо, аз қабили камбизоатӣ, дастгоҳи ғайрисамараноки давлатӣ, ғайрисамаранокии инфрасохтори иҷтимоӣ, сатҳи пасти рушди иқтисодӣ ва ғайраҳо аллакай метавонанд аз тарафи ифротгароёни динӣ, ки ба таври пинҳонӣ фаъолият менамоянд, барои бадномкунии режимҳое, ки дар ҷомеаҳои имрӯза ҳукмронӣ менамоянд, васеъ истифода мегарданд.

Сарфи назар аз пурзӯр шудани заминаи қонунгузорӣ дар самти мубориза бо ифротгароӣ ва терроризм, таъқиб ва мурофиаҳои сершумор, мизони ин амалҳои ғайриқонунӣ коҳиш намеёбад, яъне мубориза бо радикалҳои исломӣ дар минтақа ҳанӯз ҳам идома дорад. Гузашта аз ин, ислом дар Осиёи Марказӣ беш аз пеш сиёсӣ мешавад, ки ин аввалин шарти радикализатсияи он аст. Ин раванд бояд қатъ карда шавад.

Шаклҳо ва усулҳои фаъолияти созмонҳои ифротгароӣ ва террористӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ такмил меёбад. Онҳо торафт бештар бо тиҷорати маводи мухаддир, ҷиноятҳои муташаккил, қочоқи инсон

муттаҳид мешаванд ва аз ҳама хатарнокаш, ҷавононро ба сафҳои худ ҷалб мекунанд. Мушкилот ва ҳаракати гурӯҳҳои исломгаро дар ҳоли афзоиш аст ва онҳо дар фаъолияти худ аз усули шабакавӣ истифода мекунанд. Вобаста ба ин, тадбирҳо, усулҳо ва шаклҳои муқовимат ба ҳаракатҳои радикалии исломгароӣ бояд тағйир ва такмил ёбад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки пешомади ифротгароии динӣ аз фаъолияти мақомоти давлатии танзими фаъолияти динӣ вобастагии калон дорад. Таҳлили муқоисавии салоҳиятҳои мақомоти давлатии танзими фаъолияти динӣ нишон медиҳад, ки вазифаҳои назоратӣ ва баҳисобгирӣ то андозае аз ҷониби мақомоти корҳои динӣ дар Тоҷикистон иҷро карда мешаванд. Метавон хулоса кард, ки дар ояндаи наздик низ пешомад ва вазъияти рушди ифротгароии динӣ дар кишвар аз сатҳи рушди иҷтимоиву иқтисодӣ вобаста хоҳад буд. Аз ин рӯ ислоҳоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва рушди инфрасохтори кишвар барои коҳиш ёфтани ғояҳои ифротгароӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақа заминаҳои устуворе хоҳад дошт.

# Хулоса

## Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Таҳлили ҳамаҷонибаи хусусиятҳои пайдоиши экстремизми динӣ дар ҷомеаҳои муосир ва методҳои мубориза бо ин зуҳурот нишон доданд, ки дар шароити имрӯза фаъолгардии ҳаракатҳои иртиҷоӣ-ифротӣ, махсусан дар миёни ҷавонон ҷараён дорад. Муассисаҳо, созмонҳо ва иттиҳодияҳои динӣ ба яке аз фишангҳои ғоявӣ табдил ёфта, дар ҳаёти иҷтимоӣ нақши муҳим мебозанд. Шумораи диндорон, сатҳу сифати маълумоти динӣ дар муассисаҳои таълимии исломӣ гирифташуда ба вазъияти динии ҷомеа таъсиргузорӣ менамояд. Зеро ҷавонон ба саволҳои худ ҷавоби дуруст ва эътимоднок пайдо накарда, онҳоро берун аз масҷидҳои расмӣ ҷустуҷӯ мекунанд ва сафи намояндагони ҷунбишҳои ифротиро меафзоянд [2-М].

Ифротгароии динӣ дар ҷидду ҷаҳди ниҳоии динӣ баҳри халалдор намудани низоми ҷамъиятӣ, маҷмуи муносибатҳои иҷтимоӣ, халалдор сохтани шаклгирии мафкураи солими миллӣ ва эҳёгарӣ, дар бунёди барқасдонаи моҷароҳо дар муносибати миёни диндорон дар дохили мазҳаб зоҳир мегардад. Масалан, гунаҳкорнамоӣ ва даъват ба зӯроварӣ нисбати ҳаммазҳабони худ дар ҳолати алоқаҳо бо одамони дигар мазҳабҳо, зараррасонии сатҳҳои гуногун ба саломатӣ, расонидани таъсири маънавӣ ба он нафароне, ки мехоҳанд аз як созмон ё ташкилоти динӣ ба дигар созмон ё ташкилоти динӣ гузаранд [5-М].

Воқеияти фазои ҷамъиятиву иҷтимоӣ ва ғоявии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар шароити имрӯза, кишвари мо, аз як тараф объекти таваҷҷуҳи геотамаддунии кишварҳои бузурги ҷаҳонӣ гардида, аз тарафи дигар ба доираи паҳншавии васеи ифротгароӣ дохил шудаанд. Дар чунин шакл паҳн гардидани ифротгароӣ дар ҳавзаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва тамаддунии ба мо наздик алоқаманд аст. Дар дохили кишвар низ неруҳои ҷамъиятӣ-ғоявӣ ташаккул ёфтаанд, ки дар фаъолияти худ аз шиорҳои исломӣ истифода менамоянд. Заминаҳои

асосии чунин неруҳои ҷамъиятӣ-ғоявӣ, албатта, аз “ҷаҳони ислом” сарчашма мегирад, ки дар доираи равандҳои ҷаҳонишавӣ паҳнгардии онҳо душвориеро ба миён намеорад [9-М].

Тамоюли афзоиши ифротгарой дар зери парчами динӣ дар давлатҳо ва ҷомеаҳои муосир бештар аз сабаби зиддиятҳои мавҷуда дар муносибати динҳо ва дар дохили онҳо, фаъол шудани баъзе ташкилотҳои динии хориҷӣ, ки фаъолияти онҳо табиати возеҳ дорад, алоқаманд аст. Аз ин рӯ, вазъи кунунии иҷтимоию ғоявӣ бо назардошти тағйироти ҷаҳонии геополитикӣ тавсеаи миқёси таҳдидҳо ба амнияти миллии давлатҳоро тавсиф менамояд. Зарурияти муколамаи нисбатан муассир ва ҳамаҷонибаи ҷаҳони мусулмонӣ ва ғарбӣ ба вуҷуд омадааст, то манфиатҳои ҳамдигарро дарк кунанд [1-М].

Таҳлилҳо ва инчунин таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки созмону ҳаракатҳои иртиҷоии ифротӣ ҳеҷ гуна нақшаи мушаххаси бунёди давлати идеалиро надоранд. Тамоми изҳороти онҳо, танҳо ба хотири ҷамъ овардани миқдори зиёди одамон, махсусан ҷавонон ба сафҳои худ мебошад. Илова бар ин, маҳз чунин изҳорот имконият медиҳад, ки пайравони худро ба иҷроиши ин ё он амали ниҳой водор созанд. Таҷрибаи таассуфовари кишварҳои мухталиф, ба ғайр аз Арабистони Саудӣ, ки дар онҳо ғояҳои иртиҷой-ифротӣ паҳн гардидаанд, нишон медиҳад, ки ин кишварҳо дар давраи кӯтоҳи таърихӣ ба кишварҳои қафомондаи минтақаҳои ҷаҳонӣ мубаддал гардидаанд. Тамоми инфрасохтор ва иқтисодиёти ин кишварҳо ба пуррагӣ, ё қисман вайрон гардидаанд. Ба сифати мисол метавон чунин кишварҳо, ба монанди Судон, Афғонистон, Сомалӣ, Сурияро овард [4-М].

Дар миёни сабабҳои зиёди пайдоиши ифротгароии динӣ сабабҳои дохилӣ ва берунии ин падидаи номатлуби иҷимой ҷудо карда мешавад, аз ин хотир зарур аст, ки муайян намудани заминаҳо, сарчашмаҳо ва сабабҳои ин мушкилот ба таври маҷмуавӣ ба роҳ монда шавад. Ба таври

умумӣ метавон сабабҳои пайдоиши экстремизми диниро чунин арзёбӣ намуд: мавҷуд набудани донишҳои пурарзиш оид ба мақсад ва моҳияти дин; ҷой надоштани тафаккури пурра ва сифатноки ҳиссиёт ва амалҳо, нақш ва мақоми дин, моҳияти он, самти доктринавӣ ва мундариҷавии дин; мушкилоти тарбия дар оила; мушкилоти тарбияи насли наврас дар муассисаҳои таҳсилоти маълумоти миёна [2-М].

Оғози раванди паҳнгардии ғояи ифротгароии динӣ дар давлатҳо ва ҷомеаҳои муосир бо давраи оғози “бозсозӣ” ва сипас пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва пайдо гардидани давлати тозаистиқлол дар минтақа алоқаманд аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мактабҳои пинҳонии омӯзиши ғояҳо ва таълимоти иртиҷоии динӣ, ки як қатори онҳо ғояи динҳои бунёдгароро таълим медоданд, дар давраи шуравӣ мавҷуд буданд. Маҳз аъзоёни чунин ҷамоаҳои динӣ дар бунёди гурӯҳҳои диниву ғоявӣ, ки бахри ба даст овардани ҳокимият истифода мегардиданд, фаъолона ширкат намудаанд. Бо пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст овардани истиқлолияти миллӣ аз тарафи Тоҷикистон, барои бунёдгароёни маҳаллӣ зарурат пеш омад, ки бо намояндагони ба қавле “исломи ноб”, ки солҳои 90-ум ба Тоҷикистон ворид гардида буданд, рақобат намоянд. Дар ин рақобат бунёдгароёни маҳаллӣ одатан номуваффақ буданд [2-М].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки пас аз солҳои 2015-2016 миқдори ҷангиёни ташкилоти террористии “Давлати исломӣ” дар ҳудуди Афғонистон рӯз аз рӯз зиёд гардида истодааст. Мувофиқи баъзе сарчашмаҳо миқдори умумии ҷангиён имрӯз ба даҳ ҳазор наздик аст, ки барои тамоми ҷомеаҳои миллӣ, аз ҷумла Тоҷикистон фишори ҷиддӣ расонида, боиси болоравии ифротгароии динӣ дар ҳудуди он гардидааст. Мувофиқи баҳогузории далелҳои оморӣ муайян карда шудааст, ки дар ҳудуди Афғонистон ва Покистон қариб 4 ҳазор ҷангиёни давлати исломӣ аз давлатҳо ва ҷомеаҳои миллӣ қарор доранд [3-М].

Созмону ҳаракат ва гурӯҳҳо, аз қабили “Ал-Қоида”, “Ҷундуллоҳ”, “Ҳаракати Исломии Ӯзбекистон”, “Ҷиҳоди ислом”, “Ҳаракати Толибон”, “Ансоруллоҳ”, “Ҳизб-ут-Таҳрир” ва амсоли инҳо, ки аз ҷониби як қатор давлатҳо ҳамчун ташкилотҳои террористӣ-ифротӣ дониста шудаанд, бо густурда намудани фаъолияти худ ва анҷом додани амалу кирдори ҷинояткорона мехоҳанд нуфузу эътибори худро боло баранд. Нагирифтани пеши роҳи ин хатари умумибашарӣ метавонад боз ҳазорҳо мардуми осоиштаро аз ҳаёт маҳрум созад, зеро дар қалбу вуҷуди онҳое, ки чунин зулму ситам ва афкору андешаи ҷоҳилона ҷой гирифтааст, ба ҷуз бадбахтӣ ва маҳрумият, дигар андешаи солиме ҷой надорад. Харобу валангор гардидани садҳо бинову иншоот, ҷон бохтани мардуми осоишта, фирор намудани аҳолӣ аз макони зист подоши расидан ба ҳадафҳои ҷинояткоронаи ин гурӯҳҳо аст [3-М].

Дар шароити имрӯза базаи зарурии мубориза бо ифротгароии динӣ дар тамоми ҷомеаҳои миллӣ бунёд карда шудааст. Тоҷикистон дар алоҳидагӣ ва бо ҳамкорӣ бо дигар давлатҳо дар шакли дастаҷамъӣ – дар доираи созмону ташкилотҳои минтақавӣ ба масъалаҳои амнияти миллӣ ва дастаҷамъӣ диққати махсус равона менамоянд, ки самти асосии он мубориза бо ифротгароии динӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити имрӯза, шаклҳои зӯриву зӯроварии мубориза бар зидди ифротгароии динӣ барои рушди минбаъдаи он мусоидат менамояд. Ба ақидаи мо, зарур аст, ки дар мубориза бо ифротгароии динӣ корҳои ғоявӣ, махсусан миёни ҷавонон пурзӯр карда шавад. Зеро, яке аз омилҳои асосии рушд ва мустаҳкам гардидани мавқеи ифротгароёни динӣ дар шароити Тоҷикистон, тарғиботҳои ғоявӣ ба ҳисоб меравад [8-М].

Мубориза бо терроризми динӣ, ба роҳ мондани таълимоти динӣ, баланд намудани сатҳи шуури динии аҳолӣ дар ҷомеаҳои миллӣ низ ба ҳисоб меравад, зеро дар аксарияти ҳолатҳо, одамон арзиш ва унсурҳои

диниро дарк карда наметавонанд ва ба ин ё он созмон ё ҳаракати ифротӣ пайваст мегарданд. Таъмини сатҳи баланди рушди иҷтимоиву иқтисодӣ бояд самти дигари мубориза бо ифротгароии динӣ бошад, зеро нодориву камбизоатӣ, яке аз заминаҳои асосии ҷалби оммаи мардум, махсусан ҷавонон ба ҳаракат ва созмону ташкилотҳои мавҷудаи ифротгароӣ дар ҷомеаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир, ба ақидаи мо, дар шароити имрӯза, ҷомеаҳои миллӣ ба ислоҳоти иҷтимоиву иқтисодии рушди ҷомеа эҳтиёҷ доранд [3-М].

Илова бар ин, ба ақидаи мо, фаъолияти мақомоти давлатии идора ва танзими муносибат ва масъалаҳои динӣ, яъне исломи расмӣ, бояд дар самти мубориза бо ифротгароии динӣ самаранок гардонида шавад. Онҳоро зарур аст, ки ба ҳар як омил ва унсури динӣ, ки аз ҷониби ифротгароён барои ҷалби оммаи мардум истифода мегардад, баҳои воқеӣ дода, дар ин самт тафсири воқеии матнҳои диниро ба мардум фаҳмонанд.

Ҳамин тариқ, қайд намудан зарур аст, ки дурнамои ифротгароии динӣ дар давлатҳо ва ҷомеаҳои миллӣ аз омилҳои гуногун, вазъияти иҷтимоиву сиёсии дохилӣ ва берунӣ вобаста аст. Мо чунин мешуморем, ки дар ҷомеаҳои миллӣ таҳдид ва хатари ифротгароии динӣ ба таври ҳамешагӣ эҳсос карда мешавад.

Дар ҳолати пайдо шудани моҷаро давлат на ҳамеша метавонад ба таҳдидҳо ва хатарҳои созмону ташкилотҳо ва ҳаракату ҷараёнҳои иртиҷоиву ифротгароӣ мухолифат нишон диҳад, зеро бо роҳу воситаи зӯроварӣ ва истифодаи васеи қувва фурӯ нишондани моҷаро мушкилоти ҷойдоштаро бартараф карда наметавонад.

## Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Дар асоси таҳқиқи мавзуи мазкур, муаллиф чунин тавсияҳо пешниҳод менамояд:

-пурзур намудани фаъолияти сохторҳои давлатӣ дар амалӣ намудани назорати ташвиқоту тарғиботи ғояҳои ифротгароӣ, аз он ҷумла ифротгароии динӣ ва маҳдуд намудани онҳо;

-бунёд намудани институти алоҳида оид ба омӯзишу таҳлили вазъияти динӣ дар ҷомеаҳои миллӣ;

-пешгирӣ намудани ташвиқоту тарғиботи ифротгароии динӣ ҳамчун падидаи манфӣ тариқи воситаҳои ахбори умум, матбуоти даврӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ;

- таҳия намудани захираи электронии барномавӣ дар хусуси муаррифии хусусиятҳои манфии ифротгароии динӣ ва гузоштани онҳо дар барномаҳои Playmarket ва Appstore;

- барои тарбияи дуруст ва аз лаҳзаҳои аввал пешгирӣ намудани гузариш ба ифротгароии динӣ, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷорӣ намудани фанни махсуси таълимӣ зери унвони "инсондӯстӣ" (гуманизм);

- дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои намояндагии динҳои гуногун дар миён гузоштани "диалог-гуфтугӯйи миёни динҳо" ва бо ин васила пешгирӣ намудан аз ғояҳои ифротгароӣ ва террористӣ;

- таҳия намудани рӯйхати ягонаи адабиёт ва веб сайтҳои хусусияти ифротгароидошта;

- баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ дар асоси арзишҳои миллии бунёдӣ;

- бо намояндагӣ аз олимон ва руҳониёни ҷомеаҳои миллӣ, таъсис додани маркази махсуси таҳлилию ташхисӣ дар хусуси якҷоя амал намудан бар муқобили терроризм ва ифротгароии динӣ.

# АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

## Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ


[1]. Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ барои солҳои 2021-2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №265;

[2]. Барномаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пурзӯр намудани мубориза бар зидди терроризм дар солҳои 2000-2003;

[3]. Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ), ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2006, №1717;

[4]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 июни соли 2016, №240 “Дар бораи тасдиқ намудани Номгӯи мақомоти ҳокимияти иҷроия ва дигар сохторҳои давлатӣ, ки дар доираи ваколатҳояшон дар мубориза бар зидди терроризм иштирок менамоянд”.

[5]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амният”. (Ахбори маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №6, мод. 434; с. 2014, №11, мод. 646; Қонунҳои ҶТ аз 15.03.2016 с., № 1283; аз 03.08.2018 с., № 1540) ш. Душанбе, 28 июни соли 2011. № 721;

[6]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013 №3, мод. 201; с. 2016, №5, мод. 365; Қонуни ҶТ аз 24.02.2017, №1407) ш. Душанбе, 19 марти соли 2013, № 961;

[7]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди терроризм”. (АМОҶТ с. 1999, №11, мод.275; с. 2005, №3, мод.116; с.2007, №5, мод.355; с.2008, №10. мод. 802; с.2012, №8, м.816, с. 2013, № 6, мод.407; с.2014,№11, мод.647, мод.648; с.2015,№12, қ.1, мод.1112). № 845, ш.Душанбе,16 ноябри соли 1999.

[8]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)”, (АМОҶТ с. 2003, №12, мод.695; с.2007,

